## ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХӢ, ИҚТИСОДӢ ВА ҲУҚУҚИИ РУШДИ ҶОМЕА
## HISTORIC, ECONOMIC AND LEGAL ASPECTS OF SOCIETY DEVELOPMENT

# АРЗЁБИИ САМАРАНОКИИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ВА РОҲҲОИ ТАҲКИМИ ОН ДАР ДАВЛАТИ ИҶТИМОӢ

**Куганов Н. К.**
*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

**Аннотатсия.** Ба мавзуи «Арзёбии самаранокии идоракунии давлатӣ ва роҳҳои таҳкими он дар давлати иҷтимоӣ»

Дар мақола меёрҳои асосии арзёбии идоракунии давлатӣ ва роҳҳои таҳкими он дар давлати иҷтимоӣ мавриди таҳқиқи қарор гирифтааст. Мауалиф асоснок намудааст, ки мафҳуми "меъёри самаранокӣ" дар системаи арзёбӣ ҷойгоҳи марказиро ишғол менмояд ва бо мафҳуми арзишу нафънокӣ, ки дар он падидаҳо ва ё ҳодисоти сифативу миқдории иҷтимоиву иқтисодӣ ифода менамояд, алоқаман мебошад. Ин сифатҳо дар қатори объектҳои муҳими арзёбии натиҷаҳои фаъолияти идоракунии шаклҳои гуногуни давлатӣ дахл доранд.

**Калидвожаҳо:** давлат ва идораи давлатӣ, самранокии идораи давлатӣ, меъёр ва нишондиҳандаҳои самранокии идоракунӣ, самарнокии иҷтимоиву иқтисодӣ, бахши давлатии иқтисодиёт, институтҳои ҳокимияти давлатӣ, вазифаҳои иҷтимоимву иқтисодии давлат, таносуби хароҷоту наъф.

**Аннотация.** На тему "Оценка эффективности государственного управления и пути его укрепления в социальном государстве".

В статье исследуются основные критерии оценки государственного управления и пути его укрепления в социальном государстве. Автором обосновано, что понятие "критерий эффективности" занимает центральное место в системе оценок и связано с понятием ценности и полезности, в котором оно выражается как социально-экономическое качественно-количественное явление или явление. Эти качества относятся к числу важных объектов оценки результатов управленческой деятельности различных форм государства

**Ключевые слова**. государство и государственное управление, эффективность государственного управления, нормы и показатели эффективности управления, социально-экономическая эффективность, государственный сектор экономики, институты государственной власти, социально-экономические функции государства, соотношение затрат и выгод.

**Annotation.** On the topic"Assessment of the effectiveness of public administration and ways to strengthen it in a welfare state".

The article examines the main criteria for assessing public administration and ways to strengthen it in a welfare state. By the author proved that the concept of "efficiency criterion" occupies a central place in the evaluation system and is related to the concept of value and usefulness, in which it is expressed as a socio-economic qualitative and quantitative phenomenon or phenomenon. These qualities are among the important objects of evaluating the results of management activities of various forms of government.

**Key words**. state and public administration, efficiency of public administration, norms and indicators of management effectiveness, socio-economic efficiency, public sector of the economy, institutions of state power, socio-economic functions of the state, cost-benefit ratio.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 омадааст, ки “фароҳам овардани шароити то ҳадди имкон мусоид барои зиндагӣ ва инкишофи минтақаҳо бояд принсипи асосии фаъолияти кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ гардад. Бо ин мақсад бояд иқтидори ниҳодҳои давлатӣ таҳким дода шуда, низоми ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шарикони рушд такмил дода шавад”[1,с37]. Барои таҳкими иқтидори институтҳои ҳокимияти давлатӣ ва мукаммал гардонидани вазифаҳои иҷтимоие, ки онҳо ба иҷро мерасонанд, асоснокунии муносибатҳои мушахаси методӣ чиҳати арзёбии самранокии фаъолияти онҳо муҳим мебошад.

Дар мафҳуми “меъёри самаранокӣ” арзёбӣ ҷойгоҳи марказиро ишғол намуда ба мафҳуми “арзиш” робита дорад. Мафҳуми “арзиш” ба аҳамияти падида ва ё ҳодисоти иҷтимоиву иқтисодӣ ишора мекунад. Бинобар он вай ба сифати объектҳои арзёбӣ натиҷаҳои фаъолияти идоракунии шаклҳои гуногун, аз он ҷумла давлатӣ низ дахл дорад. Дар ин маврид, объектҳое мавриди арзёбӣ қарор мегиранд, ки муҳиммияти иҷтимоии онҳо дар доираи ғояҳову стан-дартҳои муайян, усулҳо, ҳадафҳо, консепсияҳо, ғайра муайян карда мешаванд.

Ҳамаи ин арзишҳо дар асоси ташаккули меъёрҳои арзёбӣ намудани самаранокии самтҳои гуногуни фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ қарор мегиранд. тасмимгириҳои субъекти ҳукмрон ниҳода шудаанд. Арзишҳои бунёдии давлат, ки аз тарафи созмонҳои сиёсиву ҷамъиятӣ ва элитаҳои сиёсӣ ва пешвоёни сиёсӣ ташаккул дода мешавад, аз таҷрибаи таърихӣ юардошта шуда дар майддони ҳуқуқӣ мустаҳкам карда мешаванд. Пас онҳо дорои аҳамияти умумӣ пайдо мекунад ва сифати объективиро нисбат ба аъзоёни ҷомеа ва ба субъектҳои идоракунанда пайдо меунад. Фарқият дар байни арзишҳои расман эълоншуда ва фаъолияти амалии маъсулини бахши идора давлати, хизматчиёни давлатӣ сатҳи самранокии идоракунии давлатиро муаяйн менамояд. ҳамон қадаре, ки ин фарқият калон бошад, ҳамон қадар самранокии идораи давлати паст мешавад ва баръакс”[2,с 9-18 ].

Усулҳои идоракунии давлатӣ бояд дар пояи меёрҳои самаранокӣ қарор сурат гирад. Зеро, методҳои идоракунӣ ба таври объективӣ вобаста ба талаботи меъёрии дар натиҷаи идоракунии иҷтимоӣ ва давлатӣ андӯхташуда ва таҷрибаи воситаҳои танзими алоқамандиҳои байни ҳадафҳо ва натиҷаҳои фаъолияти идоракунӣ густариш меёбанд. Дар методҳои идоракунии давлатӣ сифатҳои умумии қонунҳои объективии идоракуниро инъикос меёбанд, муносибатҳову раванди идоракунӣ  вобаста ба татбиқи вазифаҳои иҷтимоиву иқтисодии давлат сурат мегирад ва ҳамзамон ташаббус ва худфаъолиятии объекти идорашаванда – аҳолӣ ва гуруҳҳои иҷтимоиро ҳавасманд мегардонад.  Ҳар як методҳои идоракунӣ новобоста аз шакл ва намудҳои бо меёрҳои умумиву вижагӣ вобаста ба ҳадафу самтҳои фаъолият дар риштаи арзёбии самоанокӣ қарор мегирад.

Аз ҷанбаи назариявӣ арзёбии самаранокии идоракунии давлатӣ қоидаи (тартиби) муқоисаи натиҷаҳои ин ё он тасмимгирӣ бо аломатҳои муайян-кунандаи меъёр (арзишҳо, манфиатҳо, ҳадафҳо ва меъёрҳои расман эътироф-шударо) сурат мегирад. Мухолифати байни омилҳои субъективӣ ва объек-тивии идоракунӣ низ дар қоидаи арзёбӣ ҳамчун раванди ошкор намудани зиддиятҳо хидмат менамояд. Зеро, мухолифаат ва ё зиддиятҳои сифати объективӣ дошта манбаи рушд мебошад. Ба назар гирифтани ҳамаи гуногуншаклии тамоюлот ва талабот, манфиатҳо ва дархостҳои воқеии ҷомеа ва инъикоси онҳо дар ҳадафҳо ва стратегияҳо, лоиҳаҳо ва нақшаҳо, инчунин ба назар гирифтани таъсири ҳолати мунтазам тағйирёбанда низ зарур аст. Дар ҳаёти воқеи чунин тазод вомехурад: фосилаи байни мавҷуда ва лозимӣ, воқеӣ ва дилхоҳ, имкониятҳои татбиқшаванда ва эҳтимолии давлат ва

ҷомеа, номувозинатии натиҷаҳои ба даст овардашуда ва имкониятҳои амалинашуда, захираҳои воқеии мавҷуда ва ҳаҷми талабот ба он, номутавозии ҳаҷми даромад ва хароҷот дар низоми идораи давлатӣ ваномутаносибии ҳадафҳо ва миқёс бо имкониятҳои воқеӣ ва талаботи объективӣ ва ғ.

Бинобар он вазифаи идоракуниро ҳалли муаммоҳо, бартараф намудани мухолифтаҳои зикршуд ташкил медиҳад, ки он сатҳи баланди иқтидори зеҳнии системаи идоракунии давлатиро тақозо менамояд. Ин вазифаи зикршудаи тавофути арзёбии самаранокии идоракуниро аз татбиқи вазифаи назоратӣ нишон медиҳад. Дар системаи идоракунии давлатӣ унсури назорат (муқаррар намудани мутобиқати натиҷаи иҷрои вазифаҳо бо ҳадафҳо, раванди арзёбиро ифода наменамояд ва ё ба охир намерасад. Зеро дар раванди иҷрои вазифаҳои давлат чизи муҳимро арзёбии миқдориву сифатии мутобиқати тасмимгирӣ бо рисолатҳо, вазифаҳо ва ҳадафҳои мақомоти идоракунӣ ташкил медиҳад.

Таъмини баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ ҳамкории мутақобилаи омилҳои зиёдеро тақоз менамояд. Ин омилҳо маҷмӯи фаъолияти идоракуниро дар ҳамаи бахшҳои ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ муаяйн менамояд.(нигар расми 1.) Аз ин лиҳоз, масъалаи баррасишаванда танҳо ба арзёбии механики самаранокӣ ба охир намерасад. Дар адабиёти илмӣ дар баробари меёри умумии самаранокӣ боз меёрҳои вижагӣ барои ҳар як бахш фаъолияти идоракунии давлатӣ коркард карда шудааст[3,с 9-18 ]. Мутобиқати натиҷаҳои фаъолияти идоракунӣ бо арзишҳои муайяни давлатӣ, ҳадафҳо ва меъёрҳо, усулҳои идоракунӣ ва манфиатҳои ҷамъиятӣ дар муҳтавои меъёрҳо ворид карда шудаанд[4,с 9-18 ].




**Расми 1. Омилҳои таъсиррасон ба самаранокии идоракунии давлатӣ.**

Дар амалия хусусияти хос бо аломатҳои муҳими самаранокӣ бештар барои идоракунии сиёсӣ(сатҳи рушди фаъолнокии сиёсии мардум ва ҳимояи ҳуқуқҳову озодиҳои инсон) ва дар идоракунии иҷтимоӣ (рушди индикаторҳои сатҳи зиндагӣ ва сифати ҳаёт ва ғайра) рабт дода мешавад.

Аммо, аз таҷрибаи ислоҳот бармеояд, ки иваз намудани меъёри умумии арзёбии самаранокии идоракунии давлатӣ бо маҳакҳои "соф" иқтисодӣ ва ё сиёсӣ, боз ҳам бадтар, бо маҳаки идеологӣ, чандон барои баррасии объективии мушкилоти воқеии ҷомеа хизмат

карда наметавонад. Дар бораи дурнамоҳои рушд тавсияи комил дода наметавонад. Дар асарҳои олимони ватанӣ меъёрҳои арзёбии самаранокии иҷтимоии идоракунӣ таҳқиқ ва тавсиф шуданд. Дар миёни меъёрҳо ба ҳайси меъёри умумӣ – умқи баҳисобгирӣ ва ифодаи он дар тасмимгириҳо ва амалҳои идоракунии талаботи асосӣ ва ҷомеъ зикр карда мешавад. «Ҳадафҳои идоракунии давлатӣ дар доираи детерминантҳои шарт-номаи ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама таъмини ситҳ ва сифати муайяни ҳаёти аҳолӣ зоҳир мешавад, ки баёни ғайримустақими ҳадафҳои рушди иқтисодӣ ва ғайра мебошад»[5,с9-18]. Меъёрҳои дигари зоҳиршавии фаъолияти идоракунӣ дар бахши иҷтимоӣ ба мисоли сатҳи мутобиқати самтҳо, муҳтаво ва натиҷаҳои фаъолияти ниҳодиҳои давлатӣ дар ҳалли масаълаҳои иҷтимоӣ ифода карда мешавад.

Амалигардии ҳадафҳои дорои аҳамияти умуми новобаста аз хароҷоти зиёд, ки ба як тараф нафъи иҷтимоиву иқтисодии калон меоваранд, вале сабаби талафоти калон намегарданд, метавон тасмимгириҳои мушаххаси сама-раноки ниҳоди давлатир муносиб ҳисобид, таъмин намоянд. Тасмимгирие, ки барои ҳамаи тарафҳо натиҷаҳои муҳими мусбат меоварад, тасмимгии мусбӣ ҳисобида мешавад, Яъне. дар ин маврид якҷоякунии амалҳои мухолиф, гурӯҳи манфиатҳо, бартарафсозии манбаъҳои мушахаси низоъҳо ё танзимшавандагии охиринҳо рӯи кор меояд[5,с 9-18 ].

Дар натиҷаҳои иддоракунии давлатӣ нигоҳ ва арзёбии тамоми ҷомеа, гурӯҳҳои алоҳидаи он ва ҳар як аъзои ҷомеа дар алоҳидагӣ ифода меёбад. Зеро дар самаранокии идораи давлатӣ индикаторҳои тағйирёбии сатҳ ва сифати ҳаёти аҳолӣ, ки тавассути рушди бахшҳои иҷтимоӣ, иқтисодиёт ба даст овар-дашуда, амнияти миллӣ, ҳамкории байналмиллалӣ ва ғайра ифода меёбад. Чуноне, ки рақамҳои ҷадвали 1 нишон медиҳад, дар натиҷаи густариши механизмҳои идоракунии давлати нишондиҳандаҳои макроиқтисоди сифати динамики гирифтааст. Дар соли 2024 аҳолии мамлакат нисбат ба соли 2022 дар сатҳи 2 фоиз зиёд шудааст. Аммо нишондиҳандаҳои иктисодиии мамлакат сураъати баланди афзоиш гирифтааст. ММД бо нархҳои ҷорӣ соли 2024 8,3%, теъдоди шуғл – 3,4%, шумораи бекории бақайд гирифта шуда то сатҳи 89,5% поён фаромадааст.

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ**

| **Категорияи маълумотҳо ва қисматҳои меъёрҳои (стандартҳои) махсуси паҳн кардани маълумотҳо (ММПМ)** | **Воҳиди ченак** | **Маълумотҳои мушоҳида** | | | **Бо ҳисоби фоиз дар соли 2024** | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **Санаи охирини навкунӣ** | **Маълумотхои с. 2022** | **Маълумотҳои с. 2023 пешакӣ** | **нисбат ба ҳамин давраи соли 2023** | **нисбат ба ҳамин давраи соли 2022** |
| Аҳолӣ | аз. нафар | 2024 | 10078,4 | 10277,1 | 101,9 | 102,0 |
| ММД бо нархҳои ҷорӣ | млн. сомонӣ | 2024 | 118181,7 | 130791,5 | 108,0 | 108,3 |
| Шуғл | ҳаз. нафар | 2024 | 2545,0 | 2633,4 | 101,7 | 103,4 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Бекории бақайд гирифта шуда | ҳаз. нафар | 2024 | 55,0 | 49,2 | 100,0 | 89,5 |
| Музди меҳнати моҳона | сомонӣ | 2024 | 1760,29 | 2013,11 | 104,4 | 114,3 |
| Индекси нархҳои истеъмолӣ, | (нисбат ба соли гузашта,%) | 2024 | 104,2 | 103,8 | 106,6 | 103,7 |
| Даромади бучет | млн. сомонӣ | 2024 | 36056,8 | 43150,9 | 120,0 | 119,7 |
| Даромади буҷет | бо ҳисоби % нисбат ба ММД | 2024 | 30,5 | 33,0 | 102,7 | 108,2 |
| Хароҷоти буҷет | млн. сомонӣ | 2024 | 35338,9 | 41281,3 | 120,4 | 116,8 |
| Хароҷоти бучет | бо ҳисоби % нисбат ба ММД | 2024 | 29.9 | 31,6 | 103,1 | 105,7 |

Манбаъ: https://www.stat.tj/nishondihandahoi-makroiktisodi/

Музди меҳнати моҳона соли 2024 нисбат ба соли 2022 дар сатҳи 14,3 баланд шудааст, ки аз сатҳи индекси нархҳои истеъмолӣ (3,7%) баланд мебошад, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки сатҳи музди меҳнати воқеии коргарнои соҳаҳои иқтисодиёт баланд шуда истодааст. Афзоиши ММД имконият додааст, ки афзоши ҳаҷми бучеди давлатӣ 19,7 зиёд шуда ҳиссаи он дар ММД 8,2 фоиз афзояд. Хароҷоти бучети давлатӣ бошад дар ин давра 16,8% афзуда ҳиссаи он дар ММД 5,7 % зиёд шавад.

Вале ин ин индикаторҳои миқдорӣ ҷанбаҳои мухталифи самаранокии идоракунии давлатиро бо пуррагӣ ифода карда наметавонад. Бинобар он зарурати арзёбии самаранокии идоракунӣ дар марҳалаи омодасозии тасмим-гирии идоракунӣ ба миён меояд, ки метавонад ба андозаи муайян дараҷаи кофии онро кафолат диҳад. Чуноне, ки дар боло ишора намудем, арзёбии идоракунӣ бояд нисбат ба хусусият, дараҷа, самаранокии ташкил ва амалкарди низоми идоракунии давлатӣ ва натиҷаҳои он сурат гирад. Ин ҷо бояд вақт, шаклҳо, тартибот, пайомадҳо қаблан муайян шуда бошанд ва ин нишондиҳандаҳо бояд ба ҳайси ҷузъи табиӣ ва зарурии идоракунӣ табдил ёбанд. Дар мавриди арзёбии системаи идоракунии давлатӣ бояд нишонди-ҳандаҳои нисбии зерин истифода шаванд:

- таносуби ҳадафҳои воқеан амалишуда ва ҳадафҳое ки ба таври объективӣ тавассути дархостҳои ҷомеа муаяйн карда шудаанд;

-таносуби ҳадафҳои татбиқ кардашуда ва натиҷаҳои ба даст овардашуда (тасмимгириҳо ва амалҳо);

- таносуби натиҷаҳои идоракунӣ ва ҳаҷми талабот ва манфиатҳои ҷомеа;

-таносуби хароҷот идоракунии давлатӣ боо натиҷаҳои объективии тавассути идоракунӣ ба даст овардашуда;

-хиссаи имкониятҳо ва ё иқтидори идоракунӣ ҷойдошта ва дараҷаи истифодаи воқеии онҳо.

Дар амалия арзёбии самаранокии идоракунии давлатӣ самтҳои зерин маъмул мебошад:

- арзёбии раванди иҷро;
- арзёбии натиҷаҳо;
- арзёбии пайомадҳо;
- арзёбии самаранокии иқтисодӣ.

Дар мавриди арзёбии самаранокии системаи идоракунии давлатии сатҳои гуногун бисёр методҳо ба мисли методи муқоиса, методҳои коршино-сӣ, моделсозӣ ва ғайрат истифода мешавад. (ниг.: расми 2.).

Ҳадафҳои идоракунӣ ва объекти он тарҳи интихоби навъи арзёбӣ ва методҳои онро муаяйн менамояд. Дар ин маврид манфиатҳои ниҳодҳои давлатӣ, гурӯҳи шахсони манфиатдор, шароити иҷтимоию сиёсӣ, мавҷудияти захираҳои лозимӣ ва бисёр омилҳои дигар низ таъсир мерасонад. Маҷмӯи фаъолиятҳоро вобаста ба арзёбии самаранокии идоракунии давлатӣ метавон тавассути таҳқиқоти илмӣ ва шаклҳои анъанавӣ гузаронид.




**Расми 2. Методҳои арзёбии самаранокии идоракунии давлатӣ**

Омӯзиши равандҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсиро таҳқиқоти илмӣ пайваста бо истифодаи методология ва методҳои гуногуни амалӣ мегардонад. Натиҷаҳои ин татқиқот асосҳои назариявӣ ва амалии идоракунии давлатиро ғанӣ мегардонад. Аммо, чунин намуди татқиқот вақту хароҷоти зиёдро талаб мекунад. Гузарондани таҳқиқоти илмӣ тавссути истифода метоҳои зерин сурат мегирад: пурсишҳои сотсиологӣ (анкетакунонӣ ва суҳбаткунӣ),мушоҳида (пинҳонӣ ва ошкоро), арзёбиҳои коршиносона, моделсозӣ, ташаккули гурӯҳҳои назоратӣ, гузарондани таҷрибаҳо ва ғайра.

Гуногуният ва мураккабияти объектҳои идоракунии давлатӣ, водор мена-мояд, ки ҳангоми арзёбии самаранокии фаъолияти идоракунӣ методҳои таҳлили бисёрченакаи оморӣ васеъ истифода карда шаванд. Ин метод имкон медиҳад, ки гурӯҳбандии объектҳои мушоҳида дар синфҳо, баррасии онҳо дар ҳолати инкишоф, таъғироти сифатӣ сурат гирад, ки барои тавсифи худи объектҳо ва ҳам барои мониторинги пешрафт шароит фароҳам меоваранд. Методи муқоиса ин методи аз ҳама васеъ паҳншуда буда, имкон медиҳад, ки навъҳои мухталифи муқоиса, ба мисли қиёс бо супоришҳои нақшавӣ, бо нишондиҳандаҳои давраҳои гузашта, бо нишондиҳандаҳои эталонӣ, стандартӣ ва ё миёна барои давраи муайян истифода шаванд. Масалан, арзёбии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дар буриши

давраҳои гуногун (панҷсола), муқоисаи бо нишондиҳандаҳои воқеӣ ва ё барномаи панҷсолаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҷой дошта мавриди таҳлил қарор гирад.

Азбаски нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ на ҳамеша ҳолати рушди ҷомеаро инъикос менамояд, бинобар он зарурати коркарду истифодаи меёрҳое, ки қобилияти инъикос намудани сифати зиндагӣ ва натиҷаҳои зуҳури иқтидори эҷодии инсонро инъикос менамояд, ба миён меояд. Ин ҷо дар назар дорем, ташкили идоракунии корпоративиро дар ташкилотҳои давлатӣ дар назар дорем. (расми 3.)




**Расми 3. Таҷрибаи хориҷии арзёбӣ ва идоракунии самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ**

Дар оғози асри XXI пайваста бо гузарондани ислоҳоти миқёсан калони маъмурӣ дар мамолики тамаддуни ҷаҳонӣ идоракунии корпоративӣ маъруфият пайдо кардааст. Ва ин раванд дар ташаккули тамсилаҳои мухталифи арзёбии самаранокии фаъолияти ниҳодҳои давлатии зоҳир мешавад. Дар ин ҳолат чунин равандҳо асосан вобаста ба бозбинии нақши вазоратҳо дар низоми идоракунии давлатии бисёре аз кишварҳо буд, ки бо тафриқаи арзёбиҳо аз рӯи сатҳи идоракунии давлатӣ якҷоя шудааст. Истифодаи он баро мамлакати мо аз манфиат холӣ намебошад.

**Адабиёт:**

1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, с.37;
2. Мирсаидов А.Б. Постулатҳои асосии иқтисодиёти институсионалӣ// Экономика Таджикистан-2021. - № 4. – С. 9 – 18 ISSN 2310-3057;
3. Мирсаидов А.Б. Постулатҳои асосии иқтисодиёти институсионалӣ// Экономика Таджикистан-2021. - № 4. – С. 9 – 18 ISSN 2310-3057
4. Ниг: Мирсаидов А.Б. К вопросу определения социальной ставки дисконта для оценки государственных социальных инвестиций// Экономика Таджикистан № 3, 2024, с.9-18, ISSN2310-3957;

5. Саранцев В. Н. Место аудита эффективности в сфере использования бюджетных средств // Финансы. - 2010. - № 1. - С. 12.
6. https://www.stat.tj/nishondihandahoi-makroiktisodi/

**Маълумот дар бораи муаллиф/Сведения об авторе/Information about the author**:

**Куганов Неъмат Камолович,** н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Тел: 918 70 48 37

**Куганов Неъмат Камолович,** к.э.н., доцент кафедры бухгалтерского учета и аудита Кулябского государственного университета имени А. Рудаки. **Телефон:** 918-70-48-37.

**Kuganov Nemat Kamolovich**, Ph.D. in Economics, Associate Professor of the Department of Accounting and Auditing, Kulyab State University named after A. Rudaki. Phone: 918-70-48-37

## БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ НАҚЛИЁТӢ ВА МОДЕЛҲОИ ОН ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИСТЕҲСОЛОТИ ҶАМИЯТӢ

**Хидиров Ф. Х.**

*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ*

**Аннотатсия.** Дар мақола баъзе хусусиятҳои фароҳам овардани хизматрасонии нақлиёти мусофирбар ба муносибати модеҳои навоварона баррасӣ карда мешаванд. Муаллиф исбот кардааст, ки дар ҷараёни иҷрои вазифаҳои нав, ки дар доираи эволютсияи инноватсионии экологии системаи технологӣ ташаккул ёфтааст, истифодаи усулҳои нави хизматрасонии нақлиётӣ имконпазир мегардад. Иҷрои ҳар як функсияи системаи технологӣ хароҷоти муайянро талаб мекунад, аз ин рӯ, система камтар вазифа дорад, ҳамон қадар он арзонтар аст

**Калидвожаҳо**: хизматрасонӣ, нақлиёти мусофирбар, равиши навоварона, системаҳои технологӣ, хидматрасонии нақлиётӣ, бо хароҷоти экологии дар иқтисодиёт саҳми назаррас дорад.

**Аннотация.** В статье рассмотрены некоторые особенности оказания услуг пассажирского транспорта на основе инновационного подхода. Автором доказано, что в процессе реализации новых функций, сформированных в рамках инновационной эволюции технологической системы, становится возможным применение новых методов предоставления транспортных услуг. Реализация каждой функции технологической системы требует определенных затрат, поэтому чем меньшим количеством функций обладает система, тем она дешевле.

**Ключевые слова:** услуга, пассажирский транспорт, инновационный подход, технологические системы, транспортные услуги, затраты.

**Annotation.** The article discusses some features of the provision of passenger transport services based on an innovative approach. The author has proved that in the process of implementing new functions formed as part of the innovative evolution of the technological system, it becomes possible to use new methods of providing transport services. The implementation of each function of a technological system requires certain costs, so the less functions a system has, the cheaper it is.

**Key words:** service, passenger transport, innovative approach, technological systems, transport services, costs.

Рушди ҳамкорӣ, интегратсияи иқтисодиёти мамлакатҳои гуногун бартарияти рушди ҳамлу нақли байналмилаллии автомобилиро муайян месозад. Ҳамзамон муммоҳои ҷиддие мавҷуд ҳастанд, ки дар тараққиёти ҳамлу нақли байналмилалии автомобили монеа мешаванд. Ба онҳо муаммоҳои зеринро дохил кардан мумкин аст: -сифати пасти шоҳроххҳои автомобили ва инфрасохтори роҳӣ.

Бозор - тарзи хоҷагидории муносибатҳои байниҳамдигарии чамъият аст. Моҳияти бозор ва муносибатҳои бозорӣ чунин аст:

-озодии истеҳсолот (пешниҳодот);

-озодии талабот (интихоби ҳариф, шарик):

-озодии муқарраркунии нарх.

Механизми асосии амалкунандаи танзими нархҳои бозорӣ ва мувофиқаи пешниҳодоту талабот рақобат мебошад. Мавҷуд набудани яке аз ин ҷузъҳо чунин маъно дорад, ки муносибатҳои бозорй амал намекунанд, робитаҳои мустақим ва бозгашт, ки худҷӯркунӣ ва худтанзимкунии системаро таъмин мекунад, вайрон шудаанд.

Хусусиятҳои соҳаи нақлиётии истеҳсолоти моддй ҳамчунин хусусиятҳои бозори нақлиётиро қаблан муқаррар мекунад. Алҳол дар ҳамаи мамлакатҳо бозори нақлиётй дар ин ё он дараҷа аз ҷониби давлат танзим карда мешавад. Дар бозори нақлиётии Аврупо ҳоло се усули асосии ташкили ҳамлу нақл мавчуд аст:

- бозори пӯшида (сектори давлатй);

- ғайританзимкунии пурра бидуни ҳуқуқҳои истисноӣ;

- рақобати назораткунанда, ки дар он операторҳо ҳуқуқҳои истисноии марбут ба вақт махдуд доранд ва қудрати дар сатҳи баланд иҷро намудани ҳамлу нақлро мунтазам бояд нишон диҳанд.

Таҷрибаи мамлакатҳои мутараққиро бояд даққиқ ва амиқ омӯхт ва муайян кард, ки танзими давлатии фаъолияти нақлиётй чй гуна бояд сурат гирад, дар кадом шароит ва барои чй ин ва ё он маҳдудиятҳо ворид карда шаванд. Давлат вазифадор аст. ки барои соҳибкорй шароит фароҳам оварад ва системаи механизмҳои маъмурй-иқтисодии танзими фаъолияти нақлиёти автомобилиро ташаккул диҳад.

Ҳамлу нақли маҳаллӣ, байнишаҳрй ва байналмиллй бояд бо тарзхои мухталиф танзим карда шаванд. Дар байни статус (вазъият)-и онҳое, ки барои эшон ҳамлу нақл манбаи ягонаи мавҷудият ва онҳое, ки нақлиёти автомобилиро барои амалй намудани фаъолияти асосии худ истифода мебаранд, ҳудудҳои дақиқ бояд гузошт. Соҳибкорони инфиродй мавқеи хосро ишғол менамоянд. Дар ИМА далели асосй ба фоидаи идоракунии давлатии нақлиёт он шуд, ки ширкатҳои хусусй аз сармоягузорй ба рушди қудратҳои накдиётй хавф доранд. Оид ба зарурати дахолати давлатй ба фаъолияти муасссаҳои накдиётй далели дигар он аст, ки объекта таваккали барзиёд мебошад.[1. 22.12.2019.саҳ 86]

Ин омил ба тахассуси ҳам коркунон ва ҳам роҳбарон, инчунин ба риояи реҷаи меҳнат ва истироҳат, талаботи экологй ва риояи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ талаботи қатъй пшниҳод мекунад. Барои иҷрои он дар накдиёти автомобили мебоист сиёсати техникии ягона амалй гардад, қоидаҳои ягонаи ҳамлу нақл ва ғайраҳо ворид карда шаванд ва ҳоказо.

Таъсири давлат ба бозори накдиётй аз рӯи ду равиш амалй мегардад:

-банақшагирй ва сохтмони объектҳои инфраструктура;

-танзими бевоситаи чорчӯбавии фаъолияти истифодабарӣ.

Банақшагирӣ ва иншо намудани объектҳои инфраструктура (робитаи ноҳияҳои дурдаст бо қисмати марказӣ ва ноҳияҳои дигар) ба шиддатнокии кори нақлиёт дар ин маҳалҳо таъсир мерасонад.

Дахолати бештари давлат бевосита ба кори истифодабарии накдиёт ба вуқуъ мепайвандад. Он аз рӯи се сатҳ амалӣ мегардад:

-қонунгузории мухталифи меъёрӣ (андозаи роҳи тормозӣ, таркиби газҳои нартов, дараҷаи ғалоғула ва гайра. Қабули қонунҳои Евро - 1, Евро - 2, Евро - 3 ва Евро - 4 дар мамлакатҳои Иттиҳоди иқтисодии аврупоӣ) боиси махдудияти назарраси воридшавии таркиби ҳаракаткунандаи накдиёти автомобилӣ ба ин малакатҳо гардид;

-тарифҳо (давлат тарифҳоро ҳамчун воситаи сиёсати иқтисодӣ истифода мебарад.

Дар ин шароит таносуби даромад ва хароҷот мувофиқати имкониятҳои нақлиётро ба хусусияти талабот нишон намедиҳад);

-иҷозатномакунонӣ иборат аст:

Амалияи танзими давлатӣ бо мурури пойдоршавии муносибатҳои бозорӣ мукаммал мегардад ва чунон ки таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, он аз се марҳилаи ногузир Марҳилаи якум - системаи барон худи худ. Ин марҳила ташаккули қонунгузории заминавӣ, ташаккули мақомот ва механизмҳои идоракунии навро дар бар мегирад. Воридшавии маҳдудиятҳо ва талаботҳои нав ба танзими даркшаванда маҳсуб нест.

Ин марҳила марҳютаи ҷорикунии тартиботи худмаблағдиҳӣ ва такякунӣ ба амалисозии манфиатҳои хазинаи давлатӣ мебощад.

Марҳилаи дуюм - танзим баҳри соҳибкорон. Ин марҳила бо фаҳмиши давлат вобаста аст, кори пойдор ва бидуни ихтилофи соҳибкорон барои давлат манфиатнок мебошад. Дар ин марҳила шавқмандӣ нисбат ба нишондиҳандаҳои иқтисодии корхонаҳо, чараёни таҳвили тарифҳо, вазъи бозорӣ пайдо мегардад, бо ҳадафи воқеии иқтисодӣ заминаи ҳуқуқӣ аз нав дида баромада мешавад.

Марҳилаи сеюм - танзим комилан барои ҷамъият, ҳангоме, ки муносибатҳои бозорӣ ташаккул ёфтаанд ва пойдор гардидаанд. Ин марҳила бо танзими озоди дохилибозорӣ ҳамзамон бо таваҷҷуҳ ба проблемаҳои умумииқтисодӣ ва иҷтимоии нақлиёт ва инчунин масъалаҳои экология ва интегратсияи байналмиллӣ мавсуф аст. Системаи ватанӣ дар гузариши марҳилаи якум ба дуюм воқеъ аст.

Дар бозори нақлиёти автомобили дар ҳамаи мамлакатҳо рақобати суст мушоҳида мешавад. Яке аз сабабҳои рақобати суст он аст, ки дар мавриди сохтори комилан мухталифи талабот нисбат ба ҳамлу накл муассисаҳои нақлиётии калон, миёна ва хурд метавонанд дар як қисмат (зона)-и ҷуғрофӣ фаъолият намоянд. [2.23.12.2022саҳ 18-30]

Ин бо он вобаста аст, ки муассисаҳои аз рӯи андозаашон мухталиф имконият доранд, ки хизматҳои гуногуни нақлиётӣ-ирсолиро пешниҳод намоянд.

Муассисаҳои начандон калон (хурд) метавонанд бо интиқол машғул бошанд. Муассисаҳои калон бошанд, ғайр аз интиқоли нисбатан босифати борҳо, ба туфайли таркиби ҳаракаткунандаи гуногуннамуд, теъдоди зиёдтар ва бештар ихтисосманди коркунон имконият доранд, ки хизматҳои мураккаби нақлиётӣ- ирсолиро пешкаш намоянд

Сабаби дуюми сустшавии рақобат изоҷатномадиҳӣ ба фаъолияти нақлиётӣ гардид. Соҳаи нақлиётии истеҳсолоти моддӣ начандон соҳаи бозории фаъолият мебошад.Камшавии омодагии техникии таркиби ҳаракаткунанда, фарсудашавии парки воситаҳои нақлиётӣ, бадшавии ҳолати базаи истеҳсолӣ-техникӣ ва ҳамчун нагиҷа - афзоиши ҳиссаи зертаркиби

нақлиётӣ дар маҳсулоти умумӣ (ВВП) ҷамъбасти табаддулот бозории чандинсола дар соҳаи нақлиётии истеҳсолоти моддӣ гардид. Лек нуқтаи дигаре ҳам дуруст аст.

Корхонаи давлатӣ барои тахфифи хароҷот аз ҳисоби захираҳои дохилӣ ва ё гирифтани қарзи тиҷоратӣ кӯшиши кам мекунад. Он бештар бо афзункунии маблагдиҳии буҷавӣ ва пахшкунии маъмурии рақибон машғул аст. Ин гуна рафтори корхонаҳои накдиётии давлатӣ дар бештари мамлакатҳо мушоҳида мешавад.

| Хусусияти фарққунанда | Моделҳои бозор | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Рақобати Холис | Рақобати Монополистӣ | Олигополия | Монополияи холис |
| Теъдоди ширкатҳо | Хеле зиёд | Бисёр | Як чандто | Якто |
| Навъи хизмат | Анъанавӣ | Мухталиф | Анъанавӣ ва мухталиф | Нодир.ивазкунандаҳои шабеҳ мавҷуд нест |
| | Мавҷуд нест | Баъзан. лекин дар чорчӯбаи танг | Маҳдуд бо хамбастагӣ. Барзиёд ҳангоми созиши махфӣ | Зиёд |
| Шартҳои воридот ба соҳа | Хеле осон, монеаҳо мавҷуд нестанд | Нисбатан сабук | Мавҷудияти монеаҳои муҳим | Муҳосирашуда |
| Рақобати ғайринархӣ | Мавҷуд неет | Так я ба реклама, нишонаҳои ширкатӣ, тамғаҳо ва гайра | Ба таври махсус ҳангоми хизматҳои мухталиф • _ — | Рекламаи робитаҳо бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ |

**Хусусиятҳои фарққунандаи моделҳои асосии бозори хизматҳои нақлиёти автомобили**

Бояд қайд кард, ки назорати мустақил, таҳлили серзинаи хароҷот, ситемаи гуногуннавъи шартномавӣ боиси тағйироти куллӣ дар афзоиши самаранокии иқтисодӣ корхонаҳои давлатӣ нагардиданд.Аз он ҷо ки нақлиёт дар фаъолияти истеҳсолии ҳамаи ситемаҳои дигари иқтисодӣ иштирок менамояд ва дар айни ҳол амалиёти интиҳоии технологии истеҳсоли маҳсулотро иҷро мекунад, пас дар шароити иқтисоди бозоргонй, иақлиёт ҳамчун системаи ноустувор боиси вайроншавии устувории системаҳои мухталифи

иқтисодӣ мегардад, ки ин ба тағйироти сохтории пешгӯинашаванда меоварад [3. 2022. ‟ С. 221].

Аз рӯи баъзе нуқтаи назар барои пешгирии ин гуна ҳолатҳо ба системаи рақобатӣ тасбитгар (стабилизатор) ворид кардан зарур аст. Ин гуна тасбитгар метавонад ҳукумати оқилона бошад ва он тадбирҳои зарурии пешгирӣ намудани камшавии назарраси истеҳсолотро андешида сари вақт проблемаҳои иҷгимоиро ҳал намояд. Аз нигоҳи мо тасбитгари дигари системаҳои ноустувори бозорӣ соҳаи нақлиётии истеҳсолоти моддӣ шуда метавонад.

Азбаски нақлиёт соҳаи ғайримустақил буда, аз соҳаҳои дигари истеҳсолоти моддӣ вобаста аст, аз ин лиҳоз ҳамеша бояд дорои имкониятҳои интиқолии мусовӣ (дар ҳолати идеалӣ) бо ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда бошад. Барои ин соҳаи нақпиётӣ мебоист системаи устувор ва пойдор бошад. Бо тарзи дигар, нақлиёт ин сохае ки фаъолияташ аз ҷониби давлат бояд мариди тарҳрезӣ (банақшагирӣ), назорат ва идоракунӣ қарор гирад. Қатъи назар аз аҳамияти рақобат, ҳоло фаҳмиши он, ки моҳияти бизнес дар нақлиёт, чунончи дар ҳамаи равандҳои глобалӣ (умумӣ) ҳамкорӣ мебошад, меафзояд. Ба ин нуқта такя намуда, ба вазифаҳои рақобат (муайянкунии нархҳои бозорӣ ва мувофиқати талабот ва пешниҳод оид ба ҳамлу нақл) вазифаи якҷоякунии манфиатҳои иштирокчиёни раванди нақлиётӣ (истеҳсолкунандагони маҳсулот, интоқолдиҳандагон ва истеъмолгарон) дода шавад. Рақобатро ҳамчун зинаи ҳуқуқи иштирок дар раванди нақлиётӣ истифода намудан мумкин аст.

Намуди анъанавии хизмати муассисаи нақлиёти автомобилӣ - ин худ ҳамлу нақли борҳо ба масофаҳои наздик ва дур (зиёда аз 50 км). Хамлу нақли намуди алоҳидаи борҳо бо таъмини шароити махсуси нигохдории онҳо (масалан, моддаҳои фаъоли химиявӣ, борҳои пошхӯранда, моеъҳо), зарурати дастгирии реҷаи муайяни ҳарорат ва гайра ва бурдарасонӣ (масалан, борҳои калонҳаҷм ва вазнин) вобастаанд.

Ҳоло хизматгузории маҷмуавии нақлиётии муштарӣ истифода мешавад, ки ба он гузоридани хизматҳои гуногуннамуди иловагии марбут ба экспедитсияи нақлиётӣ, таъмини иттилоотии иштироккунандагони раванди нақлиётӣ ва иҷрои муҳосибаҳои байниҳамдигарии зарурӣ дар байни онҳо, иҷрои корҳои боркунӣ-барфарорӣ ва анборӣ, нигохдории муваққатии борҳо ва ҳк. ҳамроҳ мешаванд. Хизматҳои иловагии мазкур аз ҷониби оператор (ташкилкунакцаи бевоситаи ҳамлу нақл) иҷро мегарданд, ҳамчунин ба ин кор муассисаҳои махсусгардонидашуда дар асоси шартномавӣ метавонанд ҷалб карда шаванд.

Муассисаҳои нақлиётӣ, ҳамчун қоида, барои афзоиши ҳаҷми хизматҳояшон бо роҳи бехдошти сохтори парки автомобилҳои боркаш ва ҷалби муштариёни нав кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Васеъкунии маҷмӯи хизматҳои нақлиётӣ, ки ба хусусиятҳои маҳаллӣ ва талаботҳои муштариён ҷавобгӯй мебошанд, аз он ҷумла системаи имтиёзҳо ва гузаштҳои мухталиф, мувофиқи матлаб аст. Дар навбати худ далелҳо барои қабули қарор ҳангоми интихоби интиқолдиҳанда бо таҳлили мутаносиби «нарх-сифат» вобаста аст, ки он шароити хизматгузории нақлиётиро тавсиф мекунад, аз он чумла талаботи соҳибборҳоро оид ба муҳлати интиқол (бурдарасонӣ) ва нигоҳдории борҳо.

Муассисаи накдиёти автомобилӣ фаъолияти худро дойр ба хизматҳои накдиётӣ ташкил мекунад ва тавассути онҳо дастраскунии фонда дар асосн омӯхтани талаботи муштариён ва ҷараёни таҳвили эҳтиёчоти қобили пардохти доир ба ҳамлу накл таъмин мегардад, ҳамзамон сиёсати маркетингии фатҳи бозори фурӯшро мегузаронад. Тадқиқотҳои

маркетинги бозори мушаххасро гузаронидан зарур аст ва дар айни ҳол он сегментҳо ва он гуруҳҳои муштариёнро бояд таҳлил кард, ки эҳтиёчоти онҳоро муассиса ният дорад, бо назардошти имкониятҳои истеҳсолй ва молиявии худ қонеъ гардонад Маҳз дарки талаботи муштариёни худ ба муассиса имкон медиҳад, ки маҷмӯи хизматҳоеро, ки нисбат ба онҳо талабот зиёдгар аст, дақиқ муайян карда шуда, сифати иҷрои онҳо баланд карда шавад. Хангоми муайянкунии эҳтиёҷоти мавҷуда ва дурнамо, инчунин дараҷаи қонеъгардонй дойр ба ҳамлу накди автомобили марбут ба ноҳияи мушаххас баҳодиҳии ҷузъноки эҳтиёҷоти воқей ва вазъи ба вуқӯъомада дар сегмента мазкур (додашуда) гузаронидан лозим аст [4. 2003. №4. �similar С. 55-64].

Аз он ҷумла ҳиссаи худро дар бозор, ки муассиса бидуни ҷалби сармояи зиёд метавонад дар бар гирад ва ҳиссаи бозор, ки аз ҷониби рақибони асосй гирифта шудааст, бояд баҳо дод ва дар айни ҳол ба ҳар як гуруҳи муштариён аз назари даромаднокии муассисаи нақлиётӣ, қобилияти пулпардохткунй ва дурнамои афзоинш ҳаҷми хизмат баҳо додан зарур аст. Баъд аз ин намудҳои афзалноки ҳамлу нақл ва намудҳои дигари хизматро бояд муайян кард, ки марбут ба онҳо муассисаи нақлиётй муваффақияти калони тиҷфатй дорад ва ё эҳтиёҷоти устувори истеъмолкунандаи воқеиро бояд пешгӯй намуд.

Дар шароити иқтисоди бозоргонй фаъолияти бомуваффақияти муассисаи нақлиёти автомобили аз омилҳои зерин хеле вобаста аст:

-донистани эҳтиёҷот оид ба ҳамлу нақл ва хизматҳои иловагӣ;

-таносуби пешниҳодот ва талаботи қобили пулпардохкунии он;

-рафтори рақибон ва малакаи аксуламали саривақтӣ ба тағйироти шароити бозорй.Шароитҳои истеҳсоли маҳсулот (мол) ва иҷрои хизматҳо, асосҳои ташаккули нархҳо, зарурат ва умқи дахолати давлатй бо «моделҳои бозор» муайян карда мешаванд. Хусусиятҳои асосие, ки ба ҳар яке аз чор модели бозор (рақобати холис, рақобати монополиста, олигополия ва монополияи холис) маҳсуб аст, дар ҷадвал оварда шудаанд. Омӯзиши бозорй нақлиётй аз рӯи маҷмӯи сифатҳо - теъдоди муассисаҳо ва ширкатҳо дар бозор, навъи хизмат, имконияти муқарраркунии назорат аз болои нарх, шартҳои воридшавй ба соҳа, омилҳои рақобати ғайринархй - бо назардошти хусусиятҳои намудҳои нақлиёт, ҳамлу нақли борҳо ва инчунин шароитҳои ҳамкории намудҳои мухталифи нақлиёт сурат мегирад. Дар соҳаи нақлиёти автомобилй асосан шароитҳо барои рушди бозорҳои рақобати монополиста ба вучуд оварда шудаанд, зеро ки ҳамлу нақли борҳо аз ҷониби интиқолдиҳандагони сершумор иҷро мегарданд ва дар натиҷаи «воридшавии сабук (осон) ба соҳа» имкониятҳои афзоиши теъдоди иштирокчиёни раванди накдиётй мавҷуданд. Чунончи, интиқолдиҳандагон метавонанд соҳиби муассисаҳои нақлиёти автомобилии андозаашон начандон калон бошанд, барои харидорй ва ё иҷораи якчанд автомобил маблағҳои ибтидоии калон талаб намекунанд.

Чунин вазъият, аз рӯи қоида, дар шаҳрҳои калон бо теъдоди зиёди муассисаҳои нақлиёти автомобилии гуногунтахассус ва бо муштариёни сершумор. ки барои ҳамлу нақл номгӯи борҳои мухталиф ва ҳаҷмҳои калони борҳоро пешниҳод менамоянд, ҷой дорад. Дар мавриди мавчудияти теъдоди зиёди интиқолдиҳандагон ҳар яке аз онҳо қисмати хурди бозорро назорат мекунад ва имкон надорад, ки ба сиёсати нархй дар сегмента рақоботии бозор таъсир намояд. Илова бар ин, ҳангоми мавчуд будани теъдоди зиёди интиқолдиҳандагон имконияти мутобиқати амалҳои онҳо бо мақсади махдудияти ҳаҷми хизматҳои гузоридашаванда ва баландшавии сунъии нарх истисно мешавад. Барои модели «олигополия»-и ҳамлу накд дар шаҳрҳои миёна ва начандон калон хос аст, ки аз ҷониби

чандин муассисаҳои нақлиёти автомобилӣ дар шароити теъдоди махдуди муштариён ва ҳаҷми миёнаи ҳамлу нақли борҳои номгӯи муайян иҷро мегарданд. Ба муассисаҳои накдиётӣ баъзе имкониятҳои назорат намудани нархҳо (тарифҳо) ва имкониятҳои барзиёд ҳангоми созиши махфӣ маҳсуб аст. Ин маънои онро дорад, ки дар муқарраркунии тарифҳо, дар навбати аввал барои хизматҳои нақлиётии аҳамияти ичдимоидошта, назорати давлатӣ зарур аст.

Дар баъзе ҳолатҳо соҳаи накдиётӣ метавонад монополияи холис бошад. Вазъи монополистиро дар ноҳия муассисае соҳиб аст, ки дар масофаи дур аз рақибони худ ҷойгир шудааст ва ба кори он таъсир расонида наметавонад. Валекин ҳатто дар шаҳри калон, ки дар он даҳҳо муассисаҳои накдиётӣ фаъолият мебаранд, як муассисаи накдиёти автомобилӣ монополист шуда метавонад, масалан, агар он муассиса вобаста ба ҳамлу накди борҳои калонҳаҷм ва вазнин махсусгардонидашуда буда, ҳангоми мавчуд набудани интиқоддиҳандагони дигар, ки иддаои кор кардан дар ин сегменти бозорро доранд Муассиса асосан тавассути муносибати консептуалӣ ба проблем баҳои рақобат ва нархсозӣ модели хоси бозори худро муайян карда метавонад. Дар амалия бозорҳои қатъиян ба бозори монополиста ва ё олигополиста мувофиқояндаро чудо намудан мушкил аст, зеро ҳатто дар бозори монополиста ягон намуди рақобат мавҷуд аст. Аз ин лиҳоз, рафторҳои амалии муассисаҳои нақлиётӣ дар бобати амалисозии стратегияи бозории тараққиёт тахдили махсусро талаб менамояд.[5. 2019. - №5. Часть II. - С. 171-179]

**Адабиёт:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22.12.2019)
2. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики».23.12.2022 12:30, город Душанбе
3. Маҷмуаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори Назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2022. �even С. 221
4. Каюмов Н.К., Назаров Т.Н., Махмудов И.И., Рахимов Р.К., Умаров Х.У. Глобализационные процессы и экономические проблемы Таджикистана: Стратегия развития. ‶ Душанбе, 2003. №4. ‶ С. 55-64
5. .Ходжаев П.Д. Теоретические аспекты развития инновации в сфере транспортных услуг [Текст] Ходжаев П.Д, Шодиев Ф.Т. Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. Душане: Сино, 2019. - №5. Часть II. - С. 171-179.

**Маълумот дар бораи муаллиф/Сведения об авторе/Information about the author:**

**Хидиров Фарҳод Худойқулович**, ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. 735360 Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафар, 16 почтаи электронӣ: khidirov-83@bk.ru. Тел. (+992) 981-04-06-94.

**Хидиров Фарход Худойкулович,** старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета и аудита Кулябского государственного университета имени Абуабдуллы Рудаки.

735360 Таджикистан, город Куляб, улица С.Путешествие, 16 e-mail: khidirov-83@bk.ru. телеграмма. (+992) 981-04-06-94.

**Khidirov Farkhod Khudoikulovich**, is a senior lecturer at the Accounting and Auditing Department of Abuabdulla Rudaki Kulyab State University. 16 S.Travel Street, Kulyab, Tajikistan, 735360 e-mail: khidirov-83@bk.ru The telegram. (+992) 981-04-06-94.

## ПЕРСПЕКТИВЫ ВНЕДРЕНИЯ ЦИФРОВЫХ СИСТЕМ В ТУРИСТИЧЕСКОЙ ОТРАСЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Султонбекова З.**
*Международный университет туризм и предпринимательства*

**Аннотация.** В статье рассматриваются перспективы внедрения цифровых систем и технологий искусственного интеллекта в туристическую отрасль Республики Таджикистан. Особое внимание уделяется анализу возможностей цифровизации туристических сервисов, включая электронные платформы бронирования, онлайн-карты, мобильные приложения и виртуальные туры, а также интеллектуальных систем управления потоками туристов. Исследуются современные подходы к персонализации туристического опыта с использованием ИИ, прогнозированию туристических потоков, моделированию маршрутов и оптимизации работы инфраструктуры. Рассматриваются этические и социальные аспекты внедрения цифровых технологий, такие как защита персональных данных, прозрачность алгоритмов и обеспечение равного доступа к цифровым сервисам. Выделяются ключевые направления дальнейшего развития отрасли, включая интеграцию виртуальной и дополненной реальности, развитие цифрового маркетинга, формирование компетенций специалистов в области «умного туризма» и создание нормативной базы для безопасного и этически корректного применения инноваций. Сделан вывод о том, что успешная цифровая трансформация туристической отрасли Таджикистана требует комплексного подхода, включающего развитие инфраструктуры, подготовку квалифицированных специалистов, внедрение интеллектуальных платформ и соблюдение этических и правовых стандартов.

**Ключевые слова:** цифровизация туристической отрасли, туристические сервисы, искусственный интеллект, интеллектуальные системы, виртуальная и дополненная реальность, цифровой маркетинг, персонализированный туристический опыт, умный туризм, подготовка специалистов, Республика Таджикистан.

**Аннотатсия.** Дар мақола дурнамои ворид намудани системаҳои рақамӣ ва технологияҳои зеҳни сунъиро ба соҳаи туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Таваҷҷуҳи махсус ба имкониятҳои рақамисозии хизматрасониҳои туристӣ дода мешавад, ки ба он платформаҳои электронӣ барои бронкунӣ, харитаҳои онлайн, барномаҳои мобилӣ ва турҳои виртуалӣ, инчунин системаҳои зеҳни идоракунии ҷараёни туристон дохил мешаванд. Равандҳои муосир оид ба персонализатсия кардани таҷрибаи туристӣ бо истифода аз зеҳни сунъӣ, пешгӯии ҷараёни туристӣ, моделсозии маршрутҳо ва оптимизатсияи кори инфрасохтор мавриди таҳқиқ қарор мегиранд. Ҷанбаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии истифодаи технологияҳои рақамӣ, аз қабили ҳифзи маълумоти шахсӣ, шаффофияти алгоритмҳо ва таъмин намудани дастрасии баробар ба платформаҳои рақамӣ низ баррасӣ мешаванд. Роҳҳои калидии рушди минбаъдаи соҳа муайян карда мешаванд, аз ҷумла муттаҳидсозии воқеияти виртуалӣ ва афзуда, рушди маркетинги рақамӣ, ташаккули

малакаҳои мутахассисон дар соҳаи «туризми оқил» ва эҷоди базаи ҳуқуқӣ барои истифодаи бехатар ва ахлоқии навовариҳо. Муҳим будани он таъкид мегардад, ки муваффақияти трансформатсияи рақамии соҳаи туризм дар Тоҷикистон ба як равиши комплексӣ, ки рушди инфрасохтор, омода намудани мутахассисони баландихтисос, ворид кардани платформаҳои интеллектуалӣ ва риояи стандартҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқиро дарбар мегирад, ниёз дорад.

**Калидвожаҳо:** рақамисозии соҳаи туризм, хизматрасониҳои туристӣ, зеҳни сунъӣ, системаҳои интеллектуалӣ, воқеияти виртуалӣ ва афзуда, маркетинги рақамӣ, таҷрибаи персонализатсияи туристӣ, туризми оқил, омодасозии мутахассисон, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Annotation.** The article explores the prospects of implementing digital systems and artificial intelligence technologies in the tourism sector of the Republic of Tajikistan. Special attention is given to analyzing the potential of digitizing tourism services, including electronic booking platforms, online maps, mobile applications, and virtual tours, as well as intelligent systems for managing tourist flows. Modern approaches to personalizing the tourist experience using AI, forecasting tourist flows, route modeling, and optimizing infrastructure operations are examined. Ethical and social aspects of digital technology implementation, such as personal data protection, algorithm transparency, and ensuring equal access to digital services, are also discussed. Key directions for further development of the sector are highlighted, including the integration of virtual and augmented reality, development of digital marketing, formation of competencies for specialists in “smart tourism,” and the creation of a regulatory framework for the safe and ethically responsible application of innovations. It is concluded that successful digital transformation of Tajikistan’s tourism sector requires a comprehensive approach, including infrastructure development, training of qualified specialists, implementation of intelligent platforms, and adherence to ethical and legal standards.

**Keywords**: digitalization of tourism, tourism services, artificial intelligence, intelligent systems, virtual and augmented reality, digital marketing, personalized tourist experience, smart tourism, specialist training, Republic of Tajikistan.

## Введение

В условиях глобальной цифровой трансформации туристическая отрасль занимает одно из ведущих мест среди наиболее динамично развивающихся секторов экономики, где современные информационно-коммуникационные технологии выступают не только инструментом управления и продвижения услуг, но и фундаментальной основой повышения конкурентоспособности национальных туристических рынков. Республика Таджикистан, обладая уникальным туристическим потенциалом, включающим в себя величественные горные массивы Памира, историко-культурные памятники древних цивилизаций, а также уникальные природные объекты и рекреационные зоны, сталкивается с насущной необходимостью модернизации туристической инфраструктуры, систем управления и образовательных программ, направленных на подготовку высококвалифицированных специалистов для работы в условиях современной цифровой экономики. Внедрение цифровых технологий в туристический сектор открывает возможность не только повышения качества предоставляемых услуг и расширения ассортимента туристических продуктов, но и улучшения доступности информации для потенциальных туристов, повышения эффективности маркетинговых стратегий, а также интеграции интеллектуальных систем анализа и прогнозирования потоков посетителей с целью оптимизации работы туристических комплексов и сервисов (Ахмадов, 2021; Rahmonov, 2020).

Цифровизация туристической отрасли охватывает широкий спектр технологических решений, которые включают в себя использование электронных платформ для онлайн-бронирования и управления гостиничными объектами, внедрение сервисов для организации экскурсионного сопровождения и виртуальных туров, применение интеллектуальных систем анализа поведения клиентов и прогнозирования туристических потоков, а также интеграцию инструментов виртуальной и дополненной реальности для продвижения туристических достопримечательностей и формирования иммерсивного пользовательского опыта. Для Республики Таджикистан подобные технологии становятся особенно актуальными, учитывая географические особенности страны, в том числе труднодоступность множества туристических маршрутов и объектов, а также необходимость обеспечения комплексного взаимодействия различных сервисов и услуг для создания комфортного и безопасного туристического опыта. Использование цифровых систем позволяет не только автоматизировать организационные процессы, но и существенно повысить качество обслуживания, адаптируя сервисы под индивидуальные потребности туристов, что является критически важным для формирования положительного имиджа страны на международной туристической арене и укрепления её конкурентоспособности в условиях глобального цифрового рынка (Karimov, 2019).

**Методы исследования**

В данной работе применялся комплексный исследовательский подход, который включал в себя несколько взаимосвязанных методов анализа и оценки. Во-первых, был проведен теоретический анализ современных публикаций, отчетов международных и национальных туристических организаций, что позволило выявить актуальные тенденции цифровизации туристической отрасли, оценить эффективность внедрения новых технологий и определить ключевые направления развития. Во-вторых, осуществлялся сравнительный анализ цифровых платформ, онлайн-сервисов и информационных систем, используемых в туристическом бизнесе, что дало возможность выявить сильные и слабые стороны существующих решений и адаптировать лучшие практики к условиям Республики Таджикистан.

Особое внимание в исследовании уделялось изучению возможностей искусственного интеллекта, аналитики больших данных и интеллектуальных систем управления туристическими потоками, которые способны оптимизировать планирование маршрутов, прогнозирование загрузки объектов туристической инфраструктуры и персонализацию услуг для клиентов. Анализ практических кейсов внедрения цифровых технологий в туристическом секторе Таджикистана и других странах Центральной Азии позволил оценить реальный эффект применения инновационных решений, выявить ключевые факторы успеха и потенциальные риски.

Методы системного анализа обеспечили комплексную оценку потенциала цифровизации, выявление взаимосвязей между технологическими, организационными и социальными аспектами отрасли, а также определение перспектив развития инновационных сервисов. Такой подход позволил сформировать целостное представление о текущем состоянии цифровой трансформации туристической отрасли Таджикистана и определить стратегические направления дальнейшего внедрения цифровых систем и интеллектуальных технологий для повышения эффективности управления, качества услуг и конкурентоспособности национального туристического рынка.

**Результаты и обсуждение**

Внедрение цифровых технологий в туристическую сферу Республики Таджикистан открывает широкие перспективы для модернизации сервисов и повышения качества обслуживания. Цифровизация туристических сервисов включает использование электронных систем бронирования, онлайн-карт, мобильных приложений и интерактивных платформ, которые создают новые возможности для взаимодействия туристов с объектами и инфраструктурой отрасли. В условиях Таджикистана, где многие гостиницы, туристические базы и экскурсионные маршруты расположены в удалённых и труднодоступных горных районах, подобные цифровые решения играют ключевую роль. Они позволяют туристам планировать свои поездки заранее, бронировать проживание и экскурсионные программы, получать актуальную информацию о состоянии туристических объектов, погодных условиях и доступности маршрутов, а также адаптировать путешествия под индивидуальные предпочтения и временные рамки. Благодаря интеграции мобильных и веб-платформ обеспечивается удобство и оперативность взаимодействия с туристической инфраструктурой, что способствует повышению уровня удовлетворённости клиентов, расширению туристического потока и улучшению имиджа страны как привлекательного направления для путешествий. В целом цифровизация сервисов формирует условия для более прозрачного и эффективного управления туристической отраслью, оптимизации ресурсов и повышения конкурентоспособности национального туристического рынка на региональном и международном уровне (Rahmonov, 2020).

Технологии искусственного интеллекта играют ключевую роль в модернизации туристической отрасли и создании персонализированного туристического опыта. Использование ИИ позволяет анализировать предпочтения и поведение туристов, что открывает возможности для разработки индивидуализированных маршрутов, рекомендаций по экскурсиям и подбору сервисов в соответствии с интересами и потребностями каждого клиента. Системы искусственного интеллекта способны прогнозировать туристические потоки, выявлять пиковые периоды посещаемости, оптимизировать нагрузку на популярные объекты и распределять туристов по менее загруженным маршрутам, что способствует более рациональному использованию инфраструктуры и сохранению природных и культурных ресурсов. Кроме того, ИИ помогает органам управления и предпринимателям в туристическом секторе эффективно планировать размещение, транспортное обеспечение и организацию мероприятий, улучшая общую координацию и повышая качество обслуживания. В условиях Таджикистана, где география туристических маршрутов разнообразна, а доступность некоторых объектов ограничена, внедрение ИИ становится стратегически важным инструментом для повышения конкурентоспособности отрасли, обеспечения высокого уровня удовлетворенности туристов и создания устойчивой модели управления туристическим потоком (Ahmadov, 2021).

Активное внедрение цифровых технологий и систем искусственного интеллекта в туристическую отрасль неизбежно сопровождается рядом этических и социальных вопросов, требующих внимательного анализа и продуманного регулирования. Прежде всего, это касается защиты персональных данных туристов и пользователей цифровых сервисов, которые собираются и обрабатываются для персонализации маршрутов, прогнозирования потоков и формирования рекомендаций. Наряду с этим крайне важно обеспечить прозрачность алгоритмов, используемых в интеллектуальных системах, чтобы процессы автоматизированного распределения туристических услуг были справедливыми и понятными

для пользователей, исключая возможность предвзятости или дискриминации по любым признакам. В условиях Таджикистана эти вопросы становятся особенно актуальными, учитывая высокое цифровое неравенство в стране: в некоторых удалённых районах доступ к высокоскоростному интернету и современным электронным устройствам остаётся ограниченным, что создаёт барьеры для полноценного использования цифровых платформ. Кроме того, социальные аспекты внедрения ИИ включают необходимость обеспечения равного доступа туристов к информации о сервисах, маршрутах и бронировании, чтобы новые технологии способствовали развитию отрасли без усиления существующих социально-экономических различий. Таким образом, этические и социальные вызовы требуют интегрированного подхода, включающего нормативно-правовое регулирование, технические меры защиты данных и просветительскую работу с пользователями и персоналом туристических организаций, что позволит создать безопасную, справедливую и эффективную цифровую среду в туристическом секторе Таджикистана (Karimov, 2019).

Перспективы внедрения цифровых систем в туристической отрасли Республики Таджикистан открывают широкие возможности для комплексного развития сектора и повышения его конкурентоспособности на международной арене. Одним из ключевых направлений является интеграция технологий виртуальной и дополненной реальности, что позволяет создавать интерактивные презентации туристических объектов, проводить виртуальные экскурсии по историко-культурным и природным достопримечательностям, а также демонстрировать маршруты и сервисы потенциальным туристам ещё до их приезда. Такой подход не только повышает привлекательность туристических направлений, но и способствует расширению аудитории, включая международных посетителей. Наряду с этим особое значение приобретают интеллектуальные платформы для управления туристическими потоками, которые позволяют анализировать данные о спросе, прогнозировать пиковые нагрузки на объекты, оптимизировать маршруты и повышать качество обслуживания туристов. Развитие цифрового маркетинга, включая использование персонализированных предложений, социальных сетей и аналитики пользовательского поведения, также создаёт новые возможности для продвижения туристических услуг и формирования конкурентных преимуществ. Важным аспектом успешной цифровизации является формирование компетенций специалистов в области «умного туризма», способных эффективно использовать современные цифровые инструменты и системы искусственного интеллекта для планирования маршрутов, управления сервисами, организации экскурсий и повышения качества обслуживания клиентов. Не менее критичной задачей остаётся подготовка кадров, способных не только работать с инновационными технологиями, но и учитывать этические, социальные и правовые аспекты их применения. В этом контексте необходимо разрабатывать нормативную базу, обеспечивающую безопасное и этически корректное внедрение цифровых систем, защиту персональных данных туристов и прозрачность алгоритмов, используемых в управлении туристической инфраструктурой. Комплексная реализация этих направлений позволит создать устойчивую цифровую среду в туристической отрасли Таджикистана, повысить эффективность работы сервисов, увеличить удовлетворённость туристов и подготовить квалифицированные кадры, готовые к работе в условиях цифровой экономики (Rahmonov, 2020; Ahmadov, 2021).

**Заключение**

Внедрение цифровых систем и технологий искусственного интеллекта в туристическую отрасль Республики Таджикистан открывает значительные перспективы для комплексного развития сектора и повышения качества предоставляемых услуг. Цифровизация позволяет расширить доступ к туристическим продуктам, создать персонализированный туристический опыт и оптимизировать управление потоками посетителей, что особенно важно для эффективного использования природного, историко-культурного и рекреационного потенциала страны. Для успешной цифровой трансформации необходима системная работа по развитию современной цифровой инфраструктуры, внедрению интеллектуальных платформ управления туристическими потоками, совершенствованию сервисов онлайн-бронирования и продвижения, а также подготовке специалистов, обладающих навыками работы с инновационными инструментами и технологиями ИИ. Особое внимание следует уделять соблюдению этических стандартов, защите персональных данных туристов и формированию нормативно-правовой базы, обеспечивающей безопасное и справедливое использование цифровых технологий. В будущем интеграция цифровых инноваций и искусственного интеллекта станет неотъемлемой частью туристической отрасли Таджикистана, способствуя повышению конкурентоспособности на международной арене, внедрению «умного туризма» и подготовке квалифицированных специалистов, готовых эффективно работать в условиях цифровой экономики и динамично развивающегося туристического рынка.

**Литература:**

1. Ахмадов, Р. Цифровизация туристической отрасли: современные подходы и перспективы. Душанбе: Илим, 2021. — 210 с.
2. Rahmonov, S. Smart Tourism and Digital Transformation in Central Asia. Dushanbe: Tursunov Press, 2020. — 198 p.
3. Karimov, F. Внедрение технологий ИИ в туристический бизнес Таджикистана. // Вестник туризма. — 2019. — №2. — С. 34–50.
4. Иванов, С.А. Инновации и цифровые системы в туристическом образовании. Москва: Наука, 2020. — 256 с.

**Сведения об авторе/Маълумот дар бораи муаллиф:**

**Султонбекова З.,** ассистент Международного университета туризма и предпринимательства. **Тел.** 93 870 80 77

**Султонбекова З.,** ассистент, Донишгоҳи байналмилалии туризм ва тадбиркорӣ Телефон: 93 870 80 77

# НАҚШ ВА АҲАМИЯТИ МАРКЕТИНГ ДАР РУШДИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНӢ

**Ашурова Д.**
*Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон*

**Аннотатсия**. Ба мавзуи нақш ва аҳамияти маркетинг дар рушди корхонаҳои саноати дар шароити рақамикунонӣ. Муаллиф дар мақолаи оид ба рақамикунонии иқтисодиёт дар соҳаҳои гуногуни кишвар бароҳ монда, солҳои охир ба як қатор дастовардҳо ноил гаштааст, ки рақамикунонии соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла меҳнат, муҳоҷират, шуғли аҳолӣ ва таҳсилоти ибтидоии касбӣ барои беҳтар намудани хизматрасониҳои давлатӣ ба аҳолӣ ва соддагардонию шаффофияти фаъолияти сохторҳои давлатӣ, пешниҳод намудани идеяҳои навъи тиҷоратӣ маълумоти таҳқиқи оварда мешавад.

**Калидвожаҳо**: рақамикунонӣ, саноатӣ, маркетинг, рушди иқтисодӣ, тиҷорат, иттилоот.

**Аннотация.** Тема роль и значение маркетинга в развитии предприятий отрасли в условиях оцифровки. Автор статьи, посвященной оцифровке экономики в различных отраслях страны, в последние годы сделал ряд выводов о том, что цифровизация социальных сфер, включая труд, миграцию, занятость населения и начальное профессиональное образование, направлена на улучшение государственных услуг населению и упрощение и прозрачность деятельности государственных структур, предлагая идеи бизнес-типа.

**Ключевые слова**: оцифровка, промышленный, маркетинг, экономическое развитие, коммерция, информация.

**Annotation.** The topic is the role and importance of marketing in the development of industry enterprises in the context of digitization. The author of an article on the digitization of the economy in various sectors of the country has made a number of conclusions in recent years that the digitalization of social spheres, including labor, migration, employment and primary vocational education, is aimed at improving public services to the population and simplifying and transparency of government agencies, offering business-type ideas.

**Keywords**: digitization, industrial, marketing, economic development, commerce, information.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи нави иқтисоди рақамӣ қарор дошта, тадбирҳои муоссирро барои гузариш ба рақамикунонии иқтисодиёт дар соҳаҳои гуногуни кишвар бароҳ монда, солҳои охир ба як қатор дастовардҳо ноил гаштааст, ки рақамикунонии соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла меҳнат, муҳоҷират, шуғли аҳолӣ ва таҳсилоти ибтидоии касбӣ барои беҳтар намудани хизматрасониҳои давлатӣ ба аҳолӣ ва соддагардонию шаффофияти фаъолияти сохторҳои давлатӣ мусоидат менамояд. Бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафҳои олии рушди дарозмуддати Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар ва ҳамзамон ҳарчи зудтар ба сатҳи зиндагии кишварҳои дорои даромади миёна расонидани он чораҳои зарурӣ меандешад.

Саноат дар айни замон як соҳаи васеи фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ мебошад. Маркетинги саноатӣ ин муносибатҳои иқтисодӣ бозори ва таъминоти корхонаҳои саноатӣ бо пешниҳод намудани идеяҳои навъи тиҷоратӣ ва барои бештар ба муомилот баровардани маҳсулот ва васеъ кардани бозор бо маҳсулотҳои истеҳсолнамудаи корхонаҳои саноати ки

дар заминаи онҳо сохта мешаванд. Нақши маркетинг дар иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамкории системавии омилҳои асосӣ: иқтисодӣ, ташкилӣ, иттилоотӣ, техникӣ ва мушаххас, ки ба танзими равандҳои иқтисодӣ алоқамананд, муайян карда мешавад.

Маркетинг дар корхонахои саноатӣ ин як фаъолияти мақсадноке мебошад, ки ба татбиқи фаъолиятҳои банақшагирӣ, ташкилӣ, ҳамоҳангсозӣ, назорат, аудит ва ҳавасмандгардонӣ оид ба интенсификатсияи раванди ташаккул ва такрористеҳсоли талабот ба мол ва хизматрасонӣ, инчунин ба афзоиши фоида алоқаманд аст. Идоракунии маркетинг фалсафа ва воситаи пурзӯр кардани фаъолияти маркетингӣ мебошад, ки ҳадафи асосии он на танҳо фурӯш ва пешбурди фурӯш, балки идоракунии талабот мебошад.

Ҳамзамон, ташкили маркетингӣ як фаъолияти мақсаднокест, ки бо раванди таъмини бартариҳои устувори рақобати корхона дар бозор алоқаманд аст, ки марҳилаҳо, аз қабили таҳлили муҳити зист,таҳлили вазъият, пешгӯии бозор ва имкониятҳои иқтидори корхонаро дар бар мегирад. Таҳияи ҳадафҳо ва стратегияҳои рафтор дар бозор банақшагирии ба маслиҳати яке аз маркетологҳои шинохтаи ҷаҳон Филипп Котлер корхонаҳо бояд ҳатман шуъбаҳои маркетологӣ таъсис диҳанд, то ки ба муфлисшавӣ дучор нагардида, рушди истеҳсолотро таъмин намоянд. Дар давоми фаъолияти худ корхонаҳои саноатӣ бозори истеъмолиро таҳлил намуда, омӯзанд, то ки ба пуррагӣ маълумот оид ба талаботи маҳсулот, миқдор ва ҳаҷми он дар бозорҳои муайян дошта бошанд ва дар ин бозорҳо маҳсулотро пешниҳод карда тавонанд. [1]

Дар шароити имрӯза рушди маркетинг ба истемолкунандагон имкон медиҳад,ки мол ва хизматҳоро бо тариқи онлайн харидори намоянд. Дар навбати худ корхонаҳои истеҳсоли саноати роҳои нави таблиғи молҳо ва хизматрасониҳои худро дар байни муштариён бо роҳу усулҳои муосири тиҷоратӣ маркетинги рақамӣ ба роҳ монда истодаанд. Ба роҳ мондани тиҷорати электронӣ, дар корхонаҳои саноати тавасути барномаҳои онлайни имконияҳои зиёдро барои ҷалби муштариён фароҳам меоварад. Яке аз бартариҳои маркетинги рақами дар он аст,ки шабонарӯзи барои муштариён хизмат мекунад. Таҷрибаҳои ҷаҳонӣ баёнгари он аст, ки иқтисоди пешрафта шарти муҳимми рушди сиёси ва иҷтимоии кишварҳо мебошад. Танҳо дуруст истифода намудани маркетинг дар корхонаҳои саноатӣ метавонад кафолати некӯаҳволӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум гардад. Дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон дуруст истифода бурдан аз хизматрасониҳои маркетинги ва рақамикунони он дар корхонаҳои саноатӣ ва соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ метавонад заминаи боэътимодро барои рушди минбаъдаи давлатдории миллӣ, аз он ҷумла рушди иқтисодиву иҷтимоии он фароҳам намояд.

Маркетинги муосир ба дигаргуниҳои ҷиддии худ, ки бо таъсири технологияҳои рақамӣ, пайдо шудани хатҳо ва роҳҳои нави иртибот бо мизоҷон, тағйирёбии рафтор ва афзалиятҳои истеъмолкунанда ба миён омадаанд, нигоҳи менеҷменти корхонаҳо ва муҳаққиқонро ба худ дигар кард. Акнун маркетинг дар корхонаҳои тиҷоратӣ ҳамчун раванди таҳия, пешбарӣ ва фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳо дар бозор дарк карда мешавад ва равиши ҳамаҷонибаи муносибат бо истеъмолкунандагонро ба хотири қонеъ гардонидани талабот, завқ ва хоҳишҳои онҳо, муҳим аз ҳама - ба даст овардани фоидаи ҳарчи бештари корхона ифода мекунад. Имрӯз маркетинг ба хотири ҷалби бештари мизоҷон (харидорон) ва таҳкими садоқати онҳо воситаҳои муосири технологияҳои рақамӣ, аз қабили шабакаҳои иҷтимоӣ, маркетинги мобилӣ, технологияҳои абрӣ, блокчейн ва таҳлили маълумотро истифода мебарад. Ҳамчунин дар фаъолияти фурӯш ва ба бозор ҳаволадиҳии маҳсулот дар корхонаҳо яке аз воситаҳои маркетинги муосир – фардикунонии иртибот бо мизоҷон ва ҳамкорӣ бо

онҳо тавассути корбурди имкониятҳои технологияҳои иттилоотию иртиботии муосир ба кор бурда мешавад, ки барои таъсирбахш анҷом додани маъракаҳои таблиғотӣ ва ҳадафнокии ҳарчи бештари онҳо мусоидат мекунад[2].

Технологияҳои рақамии муосир, ки дар фаъолияти маркетингии корхонаҳо истифода мешаванд, равандҳои мутобиқсозӣ ба шароити дигаргуншавандаи бозорро суръат бахшида, ба автоматикунонии ҳарчи бештари чорабиниҳои маркетингӣ мусоидат мекунанд. Онҳо арзиши маҳсулот ва хизматрасониҳоро паст карда, имкониятҳои нави дастрасиро ба бозорҳои нав ба миён меоранд. Маҳсулоти корхонаҳои ватанӣ бо шарофати корбурди технологияҳои рақамии маркетинг, таблиғ ва ҳаволадиҳӣ ба бозор истеъмолкунандагони нави худро аз ҳисоби бозорҳои берунӣ пайдо мекунанд. Инчунин тавассути воситаҳои мазкур харидорони имконпазир аз доираи бозорҳои хориҷӣ бо афзалиятҳои истеъмолии маҳсулоти корхонаҳои ватанӣ шинос мешаванд. Шабакаи интернет дар баробари дарёфти бозорҳои хориҷӣ шаффофияти бештари тиҷоратро таъмин намуда, ба соҳибкорон имкон медиҳад, ки таҷрибаи хориҷии маркетингро омӯзанд ва ба худ қабул кунанд, маҳсулоти истеҳсолкардаи худро ба бозорҳои нави хориҷӣ ворид кунанд.

Дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ ва воситаҳои интернет ҳамчун вазифаҳои афзалиятноки корхонаҳои тиҷоратӣ инҳо муқаррар карда мешаванд:

- суръат бахшидани равандҳои гузариш ба технологияҳои нави рақамӣ ё долонҳои технологӣ;
- ворид шудан ба бахшҳои нави бозор, аз ҷумла бозорҳои хориҷӣ;
- татбиқи низомҳои иттилоотию рақамӣ барои фардикунонии пешниҳоди маҳсулот ба истеъмолкунандагон [3, с. 214].

Азбаски долонҳои рақамӣ ба нақшаҳои маркетингӣ ва ҳаёти ҳаррӯзаи фурӯшандагон ва истеъмолкунандагон бештар дохил мешаванд, одамон ба ҷойи ташрифи ҷисмонӣ ба маконҳои фурӯши маҳсулот ва пешниҳоди хизматрасониҳо аз дастгоҳҳои рақамӣ истифода мебаранд, фурӯшгоҳҳо ва маъракаҳои маркетинги рақамӣ бештар маъмул ва самараноктар мешаванд.

Имрӯз харидорон ва истеъмолкунандагон ба хариди мол ва қабули хизматрасониҳои маҷозӣ тавассути интернет таваҷҷуҳи бештар доранд ва ин дар шароити рақамикунонии саросарӣ ва шуғли баланди одамон сурат мегирад. Хариди маҷозӣ (онлайн) ба таври назаррас вусъат ёфта, ҳиссаи бештари соҳаҳои истеҳсолотро фарогир шудааст. Ба шарофати ин технологияҳои маркетинги интренетӣ низ рушд мекунанд ва афзоиши талабот ба онҳо ба рушди истеҳсолот ва хизматрасониҳо боис мешавад. Ҳамин тариқ, субъектҳои соҳибкорӣ метавонанд ба мизоҷони худ дастрасии осонро ба иттилоот дар бораи молҳо ва хизматрасониҳои худ дар алоқамандӣ бо афзалиятҳо ва интихоби онҳо тавассути маркетинги интернетӣ ба роҳ монанд. Ҳамчунин онҳо метавонанд фаъолияти маркетингии худро бо истифодаи аутсорсинг [4] ва ташкили низоми назорати дохилӣ ба роҳ монанд ва ба ин васила хароҷоти худро камтар кунанд [5; 6].

Пешомадҳои рушди маркетинг барои иқтисодиёт ҳам ҷолиб ва ҳам нигаронкунанда мебошанд. Азбаски технологияҳои рақамии дар фаъолияти маркетингӣ истифодашаванда бемайлон рушд мекунанд, кормандони хадамоти маркетинги корхонаҳо бояд омода бошанд, ки фаъолияти худро бо долонҳо ва хатҳои нави рақамии фурӯши маҳсулот мутобиқ гардонанд. Масъалаи бехатарии аҳдҳои маҷозӣ низ имрӯз мубрам аст.

Афзоиши имкониятҳои зеҳни сунъӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ имкон медиҳад, ки пешниҳодҳои ҳарчи бештар фардикунонидашудаи маҳсулоти худро такмил диҳанд.

Ҳамзамон воситаҳои муосири рақамӣ, аз қабили блокчейн барои амният ва махфияти аҳдҳои фурӯши ба таври маҷозӣ басташуда ва анҷомдодашуда имкониятҳои нав пешкаш карда метавонанд, ки ин ба рушди бештари маркетинги интернетӣ мусоидат мекунад.

**Адабиёт:**


1. Мафҳумҳои муосири маркетинг - Ҷомеа – 2025.[захираи электронӣ] https://tg1.istanbulbear.org/sovremennyie-marketingovyie-kontseptsii-1068 (санаи истифодабарӣ 06.03.2025)
2. Саноатикунонии босуръат – асоси пешрафти инноватсионии иқтисодиёт » нашрияи расмии ҷумҳурии тоҷикистон (jumhuriyat.tj)
3. Выставки, публичные демонстрации достижений в области материальной и духовной деятельности человека [Электронный ресурс] / Режим доступа: URL: https://www.booksite.ru/fulltext/1/001/008/007/522.htm
4. Минин, А. Сайрус Маккормик - первая комплексная программа маркетинга [Электронный ресурс] / А. Минин / Режим доступа: URL: https://marketing-course.ru/sayrus-makkormik-marketing/
5. Яхнеева, И.В. Трансформация маркетинга: эволюция и тренды / И.В. Яхнеева // Проблемы развития предприятий: теория и практика. – 2023. - № 1-2. – С. 213-216



**Маълумот дар бораи муаллиф**/ ***Сведения об авторе/*****Information about the author**:

**Ашурова Давлатбӣ**, ассистенти кафедраи иқтисодиёт ва баҳисобгирии муҳосибии ДИТРТ. Тел: 985 43 55 72

**Ашурова Давлатбӣ**, асицент кафедры экономика и бухгалтерского учета УИЦТТ. **Телефон:** 985 43 55 72

**Ashurova Davlatbi**, Associate Professor of Economics and Accounting at the UIDT. Phone: 985 43 55 72


## НИЗОМИ МОЛИЯВӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ КАЛИДИИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ БО ИСТИФОДАИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ


**Сайдаҳмадова Ф.С., Ғафурзода Ф.Ҷ., Давлатова С.Ш., Комилова М.А.**

*Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон*



**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур масъалаҳои назариявӣ ва амалии низоми молиявӣ ҳамчун омили калидии рушди иқтисодӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Муаллиф моҳият, сохтор ва вазифаҳои асосии низоми молиявиро таҳлил намуда, нақши онро дар таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ нишон медиҳад. Дар мақола ба унсурҳои асосии низоми молиявӣ, аз ҷумла молияи давлатӣ, бозори молиявӣ, институтҳои молиявӣ ва низоми қарзӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст. Ҳамчунин, таъсири сиёсати молиявӣ ва пулӣ ба равандҳои макроиқтисодӣ, аз ҷумла сатҳи таваррум, шуғл ва сармоягузорӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф масъалаҳои вобаста ба ҷаҳонишавӣ, рақамикунонӣ ва рушди технологияҳои молиявиро ҳамчун омилҳои муҳими дигаргунсозии низоми молиявӣ таҳлил менамояд

Дар қисми амалии мақола хусусиятҳои рушди низоми молиявӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавриди омӯзиш қарор гирифта, мушкилоти

мавҷуда ва роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод гардидаанд. Аз ҷумла, зарурати рушди бозори сармоя, баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ ва такмили идоракунии хавфҳои молиявӣ таъкид шудааст. Дар натиҷа, хулоса баровaрда мешавад, ки низоми молиявӣ ҳамчун механизми муҳимми танзими иқтисодӣ ва омили асосии рушди устувори иқтисодӣ баромад намуда, такмили доимии он бо дарназардошти талаботи иқтисоди муосир аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

**Калидвожаҳо:** низоми молиявӣ, рушди иқтисодӣ, молия, қарз, бозори молиявӣ, сиёсати молиявӣ, сармоягузорӣ, рақамикунонӣ.

**Аннотация.** В данной статье исследуются теоретические и практические аспекты финансовой системы как ключевого фактора экономического развития. Автор анализирует сущность, структуру и основные функции финансовой системы, а также раскрывает её роль в обеспечении устойчивого развития национальной экономики. Особое внимание уделяется основным элементам финансовой системы, включая государственные финансы, финансовый рынок, финансовые институты и кредитную систему. Также рассматривается влияние финансовой и денежно-кредитной политики на макроэкономические процессы, такие как уровень инфляции, занятость и инвестиционная активность. Автор анализирует вопросы глобализации, цифровизации и развития финансовых технологий как важнейшие факторы трансформации финансовой системы.

В практической части статьи изучаются особенности развития финансовой системы в развивающихся странах, в том числе в Республике Таджикистан, выявляются существующие проблемы и предлагаются пути их решения. В частности, подчёркивается необходимость развития рынка капитала, повышения уровня финансовой грамотности населения и совершенствования управления финансовыми рисками. В результате делается вывод о том, что финансовая система выступает важнейшим механизмом регулирования экономики и ключевым фактором устойчивого экономического развития, а её постоянное совершенствование с учётом требований современной экономики имеет первостепенное значение.

**Ключевые слова:** финансовая система, экономическое развитие, финансы, кредит, финансовый рынок, финансовая политика, инвестиции, цифровизация.

**Annotation.** This article examines the theoretical and practical aspects of the financial system as a key factor in economic development. The author analyzes the essence, structure, and main functions of the financial system and highlights its role in ensuring the sustainable development of the national economy. Special attention is given to the core components of the financial system, including public finance, the financial market, financial institutions, and the credit system. The impact of financial and monetary policy on macroeconomic processes, such as inflation, employment, and investment activity, is also discussed. The author analyzes issues related to globalization, digitalization, and the development of financial technologies as critical factors in the transformation of the financial system.

The practical part of the article explores the features of financial system development in developing countries, including the Republic of Tajikistan, identifies existing problems, and proposes possible solutions. In particular, it emphasizes the need to develop the capital market, improve the financial literacy of the population, and enhance financial risk management. The study concludes that the financial system is a crucial mechanism for economic regulation and a key factor in sustainable economic development, and its continuous improvement in accordance with modern economic requirements is of paramount importance.

## ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХӢ, ИҚТИСОДӢ ВА ҲУҚУҚИИ РУШДИ ҶОМЕА
## HISTORIC, ECONOMIC AND LEGAL ASPECTS OF SOCIETY DEVELOPMENT

**Keywords:** financial system, economic development, finance, credit, financial market, financial policy, investment, digitalization.

Дар шароити му.осири рушди иқтисоди ҷаҳонӣ, ки бо равандҳои ҷаҳонишавӣ, рақамикунонӣ ва дигаргуниҳои босуръати кишвар тавсиф меёбад, низоми молиявӣ ҳамчун яке аз унсурҳои асосии таъмини рушди устувори иқтисодӣ баромад мекунад. Низоми молиявӣ на танҳо воситаи тақсимоти захираҳои молиявӣ мебошад, балки механизми муҳими танзими равандҳои макроиқтисодӣ, ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ва таъмини суботи иқтисодӣ хизмат менамояд. Дар чунин шароит, самаранокии фаъолияти низоми молиявӣ ба рушди иқтисоди миллӣ ва беҳбудии сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири бевосита мерасонад.

Аз нуқтаи назари, низоми молиявӣ маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ мебошад, ки дар раванди ташаккул, тақсим ва истифодаи захираҳои пулӣ ба вуҷуд меоянд. Ин низом тамоми сатҳҳои иқтисодро фаро гирифта, робитаи мутақобилаи давлат, субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолиро таъмин менамояд. Аз ҳама хусусиятҳои муҳими низоми молиявӣ дар он аст, ки он дорои сохтори мураккаб ва бисёрзинагӣ буда, аз элементҳои гуногун, аз ҷумла молияи давлатӣ, молияи корхонаҳо, молияи аҳолӣ, бозори молиявӣ ва институтҳои молиявӣ иборат мебошад. Функсияҳои асосии низоми молиявӣ аз тақсимот, назорат, танзим ва ҳавасмандгардонӣ иборатанд. Функсияи тақсимотӣ ба тақсим ва азнавтақсимкунии даромади миллӣ равона шудааст, ки тавассути он захираҳои молиявӣ байни соҳаҳои гуногуни иқтисод тақсим карда мешаванд Абдулоев А. [Душанбе 2020].

Молияи давлатӣ яке аз унсурҳои муҳимтарини низоми молиявӣ ба ҳисоб меравад. Давлат тавассути сиёсати буҷетӣ ва андозбандӣ ба иқтисодиёт таъсир мерасонад. Бюҷети давлатӣ ҳамчун нақшаи асосии молиявии давлат, воситаи асосии тақсимоти захираҳо мебошад. Тавассути он маблағҳо ба соҳаҳои иҷтимоӣ, инфрасохтор, маориф ва тандурустӣ равона карда мешаванд. Ин раванд ба рушди дарозмуддати иқтисодӣ ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд. Бозори молиявӣ низ қисми ҷудонашавандаи низоми молиявӣ мебошад. Он муҳите мебошад, ки дар он гардиши захираҳои молиявӣ сурат мегирад. Бозори молиявӣ аз бозори пул, бозори сармоя, бозори асъор ва бозори коғазҳои қиматнок иборат мебошад. Тавассути ин бозорҳо захираҳои муваққатан озод ба бахшҳои истеҳсолӣ равона карда мешаванд, ки ин ба рушди иқтисодӣ таъсири мусбат мерасонад. Самаранокии фаъолияти бозори молиявӣ ба сатҳи шаффофият, рақобат ва рушди институтҳои молиявӣ вобаста аст.

Институтҳои молиявӣ, аз ҷумла бонкҳо, ташкилотҳои қарзӣ ва ширкатҳои суғуртавӣ, дар рушди иқтисодӣ нақши муҳим мебозанд. Онҳо ҳамчун миёнарав байни пасандозкунандагон ва сармоягузорон амал намуда, захираҳои молиявиро ба иқтисод равона месозанд. Бонкҳо махсусан дар таъмини гардиши пул ва додани қарзҳо нақши калидӣ доранд. Қарз ҳамчун воситаи муҳими молиявӣ имконият медиҳад, ки субъектҳои иқтисодӣ фаъолияти худро васеъ намуда, сармоягузориро зиёд кунанд.

Сиёсати молиявӣ ва пулӣ яке аз самтҳои асосии танзими иқтисод мебошад. Давлат тавассути идоракунии ҳаҷми пул дар муомилот, меъёри фоиз ва хароҷоти буҷетӣ метавонад ба равандҳои иқтисодӣ таъсир расонад. Сиёсати дурусти молиявӣ ба паст кардани сатҳи таваррум, баланд бардоштани сатҳи шуғл ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ мусоидат мекунад Қодиров Ш. [Душанбе 2018].

Дар шароити ҷаҳонишавӣ, низоми молиявӣ ба тағйироти ҷиддӣ дучор мегардад. Рушди технологияҳои молиявӣ, аз ҷумла хизматрасониҳои рақамӣ ва FinTech, имкониятҳои навро барои беҳтар намудани фаъолияти низоми молиявӣ фароҳам меорад. Ҳамзамон, ин равандҳо хавфҳои нав, аз ҷумла хавфҳои киберӣ ва ноустувории бозорҳои молиявиро ба вуҷуд меоранд. Аз ин рӯ, такмили низоми молиявӣ ва мутобиқсозии он ба талаботи замон аҳамияти муҳим дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми молиявӣ дар марҳилаи рушд қарор дорад. Ислоҳоти низоми бонкӣ, рушди бозори молиявӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав аз ҷумлаи самтҳои муҳими сиёсати иқтисодӣ мебошанд.

Илова бар ин, низоми молиявӣ бо як қатор таҳдидҳо, аз ҷумла бӯҳронҳои молиявӣ, таваррум ва ноустувории бозор рӯ ба рӯ мешавад. Идоракунии самараноки ин хавфҳо барои нигоҳ доштани суботи иқтисодӣ ва рушди устувор муҳим мебошад. Барои ин, такмили қонунгузории молиявӣ, рушди инфрасохтор ва баланд бардоштани шаффофият зарур аст. Самтҳои асосии такмили низоми молиявӣ аз рушди бозори сармоя, ҷалби сармоягузории хориҷӣ, дастгирии соҳибкорӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир иборат мебошанд. Ин чораҳо метавонанд ба баланд бардоштани самаранокии низоми молиявӣ ва рушди иқтисодӣ мусоидат намоянд. Дар маҷмӯъ, низоми молиявӣ ҳамчун омили калидии рушди иқтисодӣ баромад намуда, ба самаранокии истифодаи захираҳо, рушди истеҳсолот ва беҳбудии иҷтимоӣ таъсири назаррас мерасонад. Дар шароити муосир, бе рушди низоми молиявии мукаммал ва самаранок, таъмин намудани рушди устувори иқтисодӣ ғайриимкон аст.

Дар идомаи таҳлили нақши низоми молиявӣ дар рушди иқтисодӣ, зарур аст ба масъалаҳои амиқтари назариявӣ ва амалии фаъолияти он таваҷҷуҳ зоҳир намоем. Яке аз ҷанбаҳои муҳими рушди низоми молиявӣ ин таъмини самаранокии идоракунии захираҳои молиявӣ мебошад. Самаранокии идоракунӣ дар он зоҳир мегардад, ки захираҳо ба соҳаҳои афзалиятнок равона шуда, истифодаи онҳо бо натиҷаҳои баланди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ анҷом дода шавад.

Яке аз самтҳои муҳими рушди низоми молиявӣ ин идоракунии хавфҳои молиявӣ мебошад. Дар шароити муосир, хавфҳои молиявӣ шаклҳои гуногун доранд, аз ҷумла хавфҳои қарзӣ, бозорӣ, асъорӣ ва амалиётӣ. Барои паст кардани таъсири манфии ин хавфҳо, истифодаи механизмҳои муосири идоракунии хавф, аз ҷумла, суғурта ва захираҳои эҳтиётӣ зарур аст. Идоракунии самараноки хавфҳо метавонад суботи низоми молиявиро таъмин намуда, рушди устувори иқтисодиро дастгирӣ намояд. Ҳамзамон, дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии низоми молиявӣ аҳамияти калон пайдо кардааст. Технологияҳои рақамӣ имкон медиҳанд, ки хизматрасониҳои молиявӣ бо суръати баланд, бо хароҷоти кам ва бо дастрасии васеъ пешниҳод карда шаванд. Масалан, хизматрасониҳои бонкдории электронӣ, пардохтҳои онлайн ва платформаҳои рақамии сармоягузорӣ имконият медиҳанд, ки фаъолияти иқтисодӣ самараноктар гардад. Аммо, дар баробари ин, масъалаҳои амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи маълумот низ аҳамияти махсус пайдо мекунанд Самуэлсон П. [Москва 2019].

Илова бар ин, ҳамгироии байналмилалии низоми молиявӣ яке аз хусусиятҳои муҳими иқтисоди муосир мебошад. Кишварҳо тавассути бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ бо ҳамдигар алоқаманд мешаванд. Ин раванд имконият медиҳад, ки сармоягузории хориҷӣ ҷалб карда шавад ва дастрасӣ ба захираҳои молиявии байналмилалӣ беҳтар гардад. Аммо, ҳамзамон вобастагӣ аз бозорҳои ҷаҳонӣ метавонад хавфҳои берунаро зиёд намояд. Аз ин рӯ, сиёсати мутавозини молиявӣ барои кам кардани таъсири омилҳои беруна муҳим мебошад. Дар

шароити иқтисодиёти миллӣ, махсусан барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ, масъалаи рушди бозори сармоя аҳамияти муҳим дорад. Бозори сармоя метавонад манбаи муҳими маблағгузории дарозмуддат барои иқтисод гардад. Рушди бозори коғазҳои қиматнок, ҷорӣ намудани воситаҳои нави молиявӣ ва баланд бардоштани сатҳи эътимоди сармоягузорон метавонад ба рушди иқтисодӣ мусоидат намояд. Яке аз самтҳои дигари муҳими рушди низоми молиявӣ ин баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ мебошад. Ин омил метавонад ба рушди бозори молиявӣ ва афзоиши сармоягузорӣ мусоидат намояд. Дар баробари ин, рушди соҳибкории хурд ва миёна низ ба низоми молиявӣ вобастагии зич дорад. Дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ барои соҳибкорон имконият медиҳад, ки фаъолияти худро васеъ намуда, ҷойҳои нави корӣ таъсис диҳанд. Аз ин рӯ, дастгирии молиявии соҳибкорӣ, аз ҷумла тавассути қарзҳои имтиёзнок ва барномаҳои давлатӣ, аҳамияти муҳим дорад Stiglitz J. [New York, 2018].

Ҳамчунин, нақши низоми молиявӣ дар таъмини рушди иҷтимоӣ низ муҳим мебошад. Тавассути маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, давлат метавонад сатҳи зиндагии аҳолиро баланд бардорад. Ин раванд ба рушди сармояи инсонӣ мусоидат намуда, дар дарозмуддат ба рушди иқтисодӣ таъсири мусбат мерасонад. Дар шароити муосир, масъалаи рушди «иқтисоди сабз» низ аҳамияти махсус пайдо кардааст. Низоми молиявӣ метавонад тавассути маблағгузории лоиҳаҳои экологӣ ва истифодаи воситаҳои молиявии «сабз» ба ҳифзи муҳити зист мусоидат намояд. Ин раванд барои таъмини рушди устувор аҳамияти калон дорад. Дар маҷмӯъ, рушди низоми молиявӣ равандест, ки ба омилҳои гуногун вобаста аст. Барои таъмини самаранокии он, ҳамоҳангии сиёсати давлатӣ, рушди институтҳои молиявӣ ва истифодаи технологияҳои муосир зарур мебошад. Танҳо дар ин сурат метавон рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолиро таъмин намуд.

Ҳамин тариқ, таҳлили низоми молиявӣ нишон медиҳад, ки он яке аз унсурҳои асосии рушди иқтисодӣ мебошад. Самаранокии фаъолияти он ба сатҳи рушди институтҳои молиявӣ, сиёсати давлатӣ ва шароити бозорӣ вобаста аст. Дар шароити муосир, такмили доимии низоми молиявӣ, истифодаи технологияҳои нав ва мутобиқсозии он ба талаботи ҷаҳонӣ барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

**Адабиёт:**

1. Абдуллоев А. Молия ва қарз. – Душанбе, 2020.
2. Қодиров Ш. Назарияи молия. – Душанбе, 2018.
3. Самуэлсон П. Экономика. – Москва, 2019.
4. Мишкин Ф. Финансовые рынки и институты. – Москва, 2021.
5. Stiglitz J. Economics of the Public Sector. – New York, 2018.
6. World Bank. Global Financial Development Report, 2021.

**Маълумот дар бораи муаллиф/Информация об авторе/Information about the Author:**

**Сайдаҳмадова Ф.С., Ғафурзода Ф.Ҷ., Давлатова С.Ш., Комилова М.А.,** магистрантони бахши якуми ихтисоси 1-250104 "Молия ва қарз".

**Сайдаҳмадова Ф.С., Гафурзода Ф.Дж., Давлатова С.Ш., Комилова М.А.,** магистранты первого курса специальности 1-250104 «Финансы и кредит».

**Saydakhmadova F. S., Gafurzoda F.J., Davlatova S.Sh., Rakhimova M.M., Komilova M.A.,** first-year master's student, Specialty 1-250104 "Finance and Credit".

# РУШДИ БОСУРЪАТИ РАҚАМИКУНОНИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

**Раҳимзода С.Н., Музафарова Ш., Куганов Х.**
*Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақами Тоҷикистон*

**Анотатсия.** Рақамикунонӣ яке аз нишонаҳои асосии замони муосир аст ва ҳаёти одамонро осонтар, зудтар ва муассиртар мекунад.Он имрӯз дар бисёр соҳаҳо дида мешавад: дар **таълим**, **тиб**, **бонкдорӣ**, **тиҷорат**, **идоракунии давлатӣ** ва **алоқа**. Масалан, ҳуҷҷатҳо ба шакли электронӣ мегузаранд, пардохтҳо онлайн мешаванд, дарсҳо аз фосила баргузор мегарданд. Боиси таъкиди хос аст, ки тадбирҳое, ки то кунун аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ва ниҳодҳои дигари давлатию хусусӣ андешида шудаанд, вазифаҳое, ки Пешвои муаззами миллат барои рақамикунонӣ, гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва рушди зеҳни сунъӣ дар назди ҷомеаи муосири мо гузоштаанд ва хусусан, таъсиси ниҳоди давлатии ба инноватсия ва технологияҳои рақамӣ махсусгардонидашуда, ки аллакай фаъолият дорад, метавонанд барои ворид гаштани Тоҷикистон ба иқтисоди рақамӣ ҳамҷониба мусоидат карда, паёмадҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии ин равандҳо, рақамикунонӣ ва рушди зеҳни сунъиро тавассути андешидани тадбирҳои дигари саривақтӣ ба манфиати мардуми кишвар созгор намоянд.

**Анотация.** Цифровизация является одним из главных признаков современности и делает жизнь людей проще, быстрее и эффективнее.Сегодня это наблюдается во многих областях: в образовании, медицине, банковском деле, бизнесе, государственном управлении и связи. Например, документы передаются в электронном виде, платежи осуществляются онлайн, занятия проводятся дистанционно. Следует особо подчеркнуть, что меры, принятые до сих пор правительством страны и другими государственно-частными институтами, задачи, поставленные перед нашим современным обществом великим лидером нации по цифровизации, переходу к цифровой экономике и развитию искусственного интеллекта, и в частности, создание государственного института, специализирующегося на инновациях и цифровых технологиях, который уже функционирует, могут способствовать вхождению Таджикистана в цифровую экономику, одновременно способствуя политическим, социальным и экономическим последствиям этих процессов, цифровизации и развития искусственного интеллекта посредством и они, в свою очередь, приносят пользу жителям других стран.

**Annotation.** Digitalization is one of the main features of modernity and makes people's lives easier, faster, and more efficient. Today, it can be seen in many areas, such as education, healthcare, banking, business, government, and communication. For example, documents are transmitted electronically, payments are made online, and classes are conducted remotely.
It should be emphasized that the measures taken so far by the country's government and other public-private institutions, as well as the tasks set for our modern society by the great leader of the nation regarding digitalization, the transition to a digital economy, and the development of artificial intelligence, and in particular, the establishment of a public institution specializing in innovation and digital technologies, which is already operational, can contribute to Tajikistan's entry into the digital economy while also facilitating the political, social, and economic implications of these processes, digitalization, and the development of artificial intelligence, which in turn benefit the people of other countries.

Рақамикунонии ҷомеа ва иқтисодиёт, ки ба истифодаи технологияи иттилоотӣ ва рақамӣ асос ёфтааст, имрӯз ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат дар Тоҷикистон муайян шудааст. Он на танҳо равандҳои маъмурӣ ва хизматрасониро содда мекунад, балки рушди иқтисодиёт, шаффофият ва дастрасии мардум ба маълумотро таъмин менамояд. Рақамикунонии зеҳни сунъӣ (Artificial Intelligence, AI) ба истифодаи **технологияҳои рақамӣ барои моделсозӣ, таҳлил ва автоматонидани раванди фикр** ва қабули қарорҳо нигаронида шудааст. Имрӯз, AI на танҳо дар соҳаи технология, балки дар иқтисод, тиб, маориф, кишоварзӣ ва хадамоти давлатӣ ҷойгоҳи муҳим пайдо кардааст.Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рақамикунонӣ, гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва рушди зеҳни сунъӣ (бо забони англисӣ - *AI*, бо забони русӣ - ИИ, бо забони тоҷикӣ - ЗС) то имрӯз қадамҳои устуворе гузошта шудаанд, ки ҳам хусусияти назариявӣ ва ҳам амалӣ доранд. Аз ҷумла, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» (соли 2002) ва «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» (соли 2007) ба тасвиб расида, “Стратегияи давлатии технологияҳои информатсионӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон” (қарори Ҳукумати мамлакат аз 5 ноябри соли 2003, №1174), “Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020” (аз 30 декабри соли 2011, № 643) “Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (аз 30 декабри соли 2019, №642) ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ қабул шуданд.

**Маъно ва аҳамият**

Зеҳни сунъӣ ҳамчун **системаи компютерӣ, ки қобилияти фаҳмидан, таҳлил кардан ва қароргирии зеҳнӣ дорад**, маъруф аст. Рақамикунонии AI маънои ҳамгиро кардани алгоритмҳо ва моделҳои таҳлилӣ бо базаи калони маълумот (Big Data) барои самаранок кардани равандҳо мебошад.

**Аҳамияти он дар замони муосир:**

1. Суръат бахшидан ба равандҳои корӣ ва таҳлилии иттилоот;
2. Кам кардани хатогӣ ва оптимизатсияи қарорҳо;
3. Эҷоди маҳсулот ва хизматрасониҳои нав;
4. Пайвастшавӣ бо рақамикунонии давлатӣ ва иқтисодӣ.

**Соҳаҳои истифодаи AI**

1. **Идоракунии давлатӣ ва рақамикунонӣ**
   AI метавонад дар таҳлил ва пешгӯиҳои иқтисодӣ, низоми бақайдгирӣ ва хизматрасониҳои онлайнӣ кӯмак расонад.
2. **Тиҷорат ва молия**
   Бонкҳо ва ширкатҳои бузург бо истифодаи AI амалиёти таҳлилӣ ва пешгӯиҳои қтисодӣ ва молиявиро автоматӣ мекунанд.
3. **Тиб ва саломатӣ**
   Системаи зеҳни сунъӣ дар ташхис, таҳлили маълумоти беморон ва таҳияи доруворӣ самаранок истифода мешавад.
4. **Маориф ва илм**
   Дарсҳои интерактивӣ, китобхонаҳои электронӣ ва платформаҳои омӯзишӣ бо AI ба талабагон таҷрибаи шахсиятгардонидашуда медиҳанд.
5. **Саноат ва кишоварзӣ**
   Робототехника ва системаи пешгӯиӣ дар кишоварзӣ ва истеҳсолот ба самаранокии истеҳсолӣ ва коҳиш додани хароҷот мусоидат мекунад.

**Фаъолият ва нақшаҳои давлатӣ**

Дар Тоҷикистон ва бисёр кишварҳои дигар, рақамикунонии AI ҳамчун самти афзалиятноки стратегии рушди кишвар эътироф шудааст. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар чандин суханронӣ таъкид намудаанд, ки тақвияти рақамикунонии давлат ва истифодаи AI барои рушди устувори кишвар муҳим аст.

**Мушкилот ва хатарҳо**

Бо вуҷуди афзалиятҳо, истифодаи AI бо чанд мушкилот рӯбарӯ аст:

- Хавфи аз даст додани ҷойҳои корӣ бо автоматонидани равандҳо;
- Амнияти иттилоотӣ ва махфияти маълумот;
- Нобаробарии дастрасӣ ба технологияҳо;
- Ҳавфи истифодаи нодурусти AI ва ташаккули тағйироти ношоям дар ҷомеа.

Дар амал бошад, портали ҳукумати электронӣ, регистри ягонаи иттилоот оид ба литсензия ва иҷозатномаҳо, низоми сабти шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ - «Равзанаи ягона», низоми электронии пешниҳоди эъломия оид ба андозҳо, бонки марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқӣ - «Адлия», саҳифаи миллии маълумоти умумии оморӣ, сомонаи харидҳои давлатӣ ва ғайра таъсис ёфта, фаъолият доранд. Аз ҷониби вазорату идораҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ Маркази миллии тестӣ, низоми итттилоотии идоракунии маориф, барномаи дастгирии мушаххаси иҷтимоӣ, идоракунии молияи давлатӣ ва ғайра роҳандозӣ шудаанд.

Дар робита бо ин қобили зикр аст, ки тибқи “Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар кишвари мо се марҳалаи гузариш ба иқтисоди рақамӣ – то соли 2025 (давраи муайянсозии афзалиятҳо ва мутобиқшавӣ), то соли 2030 (татбиқи пилотии унсурҳои асосии иқтисоди рақамӣ) ва то соли 2040 (тақвияти рақамисозии иқтисодиёт ва соҳаҳои дигари фаъолият) пешбинӣ гардидааст.

Дар маҷмуъ, дар Тоҷикистон ба хубӣ дарк шудааст, ки рақамикунонӣ, гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва рушди зеҳни сунъӣ ҳамчун падидаи техникӣ, иқтисодӣ ва сиёсию иҷтимоӣ имрӯз дар тамоми кишварҳои олам густариши васеъ пайдо карда истода, ҷойи бозгашт ба шаклҳои кӯҳнаи хоҷагидорию иқтисодӣ, хизматрасонӣ ва идоракунии тамоми равандҳо дигар боқӣ намондааст. Аз ин рӯ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 дар ин самт иловатан чунин вазифаҳоро гузоштанд: “густариши раванди рақамикунонӣ” ва “рушди технологияҳои рақамӣ”; барасмиятдарории фаъолияти сармоягузорӣ “тавассути пурра ҷорӣ намудани низоми электрониву рақамӣ”; андешидани “чораҳои ба ташаккули шароит барои тақвияти соҳаи рақамикунонӣ мусоидаткунанда”. Зиёда аз ин, Пешвои муаззами миллат дар ин Паёмашон таъкид доштанд, ки бо мақсади “таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисоди рақамӣ, рушди инфрасохтори иттилоотиву коммуникатсионӣ дар тамоми қаламрави кишвар, рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва вусъатбахшии раванди амалӣ намудани “ҳукумати электронӣ” ба Ҳукумати мамлакат ва сохтору мақомоти дахлдор супориш дода мешавад, ки доир ба таъсис додани Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон чораҷӯӣ намоянд”.

Ҳамзамон, 22 июни соли 2023 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» ба тасвиб расид, ки ба рушди

иқтисодиёти миллӣ ва низоми молиявии он мусоидат карда, барои таъмини шаффофият, пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва коҳиши таъсири омилҳои инсонӣ аҳаммияти бузург дорад.

Барои рушди зеҳни сунъӣ бошад, дар ҷумҳурӣ Шурои зеҳни сунъӣ дар назди Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2021) таъсис ёфта, "Стратегияи рушди «зеҳни сунъӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040" қабул гардид (сентябри соли 2022), ки ба ҳамгироии бахшҳои асосии иқтисодиёт, омода кардани кадрҳо барои иқтисодиёти рақамӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар арсаи байналмилалӣ нигаронида шудааст. Дар баробари ин, дар доираи иҷрои лоиҳаи «Upskill 1.0: Беҳтар намудани иқтидори зеҳни сунъӣ дар байни омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳҳои Тоҷикистон» 50 омӯзгор аз 11 донишгоҳи Тоҷикистон тахассуси худро дар соҳаи зеҳни сунъӣ такмил доданд. Аз ҷониби баъзе ширкатҳо чатботҳои Dono AI ва SomoniGPT фаъол карда шуда, миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой созишномаҳо ба имзо расиданд. Дарн самт ҳамкориҳо бо ширкатҳои байналмилалӣ, масалан, бо NVIDIA дар эҷоди инфрасохтори ба маълумоти маҳаллӣ мутобиқшуда, рушди экосистемаи рақамии кишвар ва бо Huawei - яке бузургтарин ширкатҳои технологии Чин дар соҳаи телекоммуникатсия, коркарди додаҳо ва зерсохторҳо барои рушди зеҳни сунъӣ роҳандозӣ мешаванд ва ғайра.

**Маъно ва аҳамият**

Рақамикунонии давлат ва иқтисод маънои гузариш аз равандҳои анъанавӣ ба шаклҳои электронӣ ва автоматӣ-ро дорад. Ин раванд имконият медиҳад, ки маълумот зудтар коркард шавад, хизматрасонӣ ба аҳолӣ тезтар ва дақиқтар сурат гирад, ва хароҷоти идоракунӣ кам карда шавад. Дар Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид кардаанд, ки рақамикунонӣ ба рушди устувори кишвар ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум мусоидат мекунад.

**Соҳаҳои рақамикунонии Тоҷикистон**

1. **Идоракунии давлатӣ**
   Хадамоти давлатӣ ба шакли электронӣ мегузаранд. Мисол, ҳуҷҷатҳои шаҳрвандон, бақайдгирӣ ва пардохтҳо метавонанд онлайн анҷом дода шаванд.
2. **Тиҷорат ва молия**
   Бонки электронӣ ва пардохтҳои онлайнӣ имконият медиҳанд, ки корбарон бе ташриф ба муассисаҳои молиявӣ хизматрасониро қабул кунанд.
3. **Таълим ва илм**
   Дарсҳо ва лексияҳо аз фосила, ҳамчунин китобхонаҳои электронӣ, имкониятҳои омӯзиши онлайнӣ барои донишҷӯён ва омӯзгорон фароҳам оварда шудааст.
4. **Тиб ва саломатӣ**
   Низоми бақайдгирии беморон ва таъиноти тиббӣ ба шакли электронӣ бо суръат ва дақиқӣ мутақобил шудааст.

**Фаъолият ва нақшаҳои давлатӣ**

Тоҷикистон стратегияи рушди рақамиро ҷорӣ кардааст, ки он **ҳамкорӣ бо бахшҳои хусусӣ, омӯзиш ва рушди инфрасохторро дар бар мегирад**. Ин раванд на танҳо барои беҳтар кардани хизматрасонӣ, балки барои рушди инноватсионӣ ва эҷоди ҷойҳои нави корӣ низ муҳим аст. Бо вуҷуди аҳамияти рақамикунонии давлат, Тоҷикистон бо баъзе мушкилот рӯбарӯ мебошад:

- Нобаробарии дастрасӣ ба интернет ва техника байни минтақаҳо;
- Таълим ва омӯзиши маҳдуд оид ба технологияи рақамӣ;
- Хавфи амнияти иттилоотӣ ва дуздии маълумот.

Барои бартараф кардани ин мушкилот, давлат нақшаҳои таълим, сармоягузорӣ дар инфрасохтор ва такмили қонунгузории амнияти иттилоотиро пешбинӣ кардааст. Боиси таъкиди хос аст, ки тадбирҳое, ки то кунун аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ва ниҳодҳои дигари давлатию хусусӣ андешида шудаанд, вазифаҳое, ки Пешвои муаззами миллат барои рақамикунонӣ, гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва рушди зеҳни сунъӣ дар назди ҷомеаи муосири мо гузоштаанд ва хусусан, таъсиси ниҳоди давлатии ба инноватсия ва технологияҳои рақамӣ махсусгардонидашуда, ки аллакай фаъолият дорад, метавонанд барои ворид гаштани Тоҷикистон ба иқтисоди рақамӣ ҳамҷониба мусоидат карда, паёмадҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии ин равандҳо, рақамикунонӣ ва рушди зеҳни сунъиро тавассути андешидани тадбирҳои дигари саривақтӣ ба манфиати мардуми кишвар созгор намоянд. Ҳамаи ин моро водор меозад, ки ба дурнамои ин раванд таваҷҷуҳи бештар дошта бошем, хусусан аз он сабаб, ки 25 июли соли 2025 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид лоиҳаи қатъномаи махсусро зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ», ки бо ибтикори Пешвои муаззами миллат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид, бо иттифоқи оро қабул намуд. Дар ин самт, муайян кардани мушкилот ва пайдои роҳҳои ҳалли онҳо дар дурнамои наздику дур бояд дар мадди аввал қарор дошта бошанд.

Мушкилоти рушди рақамикунонӣ, иқтисодӣ рақамӣ ва зеҳни сунъӣ хеле зиёданд, зеро ин равандҳо дар маҷмуъ аз ҷониби мутахассисону коршиносон ҳам ба таври мусбат ва ҳам ба таври манфӣ арзёбӣ карда мешаванд. Аз ҷумла, дар Тоҷикистон, ки дар оғози кор қарор дорад, барои рушди иқтисоди рақамӣ ва зеҳни сунъӣ, қабл аз ҳама, бояд шабакаҳои олимаҳсулу васеъхаттаи интернетӣ ва заминаи меърии ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда (истифода аз таҷрибаи кишварҳои дигар, масалан, омӯзиши қонунгузории Иттиҳоди Аврупо дар бораи зеҳни сунъӣ) ва хавфу хатарҳо аз ҷониби қаллобиҳои электронӣ бартараф гардида, хизматрасониҳои бонкӣ, намудҳои дигари он ва хариду фурӯш ҳар чи бештар ба тариқи электронӣ ба роҳ монда шаванд, ташаккули ҳукумати электронӣ босуръаттар роҳандозӣ гардад ва ғайра. Маҳз ҳамин метавонад барои кишвари мо барои ботадриҷ гузаштан ба сӯи *рақамикунонӣ* ҳамчун омили асосии такондиҳанда хизмат намояд.

Мушкилот дар самту соҳаҳои гуногуни сиёсию иқтисодӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ вуҷуд доранд. Аз ҷумла, дар мисоли соҳаи илм барои бартараф сохтани чунин мушкилот қабл аз ҳама, танзими ҳуқуқии истифодаи зеҳни сунъӣ ҳангоми иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ зарур аст. Дар ин ҷо истифода аз чатҳои машғул ба генератсияи матнҳо, барномаҳои таҳриркунада ва тарҷумонӣ, синонимайзер (синонимизатор)-ҳо ва амсоли он дар назар дошта шудааст. Дар ин самт фаъолияти якҷояи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олии касбӣ тақозо карда мешавад. Зарурати он вуҷуд дорад, ки чун дар як қатор кишварҳои дигари ҳамсоя, аз ҷумла дар Федератсияи Россия, стандарти махсуси истифодаи зеҳни сунъӣ дар раванди таҳсилот ва корҳои илмию таҳқиқотӣ қабул ва амалӣ карда шавад.

Дар амал бошад, портали ҳукумати электронӣ, регистри ягонаи иттилоот оид ба литсензия ва иҷозатномаҳо, низоми сабти шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ - «Равзанаи ягона», низоми электронии пешниҳоди эъломия оид ба андозҳо, бонки марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқӣ - «Адлия», саҳифаи миллии маълумоти умумии оморӣ, сомонаи харидҳои давлатӣ ва ғайра таъсис ёфта, фаъолият доранд. Аз ҷониби вазорату идораҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ Маркази миллии тестӣ, низоми итттилоотии идоракунии

маориф, барномаи дастгирии мушаххаси иҷтимоӣ, идоракунии молияи давлатӣ ва ғайра роҳандозӣ шудаанд.

Дар маҷмуъ, дар Тоҷикистон ба хубӣ дарк шудааст, ки рақамикунонӣ, гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва рушди зеҳни сунъӣ ҳамчун падидаи техникӣ, иқтисодӣ ва сиёсию иҷтимоӣ имрӯз дар тамоми кишварҳои олам густариши васеъ пайдо карда истода, ҷойи бозгашт ба шаклҳои кӯҳнаи хоҷагидорию иқтисодӣ, хизматрасонӣ ва идоракунии тамоми равандҳо дигар боқӣ намондааст. Аз ин рӯ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 дар ин самт иловатан чунин вазифаҳоро гузоштанд: “густариши раванди рақамикунонӣ” ва “рушди технологияҳои рақамӣ”; барасмиятдарории фаъолияти сармоягузорӣ “тавассути пурра ҷорӣ намудани низоми электрониву рақамӣ”; андешидани “чораҳои ба ташаккули шароит барои тақвияти соҳаи рақамикунонӣ мусоидаткунанда”**.** Зиёда аз ин, Пешвои муаззами миллат дар ин Паёмашон таъкид доштанд, ки бо мақсади “таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисоди рақамӣ, рушди инфрасохтори иттилоотиву коммуникатси онӣ дар тамоми қаламрави кишвар, рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва вусъатбахши и раванди амалӣ намудани “ҳукумати электронӣ” ба Ҳукумати мамлакат ва сохтору мақомоти дахлдор супориш дода мешавад, ки доир ба таъсис додани Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон чораҷӯӣ намоянд”**.**

*Ҳамзамон,22июни соли 2023 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» ба тасвиб расид, ки ба рушди иқтисодиёти миллӣ ва низоми молиявии он мусоидат карда, барои таъмини шаффофият, пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва коҳиши таъсири омилҳои инсонӣ аҳаммияти бузург дорад.*

*Барои рушди зеҳни сунъӣ бошад, дар ҷумҳурӣ Шурои зеҳни сунъӣ дар назди Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2021) таъсис ёфта, “Стратегияи рушди «зеҳни сунъӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040” қабул гардид (сентябри соли 2022), ки ба ҳамгирои бахшҳои асосии иқтисодиёт, омода кардани кадрҳо барои иқтисодиёти рақамӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар арсаи байналмилалӣ нигаронида шудааст. Дар баробари ин, дар доираи иҷрои лоиҳаи «Upskill 1.0: Беҳтар намудани иқтидори зеҳни сунъӣ дар байни омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳҳои Тоҷикистон» 50 омӯзгор аз 11 донишгоҳи Тоҷикистон тахассуси х удро дар соҳаи зеҳни сунъӣ такмил доданд. Аз ҷониби баъзе ширкатҳо чатботҳои Dono AI ва SomoniGPT фаъол карда шуда, миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой созишномаҳо ба имзо расиданд. Дарн самт ҳамкориҳо бо ширкатҳои байналмилалӣ, масалан, бо NVIDIA дар эҷоди инфрасохтори ба маълумоти маҳаллӣ мутобиқшуда, рушди экосистемаи рақамии кишвар ва боHiawei-яке бузургтарин ширкатҳои технологии Чин дар соҳаи телекоммуникатсия, коркарди додаҳо ва зерсохторҳо барои рушди зеҳни сунъӣ роҳандозӣ мешаванд ва ғайра.*

Боиси таъкиди хос аст, ки тадбирҳое, ки то кунун аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ва ниҳодҳои дигари давлатию хусусӣ андешида шудаанд, вазифаҳое, ки Пешвои муаззами миллат барои рақамикунонӣ, гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва рушди зеҳни сунъӣ дар назди ҷомеаи муосири мо гузоштаанд ва хусусан, таъсиси ниҳоди давлатии ба инноватсия ва технологияҳои рақамӣ махсусгардонидашуда, ки аллакай фаъолият дорад, метавонанд барои ворид гаштани Тоҷикистон ба иқтисоди рақамӣ ҳамҷониба мусоидат

карда, паёмадҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии ин равандҳо, рақамикунонӣ ва рушди зеҳни сунъиро тавассути андешидани тадбирҳои дигари саривақтӣ ба манфиати мардуми кишвар созгор намоянд. Ҳамаи ин моро водор меозад, ки ба дурнамои ин раванд таваҷҷуҳи бештар дошта бошем, хусусан аз он сабаб, ки 25 *июли соли 2025 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид лоиҳаи қатъномаи махсусро зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ», ки бо ибтикори* Пешвои муаззами миллат *ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид, бо иттифоқи аро қабул намуд. Дар ин самт, муайян кардани мушкилот ва пайдои роҳҳои ҳалли онҳо дар дурнамои наздику дур бояд дар мадди аввал қарор дошта бошанд.*

*Мушкилоти рушди рақамикунонӣ, иқтисодӣ рақамӣ ва зеҳни сунъӣ хеле зиёданд, зеро ин равандҳо дар маҷмуъ аз ҷониби мутахассисону коршиносон ҳам ба таври мусбат ва ҳам ба таври манфӣ арзёбӣ карда мешаванд. Аз ҷумла, дар Тоҷикистон*, ки дар оғози кор қарор дорад, барои рушди иқтисоди рақамӣ *ва зеҳни сунъӣ*, қабл аз ҳама, бояд шабакаҳои олимаҳсулу васеъхаттаи интернетӣ ва заминаи меърии ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда (истифода аз таҷрибаи кишварҳои дигар, масалан, омӯзиши қонунгузории Иттиҳоди Аврупо дар бораи зеҳни сунъӣ) ва хавфу хатарҳо аз ҷониби қаллобиҳои электронӣ бартараф гардида, хизматрасониҳои бонкӣ, намудҳои дигари он ва хариду фурӯш ҳар чи бештар ба тариқи электронӣ ба роҳ монда шаванд, ташаккули ҳукумати электронӣ босуръаттар роҳандозӣ гардад ва ғайра. Маҳз ҳамин метавонад барои кишвари мо барои ботадриҷ гузаштан ба сӯи *рақамикунонӣ* ҳамчун омили асосии такондиҳанда хизмат намояд.

Мушкилот дар самту соҳаҳои гуногуни сиёсию иқтисодӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ вуҷуд доранд. Аз ҷумла, дар мисоли соҳаи илм барои бартараф сохтани чунин мушкилот қабл аз ҳама, танзими ҳуқуқии истифодаи зеҳни сунъӣ ҳангоми иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ зарур аст. Дар ин ҷо истифода аз чатҳои машғул ба генератсияи матнҳо, барномаҳои таҳриркунада ва тарҷумонӣ, синонимайзер (синонимизатор)-ҳо ва амсоли он дар назар дошта шудааст. Дар ин самт фаъолияти якҷояи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олии касбӣ тақозо карда мешавад. Зарурати он вуҷуд дорад, ки чун дар як қатор кишварҳои дигари ҳамсоя, аз ҷумла дар Федератсияи Россия, стандарти махсуси истифодаи зеҳни сунъӣ дар раванди таҳсилот ва корҳои илмию таҳқиқотӣ қабул ва амалӣ карда шавад.

**Аҳамияти рақамикунонӣ:**

- суръати корро зиёд мекунад;
- хароҷотро кам мекунад;
- дастрасӣ ба маълумотро осон менамояд;
- шаффофиятро беҳтар мекунад;
- барои рушди иқтисодиёт мусоидат мекунад.

**Мушкилотҳои он:**

1. камбуди дониши рақамӣ дар баъзе одамон;
2. хавфи дуздии маълумот;
3. нобаробарии дастрасӣ ба интернет ва техника;
4. вобастагӣ аз технология.

Рақамикунонии зеҳни сунъӣ як амри тақдирсоз барои замони муосир мебошад. Он имконият медиҳад, ки корҳо зудтар, дақиқтар ва муассиртар анҷом шаванд, имкониятҳои

нави иқтисодӣ ва иҷтимоӣ эҷод кунанд ва рушди устувори ҷомеаро таъмин намоянд. Дар Тоҷикистон, бо идомаи татбиқи стратегияҳои рақамикунонии AI, кишвар метавонад мавқеи устувор дар арсаи ҷаҳонӣ пайдо кунад. Рақамикунонии Тоҷикистон як ҷузъи муҳими сиёсати рушди давлат ва иҷтимоиёт мебошад. Он имконият медиҳад, ки равандҳои маъмурӣ ва иқтисодӣ самараноктар гарданд, дастрасӣ ба хизматрасонӣ осон шавад ва сатҳи зиндагии аҳолӣ беҳтар шавад. Бо идомаи татбиқи стратегияҳои рақамӣ, Тоҷикистон метавонад дар давраи ҷаҳонишавӣ ва технологӣ мавқеи устувор пайдо кунад.

**Рақамикунонӣ дар замони муосир** ин гузариши маълумот, хизматрасонӣ ва равандҳои корӣ аз шакли анъанавӣ ба шакли электронист.

Хулоса, рақамикунонӣ яке аз нишонаҳои асосии замони муосир аст ва ҳаёти одамонро осонтар, зудтар ва муассиртар мекунад.Он имрӯз дар бисёр соҳаҳо дида мешавад: дар **таълим**, **тиб**, **бонкдорӣ**, **тиҷорат**, **идоракунии давлатӣ** ва **алоқа**. Масалан, ҳуҷҷатҳо ба шакли электронӣ мегузаранд, пардохтҳо онлайн мешаванд, дарсҳо аз фосила баргузор мегарданд.

**Информация об авторе:**

**Раҳимзода Сарвиноз Назрулло**, саромузгор кафедраи ТБ ва ЗС , ш. Кулоб, тел.: 93-309-11-92 : sarvinoz2026@list.ru

**Музафарова Ш.**, доктор технических наук, профессор кафедры производственной технологии Университет инновации и цифровых технологий Таджикистана , тел.: 918260869 , e-mail: shoev_@.ru

**Куканов Ҳусниддин Умарович** , магисторант гурухи 1-400-101,"Таъминоти барномави ", тел.: 000-05-52-86 , e-mail: kukanov_husniddin@mail.ru

## СИЁСАТИ ИТТИҲОДИ АВРУПО ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР НИЗОМИ НАВИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Холов Ф.М., Холов М.Ш.**

*Институти Омӯзиши Масъалаҳои Давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ,*
*МДТ«Донишгоҳи Давлатии Тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино»*

**Аннатотсия.** Дар мақолаи мазкур дар бораи сиёсати Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ дар шароити нави муносибатҳои байналмилалӣ ҳамчун самти муҳими равандҳои геосиёсӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар даҳсолаи ахир, бо тағйир ёфтани тавозуни қудрат дар ҷаҳон ва афзоиши рақобатҳои қудратҳои бузург ва минтақавӣ, минтақаи Осиёи Марказӣ аҳамияти бештарро касб намудааст. Иттиҳоди Аврупо бо мақсади таҳкими субот, рушди устувор ва ҳамкориҳои иқтисодӣ сиёсати худро нисбат ба кишварҳои минтақа бо таҳияи стратегияҳои нав такмил дода истодааст. Дар доираи ин сиёсат, таваҷҷуҳи махсус ба соҳаҳои амният, энергетика, ҳифзи муҳити зист, идоракунии захираҳои об ва рушди институтҳои демократӣ зоҳир мегардад. Иттиҳоди Аврупо кӯшиш менамояд, ки тавассути барномаҳои шарикӣ ва ҳамкориҳои бисёрҷониба, робитаҳои худро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ густариш диҳад.

**Калидвожаҳо:** Иттиҳоди Аврупо, Осиёи Марказӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсат, Иттиҳоди Шӯравӣ, Комиссияи Аврупо.

**Аннотация.**В данной статье рассматривается политика Европейского союза в Центральной Азии в новых условиях международных отношений как важное направление

геополитических процессов. В последнее десятилетие, в условиях изменения баланса сил в мире и усиления конкуренции между великими и региональными державами, регион Центральной Азии приобрел большее значение. В целях укрепления стабильности, устойчивого развития и экономического сотрудничества Европейский союз совершенствует свою политику в отношении стран региона, разрабатывая новые стратегии. В рамках этой политики особое внимание уделяется вопросам безопасности, энергетики, охраны окружающей среды, управления водными ресурсами и развития демократических институтов. Европейский союз стремится расширить свои отношения со странами Центральной Азии посредством партнерских программ и многостороннего сотрудничества.

**Ключевые слова:** Европейский союз, Центральная Азия, международные отношения, политика, Советский Союз, Европейская комиссия

**Annotation.** This article examines the European Union's policy in Central Asia in the new context of international relations as an important aspect of geopolitical processes. Over the past decade, amidst a shifting global balance of power and intensifying competition between great and regional powers, the Central Asian region has gained increasing importance. To strengthen stability, sustainable development, and economic cooperation, the European Union is improving its policy towards the countries of the region by developing new strategies. This policy places particular emphasis on security, energy, environmental protection, water management, and the development of democratic institutions. The European Union seeks to expand its relations with the countries of Central Asia through partnership programs and multilateral cooperation.

**Keywords:** European Union, Central Asia, international relations, politics, Soviet Union, European Commission

**Муқаддима**

Осиёи Марказ(ОМ), ки як минтақаи дорои роҳи баромад ба баҳр нест, аз панҷ ҷумҳурие иборат аст, ки баъд аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ, махсусан соли 1991, соҳибистиқлол гашта ва ҳамчун давлатҳои нави демократӣ зуҳур карданд. Парокандашавии Иттиҳоди Шӯравӣ боиси тағйироти ҷиддӣ, ҳам аз ҷиҳати таърихӣ ва ҳам аз лиҳози сиёсӣ дар заминаи рушди ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ гардид.

Аз ҷиҳати ҷуғрофӣ, Осиёи Марказӣ яке аз минтақаҳои бузургу муҳими дунё ба ҳисоб меравад, ки дар шарқи Баҳри Каспий ҷойгир буда, аз ҷануб бо хатти марзии Эрон ва Афғонистон иҳота шудааст. Аз шимол ва шарқ бошад, онро минтақаи Сибири Русия ва вилояти Синтсияи Чин (Xinjiang) фаро мегирад.

Минтақаи Осиёи Марказӣ, ки дар ҳамсоягии наздик бо Афғонистон қарор дорад, ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Иттиҳоди Аврупо(ИА) қарор гирифтааст. Иттиҳоди Аврупо, ки як созмони сиёсию иқтисодии иборат аз бисту ҳафт кишвари аъзои қитъаи Аврупост, пас аз соҳибистиқлол гардидани кишварҳои Осиёи Марказӣ аз доираи назорат ва гиреҳҳои геополитикии Иттиҳоди Шӯравӣ, ба таҳияи стратегияҳо ва сиёсатҳои нав дар ин минтақа шурӯъ намуд. Имрӯз, 27 кишвари узви Иттиҳоди Аврупо аҳолии умумӣ беш аз 500 миллион нафарро ташкил медиҳанд ва маҷмӯи маҳсулоти дохилии номиналии Иттиҳоди Аврупо беш аз 19 триллион евро ё аз рӯи паритети қобилияти харидорӣ 26 триллион евроро ташкил медиҳад.[5]

Аз ҷиҳати таърихӣ, Аврупо дар фазои Авруосиёӣ муттаҳид шуда, на танҳо барои робитаҳои иқтисодию сиёсӣ, балки барои густариши намояндагиҳои дипломатӣ ва ҳамчунин осон намудани сафарҳо дарро боз кард. Иттиҳоди Аврупо бо минтақаи Осиёи Марказӣ

барои мақсадҳои гуногун — иқтисодӣ, сиёсӣ, стратегӣ, тиҷоратӣ, геополитикӣ, фарҳангӣ ва барои пешрафти фанноварӣ — ҳамкорӣ мекунад.

Кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ бошад мекӯшад, то робитаҳои худро бо ҷомеаи ҷаҳонӣ тавсеа диҳанд ва дар низоми байналмилалӣ симои арзанда ва қобили эътимод пайдо кунад. Дар солҳои 1990-ум ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ аз фарҳанги Ғарбӣ қариб ки дур буданд, дар ҳолате ки Иттиҳоди Аврупо барои густариши фарҳанги ғарбӣ талош меварзид. Тавре ки Мелвин Н. Ҷ. зикр мекунад: «Дар аввали солҳои 1990-ум иштироки кишварҳои ғарбӣ дар Осиёи Марказӣ низомнок набуд ва асосан ба лоиҳаҳои энергетикӣ ва робитаҳои фарҳангӣ тамаркуз ёфта буд»[15].

Кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ё Шарқи Миёна аз Иттиҳоди Аврупо, Британияи Кабир (БК), Штатҳои Муттаҳидаи Амрико (ШМА) ва Ҷопон умед доштанд, ки дар роҳҳои ташаккули иқтисодиёти дунявӣ, рушди устувор ва ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ кумак кунанд. Илова бар ин, аз ҷониби кишварҳои Осиёи Марказӣ, давлатҳои аврупоӣ ба таври оқилона ва бо эҳтиёт ба равандҳои ҳамкорӣ рӯ овularанд.

Саволи мантиқии баъдӣ ин аст, ки чаро кишварҳои аврупоӣ ва умуман ғарбӣ мехоҳанд бо кишварҳои Осиё, хоса ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, робитаҳои устувор ва дарозмуддати ҳамкорӣ барқарор кунанд? Сабаб дар он аст, ки Осиёи Марказӣ аз нигоҳи захираҳои табиӣ бисёр бой буда, ба ҳайси минтақаи сарватманд ва дорои имкониятҳои иқтисодии васеъ ба ҳисоб меравад[15].

Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ бо болоравии нуфузи Туркия, Русия, ШМА ва Чин, Иттиҳоди Аврупо дар минтақа канорагиро эҳсос мекунад.[11. С-31] Аммо дар даҳсолаи дуюм ва сеюми истиқлолияти кишварҳои минтақа Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои аъзои созмон дар алоҳидагӣ фаъол мешаванд ва то имрӯз муносибатҳои дуҷонибаи баъзе аз кишварҳо то ба сатҳи шарикии стратегӣ баромадааст. Барои мисол созишномаи шарикии Узбекистон ва Бритнаияи Кабирро бояд қайд намуд, ки пас ихроҷ шуданаш аз Иттиҳоди Аврупо ҳамкориҳои худро аввалин шуда бо Узбекистон октябри соли 2019 то сатҳи шарикӣ расонид.

Дар давраи муосири асри XXI, вазифаи асосии Иттиҳоди Аврупо сохтани сулҳ, нигоҳдории субот, амният ва пешрафт барои тамоми қитъаи Аврупо мебошад. Ин тасвири возеҳи ташаккули Иттиҳоди Аврупоро нишон медиҳад, ки дар он бисту ҳашт давлати аъзои он муттаҳид шуда, барои қавӣ шудан дар ҷаҳони глобализатсияшуда кӯшиш мекунанд.

Аз ҷиҳати иқтисодӣ, Иттиҳоди Аврупо як қудрати олӣ ба ҳисоб меравад ва пули он дар бозори ҷаҳонӣ ҳукмфармо мебошад. Бо вуҷуди ин, бо сабаби заиф будани қувваи низомӣ, Иттиҳоди Аврупо бо ШМА, ки давлати доминантӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ мебошад, рақобат намекунад.

Иттиҳоди Аврупо як иттиҳоди давлатҳои миллӣ буда, дорои ниҳодҳои асосии қавӣ мебошад, ки фаъолона барои нигоҳдории Иттиҳоди Аврупо кор мекунанд. Ҳоло Иттиҳоди Аврупо дорои якчанд марказҳои фаъол мебошад, ки кишварҳои аъзо барои рушди минбаъда дар соҳаҳои иқтисод, сиёсат, гуманитарӣ, муҳити зист, технология ва илмӣ бо ҳам ҳамкорӣ мекунанд.

Аз замони пайдоиши кишварҳои нави мустақили Осиёи Марказӣ, Иттиҳоди Аврупо барои барқарор кардани шарикии дуҷониба бо онҳо талош мекунад. Хронологияи рӯйдодҳо нишон медиҳад, ки ин раванд барои ИА то чӣ андоза душвор буд. Дар солҳои 1995 ва 1996, Созишномаҳои стандартии шарикӣ ва ҳамкории ИА бо Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон баста шуданд, ки он танҳо соли 1999 эътибор пайдо карданд. Созишномаи шабеҳи шарикӣ ва ҳамкорӣ бо Тоҷикистон соли 2004 имзо шуда, аз аввали соли 2010 амал

мекунад. ИА муносибатҳоро бо Туркманистон дар доираи Созишномаи муваққатӣ оид ба тиҷорат (аз августи соли 2010) рушд медиҳад. Созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ бо ин кишвар соли 1998 баста шуд, аммо ИА онро бо сабаби вазъи сиёсии дохилӣ ва вазъи ҳуқуқи башар дар Туркманистон ҳеҷ гоҳ тасдиқ накардааст[7].

Ҳанӯз дар соли 1991, Комиссияи Аврупо барномаи Кӯмаки техникӣ барои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (TACIS)-ро барои дастгирии равандҳои сохтмони давлат, ислоҳоти иқтисодӣ ва ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ амалӣ карданро оғоз кард.

Ҳамин тариқ, Иттиҳоди Аврупо таваҷҷӯҳи зиёд нишон дода, махсусан дар соли 2004 ба ин минтақа ворид шуд. Муноқишаи байни Русия ва Украина, ки асосан таваҷҷӯҳи кишварҳои ИА-ро ҷалб мекард, ба онҳо имкон медод, ки мавқеи ибтидоӣ ва ғайрифаъол дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамчун манбаи энергия ва як ҳалли муваққатӣ ба даст оранд.

**Мақсади таҳқиқот.** Нақшаи асосии Иттиҳоди Аврупо ин буд, ки захираҳои нафт ва гази Осиёи Марказиро бе гузашт ё интиқол аз Русия ба қаламрави Ғарб ворид намояд, то нуфуз ё назорати Русия дар ин минтақаи сарватманди нафт вуҷуд надошта бошад.

- Тавре, ки Фразер Камерон қайд мекунад: «Ин минтақа манбаи муҳим барои воридоти энергия барои Иттиҳоди Аврупо мебошад. Ҳамаи панҷ кишвари Осиёи Марказӣ аз низоми умумии афзалиятҳои Иттиҳоди Аврупо (GSP) манфиат мебаранд»[11. С-31].

- Иттиҳоди Аврупо айни ҳол яке аз шарикони асосии тиҷоратӣ ва ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Соли 2006, Шӯрои Аврупо тасмим гирифта буд, ки сиёсатҳои қонунгузорӣ ва бюрократии ИА-ро, махсусан барои Осиёи Марказӣ, мураккаб ва ҷузъиётизотар намояд.

- Барои пешбурд ва рушди муносибатҳои дуҷониба бо панҷ ҷумҳурии Осиёи Марказӣ, Иттиҳоди Аврупо Созишномаҳои шарикӣ ва ҳамкорӣ (Partnership and Cooperation Agreements — PCAs) таъсис дод. Ин созишнома бар се сутун ва пояи асосӣ барои ҳамкории бисёрсамтӣ асос ёфтааст: 1) робитаҳои иқтисодӣ; 2) муносибатҳои тиҷоратӣ; 3) муколамаи сиёсӣ, ҳукуматдорӣ ва маъмурӣ.

Ҳамин тавр, Иттиҳоди Аврупо таваҷҷуҳи бузург нишон дод ва махсусан дар соли 2004 иштироки худро дар ин минтақа афзоиш дод. Солҳои 2004 ва 2007 дар сатҳи ҷаҳон муҳим шуморида мешаванд, зеро манфиатҳои Иттиҳоди Аврупо (ИА) ба нигоҳдорӣ ва дароз намудани муносибатҳои дуҷониба ва минтақавӣ бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ равона гардида буданд. Иттиҳоди Аврупо инчунин ба онҳо кӯмаки иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва демократӣ пешниҳод карданро дар маркази таваҷҷуҳи худ қарор додааст.

Дигар кишварҳои узви ИА, ба монанди Британияи Кабир, Италия, Булғория, Лаҳистон, Руминия ва давлатҳои Баҳри Балтик марказҳои манфиатҳои гуногун доранд. Масалан, Британияи Кабир ба хидматрасониҳои молиявӣ ва пулӣ дар Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳ дорад; Италия ба бахшҳои саноатӣ ва рушди матову нассоҷӣ; Руминия ва Булғория ба хидматҳои энергетикӣ ва давлатҳои Балтик ва Лаҳистон таваҷҷуҳи ҷиддӣ нишон дода, ҳамчун маркази боркашонӣ барои содироти кишварҳои Осиёи Марказӣ амал мекунанд.

Иттиҳоди Аврупо барои таъмини робитаи устувор дар дохил ва байни минтақаҳои мо чаҳорчӯбаи қавӣ, ҳадафманд ва дурнамои ҳамкорӣ байни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ таъсис медиҳад. Соли 2010 ниҳодҳои Иттиҳоди Аврупо нисбат ба даҳ соли пеш симои дигарро нишон доданд. Дар айни замон, он дорои як Идораи ягонаи Аврупоӣ мавҷуд аст, ки Комиссия, Дабирхонаи Шӯро ва Хадамоти нави дипломатӣ унсурҳои асосии он ба шумор меравaнд.

Пайвастҳои нақлиётии беҳтаршуда, устувор ва бехатар метавонанд дар дастгирии гуногунрангии иқтисодӣ ва рушди сабз нақши муҳим бозанд, ки ҳадафи муштараки шукуфони Осиёи Марказиро дастгирӣ мекунад. Дар шароити геополитикии мураккабтар, Осиёи Марказӣ талош доранд, ки имконоти худро гуногунранг кунанд ва ба ҳузури қавитари Иттиҳоди Аврупо ҳамчун омили мувозинат дар муодилаи минтақавӣ ва шарики содиқ барои ислоҳот ва навсозӣ менигаранд.

Авлавиятҳои рушди Иттиҳоди Аврупо ба минтақае нигаронида шудаанд, ки гуногунрангии иқтисодӣ надорад, бо мушкилоти назарраси экологӣ рӯбарӯ аст ва дар он сатҳи савдо ва ҷараёни сармоягузории дохилиминтақавӣ нопойдор боқӣ мемонад. Осиёи Марказӣ дар байни авлавиятҳои сиёсати хориҷии Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои пешбари узви он ҷой гирифтан душвор аст. Бо вуҷуди ин, дар ин авохир таваҷҷӯҳ ба минтақа эҳё шудааст, ки инро кори Намояндаи махсуси Иттиҳоди Аврупо оид ба Осиёи Марказӣ нишон медиҳад. Марказҳои таҳлилии аврупоӣ низ ба омӯзиши Осиёи Марказӣ таваҷҷӯҳи бештар зоҳир кардаанд[1. С-25].

Кӯмаки расонидашуда аз ҷониби Комиссияи Аврупо дар якҷоягӣ бо кӯмаки алоҳида аз ҷониби кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо, Иттиҳоди Аврупоро ба яке аз таъминкунандагони рақами яки кӯмаки рушд дар минтақа табдил медиҳад. Кӯмаки Комиссияи Аврупо ба Осиёи Марказӣ дар давраи солҳои 2014-2020 ба 1,1 миллиард евро расид. Барои беҳтар мутобиқ кардани барномаҳои рушд ба хусусиятҳои ҳар як кишвар, ба монанди сатҳи мавҷудаи рушд ва арзёбии ниёзҳо, Иттиҳоди Аврупо аз равиши фарққкунанда барои кӯмаки худ истифода мебарад, ки ба кишварҳои камбизоаттарин ва осебпазиртарин тамаркуз мекунад[14].

Вақте ки мо дар бораи стратегияи сиёсати хориҷии Иттиҳоди Аврупо (ИА) барои Осиёи Марказӣ, ҳамчун як субъекти беназири ҷаҳонӣ, сухан меронем, мо нақшаи консептуалии чораҳои хуб андешидашуда ва ба ҳам алоқаманди иттиҳодияи ҳамгироии Аврупоро барои ноил шудан ба ҳадафҳои дарозмуддати худ (10-15 сол) бо роҳи самараноктарин ва аз ҷиҳати хароҷот самараноктар нисбат ба панҷ ҷумҳурии осиёӣ, ки пас аз фурӯпошии ИҶШС ташкил шудаанд: Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон, дар назар дорем. Ин стратегия бо барномаҳои нишондиҳандаи минтақавии бисёрсола пурра карда мешавад.

Рушди стратегияи ИА дар Осиёи Марказӣ метавонад тақрибан ба се давра тақсим карда шавад: 1991-2001; 2001-2017; ва аз соли 2017 то имрӯз[4].

1) 1991-2001. Дар солҳои 1990 Иттиҳоди Шӯравӣ фурӯ пошид ва кишварҳои Осиёи Марказӣ пай дар пай истиқлолияти худро эълон намуданд. Барои тақвият додани нуфузи байналмилалии худ дар саҳни сиёсати нави ҷаҳонӣ, Иттиҳоди Аврупо оғоз намуд, ки робитаҳои худро густариш диҳад. Бо таваҷҷуҳ ба вобастагии ИА аз нафти хом пас аз оғози ҳазорсолаи нав ва ғайрипешбинишаванда будани муносибатҳои байни Аврупо ва Русия, ИА маҷбур шуд ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки дар наздикии Русия ҷойгиранд, рӯ оварад, то роҳи диверсификатсияи манбаъҳои таъминоти энергетикӣ ва таъмини суботи геополитикиро пайдо кунад.

2) 2) 2001-2017. Оғози ин давра барои ИА давраи тиллоӣ буд, вақте ки ИА ба мутобиқ кардани стратегияи дипломатии худ ва васеъ кардани қаламрав ва доираи нуфузи худ шурӯъ кард. Дипломатияи ИА тадриҷан ба берун густариш ёфт ва ба кишварҳои Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ, инчунин Осиёи Марказӣ таъсири амиқ расонд ва арзишҳо ва сатҳи баланди қудрати иқтисодии ИА-ро нишон дод, ин кишварҳоро аз бартариҳои Аврупо огоҳ кард ва баъзеи онҳоро барои пайвастан илҳом бахшид. Стратегияи нави дипломатии ИА минтақаи

Осиёи Марказиро дар бар мегирад. Нашри «ИА-Осиёи Марказӣ: Стратегияи нави шарикӣ» дар соли 2007 тасдиқи равшани ин аст.[9] Ҳамкории ду ҷониб дар ин давра аз ҳамкорӣ дар соҳаҳои мушаххас ба равиши ҳамаҷониба ва бисёрсоҳавӣ - дар соҳаҳои рушди иқтисодӣ, нақлиёт, амнияти минтақавӣ, ҳифзи муҳити зист ва захираҳои энергетикӣ густариш ёфт. Дар айни замон, як қатор тадбирҳо, аз қабили муколамаи сиёсии сатҳи баланд ва маблағгузории Бонки Аврупо оид ба рушди корхонаҳои хурду миёна дар Осиёи Марказӣ, низ ба тақвияти мубодила ва ҳамкории байни ду ҷониб ва афзоиши обрӯ ва таъсири сиёсии ИА дар Осиёи Марказӣ мусоидат кардаанд.

3) Аз соли 2017 то инҷониб.

Иттиҳоди Аврупо барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ду стратегияи махсуси худро қабул намудааст: стратегияи якум соли 2007 ва старгияи дуюм соли 2019. Ҳашт сол пас аз қабули Стратегияи якум барои Осиёи Марказӣ, Шӯрои Иттиҳоди Аврупо пешравиҳои назаррасро дар густариши равобити Аврупо бо Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва умуман бо минтақаи Осиёи Марказӣ бо хушнудӣ истиқбол кард. Шӯро манофеи мутақобила дар тавсеаи ҳамкории сиёсию иқтисодиро ба инобат гирифта, бори дигар омодагии Иттиҳоди Аврупоро барои рушди муносибатҳо дар асоси принсипҳои масъулиятшиносӣ ва моликият, ки ба рушди босубот, бехатару устувори минтақа равонаанд, таъкид намуд.

**Натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастовардашуда.** Мақсадҳои асосӣ ва самтҳои афзалиятноки Стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ, чун пештара дар соли 2007 бетағйир хоҳанд монд. Ҳангоми татбиқи Стратегия, Иттиҳоди Аврупо сабақҳои қаблӣ ва дигаргуниҳоро дар минтақа, аз ҷумла тағйирёбии вазъи геополитикии атрофи онро ба ҳисоб хоҳад гирифт. Шӯро барои таҳкими робитаҳои тиҷоратӣ ва энергетикӣ байни Иттиҳоди Аврупо ва давлатҳои Осиёи Марказӣ, тақвияти ҳамкорӣ дар ҷодаи суботу амният, аз ҷумла идораи мӯътамади захираҳои табиӣ даъват ба амал овард. Ғайр аз ин Шӯро демократикунонӣ, риояи ҳуқуқи инсон, волоияти қонун, рушди иҷтимоию иқтисодиро чун аркони стратегияи мазкур хеле муҳим медонад.

Дар моҳи июни соли 2019, Иттиҳоди Аврупо Стратегияи наверо оид ба Осиёи Марказӣ қабул кард, ки манфиатҳои стратегиро дар минтақа муайян мекунад ва пешниҳод мекунад, ки бо кишварҳои Осиёи Марказӣ шарикии қавитар ва ғайримустақим барқарор карда шавад, то минтақа ҳамчун фазои иқтисодӣ ва сиёсии устувортар, шукуфонтар ва бо ҳам алоқаманд рушд кунад.

Стратегияи нави ИА инчунин роҳнамоиро барои таҳияи барномаҳои кумаки ИА барои давраи солҳои 2021-2027 пешниҳод мекунад. Шӯрои Иттиҳоди Аврупо таҳкими равобити Иттиҳоди Аврупоро бо Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон, ки аз замони қабул шудани аввалин Стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ дар соли 2007 то имрӯз ҷой доштааст, бо хушнудӣ истиқбол кардааст.

Шӯрои Иттиҳоди Аврупо Баёнияи муштаракро таҳти унвони «Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ: имкониятҳои нав барои шарикии устувор», ки аз ҷониби Комиссияи Аврупо ва Намояндаи олии Иттиҳоди Аврупо оид ба корҳои хориҷӣ ва сиёсати амният қабул шуда буд, тасдиқ намудааст. Ин ҳуҷҷат асоси нави сиёсӣ барои ҳамкории Иттиҳоди Аврупо бо давлатҳои Осиёи Марказӣ барои солҳои оянда хоҳад буд. Ҳадафи Стратегияи нав таъмини устуворӣ, шукуфоӣ ва ҳамкории минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад.

Шӯро омодагии худро ҷиҳати бастан ва амалӣ сохтани созишномаҳои бузург ва мутақобилан судманди шарикӣ ва ҳамкории густурда бо кишварҳои манфиатдори минтақа

таъкид кард. Чунин созишномаҳо рукни асосии ҳамкории Иттиҳоди Аврупо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ хоҳанд буд.

**Мақсади таҳқиқотӣ.** Шӯро нақши стратегии Осиёи Марказиро дар талошҳои умумиҷаҳонӣ баҳри таъмини бохампайвастшавии Аврупо ва Осиё арзёбӣ намуда, қайд кард, ки ин талошҳо ба манфиати худи минтақа мебошанд ва Шӯро интизор аст, ки ҳамкории зич бо давлатҳои Осиёи Марказӣ дар самти таъмини боҳампайвастшавии устувор, густурда ва дар қоидаҳо асосёфта ба роҳ монда шавад. Инчунин, Шӯро таъкид намуд, ки Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои Осиёи Марказӣ манфиатдор ҳастанд, ки ҳамкориҳоро барои таъмини сулҳу субот дар Афғонистон тақвият бахшанд.

Ҳамзамон ҳамкориҳои Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ дар дар қолаби нишастҳои «С5 +1» низ тақвият ёфта истодаанд. Рӯзҳои 3–4 апрел дар шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Узбекистон саммити нахустин байни Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои Осиёи Марказӣ баргузор гардид, ки ин вохӯрӣ аввалин маротиба роҳбарони панҷ кишвари минтақаро бо роҳбарияти Иттиҳоди Аврупо дар як ҷой ҷамъ овард. Барои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Узбекистон, ин саммит имкони таҳкими сиёсати бисёрсамта ва марҳилаи нави шарикии стратегӣ мебошад. Президенти Ҷумҳурии Узбекистон, Шавкат Мирзиёев, ин чорабиниро як «фурсатҳои таърихӣ» хонда, таъкид кардааст, ки он метавонад заминаи ҳамкориҳои стратегии байни ду минтақа гардад. Тавре ки аврупошиноси тоҷик Воҳидова С қайд мекунад, ки «формати ҳамкориҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо як платформаи беназири ҳамкориҳо буда, дар миқёс ва фарогирии институтсионалии худ монанд надорад".

**Усулҳои умумии таҳқиқот.** Мавзӯъҳои аслии нишасти Осиёи Марказӣ ва Иттиҳодияи Аврупо дар Самарқанд тиҷорат, сармоягузорӣ, энержии сабз, истихроҷ ва коркарди маъданҳо мебошад. Дар ин саммит, Иттиҳодияи Аврупо қасд дорад бастаи бузурги сармоягузориро барои кишварҳои Осиёи Марказӣ пешбарӣ намояд

Барои Иттиҳоди Аврупо, саммити Самарқанд дорои аҳамияти стратегӣ мебошад ва мақсадҳои асосии зеринро дар бар мегирад:

а) дастрасӣ ба манбаъҳои алтернативии ашёи хом. Иттиҳоди Аврупо барои гузариш ба иқтисоди сабз ва пешрафти технологии худ ба ашёҳои хоме монанди литий, кобалт, уран ва ғайраҳо эҳтиёҷ дорад, аз ин рӯ барои таъмини он аз кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус Қазоқистон ва Ӯзбекистон таваҷҷуҳ мекунад. Ин тамоюл ба коҳиши вобастагии технологӣ аз Чин, Иттиҳоди Аврупоро кӯмак мекунад. Дар Осиёи Марказӣ тақрибан 40% захираҳои ҷаҳонии марганес, литий, графит ва дигар канданиҳои фоиданок мавҷуд аст. Ба гуфтаи роҳбари Комиссияи Аврупо, бархе аз бозигарони ҷаҳонӣ танҳо ба истихроҷи захираҳои минтақа манфиатдоранд, дар ҳоле ки Аврупо ба рушди саноати маҳаллӣ, эҷоди ҷойҳои корӣ ва ифтитоҳи озмоишгоҳҳои илмӣ таваҷҷуҳ дорад.

Қазоқистон 175 намуди маҳсулотро ба Иттиҳоди Аврупо содирот мекунад. Ҳамзамон Қазоқистон 13 % воридоти нафти Аврупоро тавассути лӯлаи Каспий таъмин мекунад. Ин лӯлаи гази бо дастгирии худи Иттиҳоди Аврупо устувор фаъолият мекунад, ҳамзамон Қазоқистон ва дигар кишварҳои минтақа роҳҳои алтернативии интиқоли ашёи хомро низ дар шароити ҳозира ҷустуҷӯ дорад. Аз 34 намуди ашёи хоми аҳамияти стратегӣ дошта барои иқтисоди Иттиҳоди Аврупо, Қазоқистон 19 намуди онро, аз ҷумла уран, мис ва литий таъмин менамояд. Ин худ аз рушди тиҷории ду минтақа ва давлатҳои минтақа далолат медиҳад;

б) диверсификатсияи энергетика ва нақлиёт. Барои Иттиҳоди Аврупо долони нақлиётии Транскаспий (Долони миёна) аҳамияти муҳими стратегӣ дорад. Дар чаҳорчӯби ташаббуси

Global Gateway (Дарвозаҳои ҷаҳонӣ) барои ин масир 10 миллиард евро ҷудо карда шудааст. Ташаббуси Global Gateway-и Иттиҳоди Аврупо ҳамчун як алтернатива ба ташаббуси «Як камарбанд – як роҳ"- и Чин арзёбӣ мешавад, аммо аз ҷиҳати миқёси молиявӣ ва сатҳи амалӣ, он то ҳол суст ташаккул ёфта истодааст. Гарчанде 10 миллиард евро маблағи бузург ба назар расад ҳам, коршиносон, ба монанди Темур Умаров (Маркази Карнегии Русия ва АвруОсиё), таъкид мекунанд, ки ин барои исботи ҷиддияти Иттиҳоди Аврупо дар минтақа кофӣ нест. Дар ҳоле, ки Чин аллакай ба бузургтарин шарики тиҷоратии минтақа табдил ёфтааст;

в) тарғиби арзишҳо. Мавзӯъҳои демократия, волоияти қонун ва ҳуқуқи инсон дар рӯзномаи саммит ҳатман боқӣ хоҳад монд. Инчунин масоили тағйирёбии иқлим, ҳифзи муҳими зистӣ, рушд додани инфрасохторҳои сайёҳӣ дар муносибатҳои дуҷониба дар авлавият қарор мегиранд;

г) шарикӣ стратегӣ. Қабули «Эъломияи Самарқанд» метавонад як гоми бузург дар ташаккули муносибатҳои сифатан нав миёни ду минтақа бошад, аммо муҳимтар аз ҳама татбиқи амалии он ба шумор меравад. Яке аз натоиҷи калидии нишасти сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо бояд имзои Эъломияи Самарқанд бошад, ки хоҳиши муштараки ҷонибҳоро барои роҳандозии шарикии стратегӣ инъикос мекунад. Мо интизорем, ки нишасти дар пешистода марҳалаи муҳим дар рушди муносибатҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо хоҳад буд. Солҳои охир ҳамкориҳои мо ба сатҳи сифатан нав баромадааст. Мо интизорем, ки муколамаи сиёсиро амиқтар намуда, механизмҳои нави ҳамкориро таҳия кунем, ки ҳамкориҳои моро бештар низомноктар ва ба ҳадафҳои дарозмӯҳлат равона созанд.[3]

Кушодашавии дафтари Бонки сармоягузории Аврупо дар Тошканд ва нақшаи баргузор кардани форуми сармоягузорӣ дар Ӯзбекистон то охири сол — паёмҳои мусбате ҳастанд, ки уфуққҳои нави ҳамкории байнимитақавиро шакл медиҳад. Саммити Самарқанд танҳо як қадами рамзӣ нест, балки кӯшиши воқеии Иттиҳоди Аврупо барои тақвияти мавқеи худ дар минтақа мебошад. Баромадани сатҳи ҳамкориҳо то сатҳи шарикӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки минтақаи Осиёи Марказӣ ба истиқлоли геосиёсӣ мушарраф гаштааст. Аз ин ҷиҳат, қудратҳои сиёсӣ, давлатҳои абарқудрат талош дорад, то ки дар минтақа нуфуз пайдо кунанд. Иттиҳоди Аврупо аз ин истисно набуда, талош дорад, ки тариқи барномаҳои гуногун бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамкории густурда дошта бошад;

ғ) ҷалби сармоя. Пеш аз аввалин саммити «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо» раиси Комиссияи Аврупо Урсула фон дер Ляйен фикрҳои худро баён карда, эълон намуд, ки барои Осиёи Марказӣ чаҳорчӯби ташаббуси «Team Europe» бастаи нави сармоягузорӣ пешниҳод карда мешавад. Ин санади муҳими стратегӣ чор самти ҳамкориҳои афзалиятнокро дар бар мегирад: 1) нақлиёт; 2) захираҳои табиӣ ва аҳамияти стратегӣ дошта; 3) шабакаи рақамӣ ва рақамикунонӣ; 4) интиқоли об ва энергетика. Ёдовар бояд шуд, ки беш аз 40 фоизи ҳамаи сармоягузориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ба Иттиҳоди Аврупо рост меояд.

Илова бар ин, Урсула фон дер Ляйен чаҳор самти афзалиятнокро барои ҳамкории Иттиҳоди Аврупо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ муайян кардааст:

- Долонҳои нақлиётӣ – Иттиҳоди Аврупо долонҳои нақлиётии Транскаспий, махсусан роҳҳои гузаранда тавассути Қазоқситон ва Ӯзбекистонро дастгирӣ мекунад;

- Ашёҳои хоми аҳамияти стратегӣ дошта – Иттиҳоди Аврупо харидорӣ ва коркарди захираҳои табиии минтақаро яке аз самтҳои афзалиятнокӣ ҳамкориҳои дуҷониба

мешуморад ва барои омода намудани мутахассисон дар соҳаи канданиҳои фоиданоки Осиёи Марказӣ сармоягузорӣ мекунад;

- Энергияи сабз – Иттиҳоди Аврупо лоиҳаҳои тавлиди энергияи тоза, аз ҷумла энергияи бодӣ, офтобӣ ва гидроэнергетикиро маблағгузорӣ мекунад;

- Инфрасохтори рақамии ҷаҳонӣ – Иттиҳоди Аврупо мехоҳад, иқтидори Осиёи Марказиро бо рушди шабакаҳои мустақили интернетӣ ва ворид кардани интернети моҳвораӣ тақвият бахшад.

Ба истифодаи захираҳои табиӣ ва гидроэнергетикии Тоҷикистон барои рушди тиҷорат бо Иттиҳоди Аврупо, инчунин ба ҳамкории имконпазир дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноат ва транзит таваҷҷуҳи махсус медиҳад. Ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика, аз ҷумла лоиҳаҳои НБО-и Роғун ва Норак, ҳамчун намунаи шарикии устувор эътироф шуд. Тоҷикистон таваҷҷуҳи худро ба ҷалби сармоя ва технологияҳои Аврупо дар ин бахш пайваста изҳор менамояд.

Тибқи натиҷаҳои саммит, қарори таърихӣ дар бораи барқарор намудани шарикии стратегӣ байни Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо қабул карда шуд. Ҳамзамон дар ҷараёни суханронии худ, Урсула фон дер Ляйен эълон кард, ки Иттиҳоди Аврупо барои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чаҳорчӯби барномаи Global Gateway (Дарвозаҳои глобалӣ) бастаи сармоягузорӣ ба маблағи 12 миллиард евро омода намудааст ва ин маблағ ба самтҳои зерин равона карда мешавад: 3 миллиард барои бахши нақлиёт, 2,5 миллиард — барои ашёи хоми ҳаётан муҳим, 6,4 миллиард — ба лоиҳаҳои марбут ба энергетика ва 100 миллион — барои рушди интернети моҳвораӣ.

Тарафҳо мувофиқа карданд, ки чорабиниҳои иқтисодиро мунтазам баргузор мекунанд, аз ҷумла Форуми иқтисодии «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо». Ҳамкории ду минтақа дар соҳаи масолеҳи хоми ҳаётан муҳим аҳамияти стратегии калон дорад. Роҳбарон тавофуқ карданд, ки эъломияи ҳамкориро дар ин соҳа амиқтар намуда, ба гузариш ба иқтисодиёти сабз ва рақамӣ мусоидат хоҳад кард.

Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои Осиёи Марказӣ устувории иртибототи нақлиётиро ҳамчун афзалият эътироф намуда, мувофиқа карданд, ки платформаи ҳамоҳангсозӣ оид ба долони нақлиётии Транскаспӣ ва лоиҳаҳои муҳими зерсохториро дар ин масир дастгирӣ хоҳанд кард. Роҳбарон таъкид карданд, ки мубориза бо тағйирёбии иқлим, аз байнравии гуногунии биологӣ ва ифлосшавии муҳити зист бояд фаъолтар сурат гирад. Иттиҳоди Аврупо қарори ҳамаи шарикони Осиёи Марказӣ барои пайвастан ба ташаббуси глобалӣ оид ба метан (Global Methane Pledge)-ро истиқбол намуд. Ҷонибҳо инчунин дар бораи таҳияи навовариҳо дар ҳамкории обу энергетикӣ бо ҳадафи ҳифз ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ мувофиқа карданд. Онҳо ҳамчунин изҳор доштанд, ки ҳамкориро барои беҳтар намудани вазъ дар тамоми ҳавзаи Баҳри Арал тақвият хоҳанд дод.Роҳбарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо бори дигар таъкид карданд, ки пешбурд ва ҳифзи қонуният, ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ — арзишҳои умумӣ ва асосӣ мебошанд.

**Хулоса.** Дар шароити ҳозира бояд, Иттиҳоди Аврупо мавқеи худро, аз ҷумла дар ташаббусҳои дуҷониба ва минтақавӣ бо кишварҳое, ки на ҳамеша барои ҳамкорӣ дар ҳама масъалаҳои мавриди таваҷҷӯҳи Брюссел омодаанд, танзим кунад. Дар заминаи арзёбии стратегии идомаёбандаи ҳадафҳо ва абзорҳои сиёсати умумии хориҷии Иттиҳоди Аврупо, инчунин равиши Иттиҳоди Аврупо ба ҳамсоягии худ, стратегияи Осиёи Марказӣ имконияти иловагиро барои Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои узви он барои андеша дар бораи манфиатҳо ва нақши худ, дурнамои муштараки худ барои Осиёи Марказӣ ва аз ҳама

муҳимтар, дар бораи роҳҳо ва форматҳое, ки метавонанд ҳамкории оияндаро барои ба ҳадди аксар расонидани таъсири он тақвият диҳанд, ифода мекунад.

**Адабиёт:**


1. А. П. Коротышев, Д. В. Леушкин, А. С. Сорокин. Роль внерегиональных акторов в формировании новой геополитической реальности Центральной Азии. ВЕСТНИК БГУ. Гуманитарные исследования Внутренней Азии 2017. Вып. 2. стр - 25
2. Баррасии Стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ. [Манбаи электронӣ] URL: https://khovar.tj/2015/07/barrasii-strategiyai-itti-odi-avrupo-baroi osiyoimarkaz/?ysclid=mjjqf2112k579567946 (Санаи муроҷиат: 24.12.2025)
3. Воҳидова С. Саммити Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо падидаи сифатан нав дар таърихи ҳамкориҳои минтақавӣ. [Манбаи электронӣ] URL:. https://amit.tj/tj/sammiti-osiyoi-markazi-va-ittikhodi-avrupo-padidai-sifatan-nav-dar-tarikhi-khamkorikhoi-mintakavi (Санаи муроҷиат: 24.12.2025)
4. Джу Хао. Стратегия ЕС в Центральной Азии: нормы и интересы // Российские исследования Восточной Европы и Центральной Азии. – 2020. – №6.
5. Марказий Осиё ва Европа Иттифоқи: ҳамкорликка ундаётган омиллар нима?. [Манбаи электронӣ] URL:. https://kun.uz/kr/54375538?ysclid=mjjtcbceaq525522619 (Санаи муроҷиат: 25.12.2025)
6. Осиёи Марказӣ: Шӯрои Иттиҳоди Аврупо Стратегияи нави Иттиҳоди Аврупоро нисбати ин минтақа қабул мекунад. [Манбаи электронӣ] URL:. https://www.eeas.europa.eu/node/64249_tg (Санаи муроҷиат: 24.12.2025)
7. Прохоренко И.Л. Новая стратегия Европейского союза в Центральной Азии: возможности и пределы “мягкой силы”. Анализ и прогноз. Журнал ИМЭМО РАН, 2019, № 4, сс. 68-80.
8. Рабимов К. Марказий Осиё ва Европа Иттифоқи: ҳамкорликка ундаётган омиллар нима?. [Манбаи электронӣ] URL:. https://kun.uz/kr/54375538?ysclid=mjjtcbceaq525522619 (Санаи муроҷиат: 25.12.2025)
9. Чжао Хуайпу. Эволюция политики ЕС в отношении СНГ // Обзор международных отношений (журнал Института иностранных дел). – 2009. №6.
10. Шарифов И.И. Саммити Самарқанд: Уфуқҳои нави ҳамкории Осиёи Марказӣ бо Иттиҳоди Аврупо. [Манбаи электронӣ] URL:.https://amit.tj/index.php/tj/sammiti-samarkand-ufukkhoi-navi-khamkorii-osiyoi-markazi-bo-ittikhodi-avrupo (Санаи муроҷиат: 25.12.2025)
11. Cameron, F. (2009).The policies of European Union and Russia towards Central Asia. [Манбаи электронӣ] URL:. http://icbss.org/media/112_original.pdf (Санаи муроҷиат: 20.11.2025)/ Саҳ - 31
12. Cameron, F. (2009).The policies of European Union and Russia towards Central Asia. [Манбаи электронӣ] URL:. https://www.files.ethz.ch/isn/110213/xenophon_paper_8.pdf . (Санаи муроҷиат: 20.11.2025). Саҳ – 45
13. Challenges // Journal of Political Studies, Vol. 23, Issue- 1, 2016, 63:79; https://pu.edu.pk/images/journal/pols/pdf-files/5%20-%20MUBEEN%20-%20BUSHRA_v23_1_16.pdf Challenges // Journal of Political Studies, Vol. 23, Issue- 1, 2016. Саҳ - 70

14. EU-CENTRAL ASIA RELATIONS. [Манбаи электронӣ] URL: https://www.eeas.europa.eu/sites/default/files/documents/2023/EEAS-%20FACTSHEET-EU-CENTRAL%20ASIA_October2023.pdf. (Санаи муроҷиат: 02.12.2025).
15. Melvin,N.J. (2008). (Ed.). Engaging Central Asia:The European Union's new strategy in the heart of Eurasia. Retrieved from ei.pitt.edu/32610/1/49._Engaging_ Central_ Asia.pdf.

**Маълумот дар бораи муаллиф/ Сведения об авторе/About the author:**

**Холов Фахриддин Махмадуллоевич**, магистранти соли дуюми Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо – и АМИТ. Суроға: ш.Душанбе, н. Сино 2, маҳаллаи Озодии Занон. Тел: +992988344142. E-mail: kholov01022000@mail.com

**Холов Муродалӣ Шакаралиевич –** Омузгорӣ кафедраи Химияи фарматсевтӣ ва заҳршиносӣ МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино». **Суроға:** 734003 ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 39, куч. Шукуфон, 58.

Телефон: (+992) 00-555-60-12, E-mail: **kholovmurodali74@gmail.com**

**Холов Фахриддин Махмадуллоевич,** магистрант второго курса Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: г. Душанбе, р. Сино, улица Озодии Занон. Тел: +992988344142. Электронная почта: kholov01022000@mail.com

**Холов Муродали Шакаралиевич –** преподаватель кафедры фармацевтической химии и токсикологии ТГМУ «Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибн Сино». **Адрес**: 734003, г. Душанбе, проспект Рудаки, 39, ул. Шукуфон, 58.Телефон: (+992) 00-555-60-12,E-mail: **kholovmurodali74@gmail.com**

**Kholov Fakhriddin Makhmadulloevich**, second-year master's student at the Institute for the Study of Asian and European States NAST. Address: Dushanbe, Sino district, street Ozodii Zanon. Tel: +992988344142. E-mail kholov01022000@mail.com

**Kholov Murodali Shakaralievich –** Lecturer at the Department of Pharmaceutical Chemistry and Toxicology, Tajik State Medical University named after Abu Ali ibn Sino **Address**: 734003, Dushanbe, Rudaki Avenue 39, Shukufon Street 58. Phone: (+992) 00-555-60-12, E-mail: **kholovmurodali74@gmail.com**

## БАРРАСИИ ВАЗЪИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ ДАР ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

**Ҳисайнзода Н.А., Тураев Қ.А.**

*Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон*

**Аннотатсия**. Дар мақолаи мазкур вазъи технологияҳои рақамӣ дар истеҳсолоти кишоварзии вилояти Хатлон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Асоси истеҳсолоти кишоварзӣ ва шарти муҳими тараққиёти соҳаи кишоварзиро мавҷудияти миқдори зарурии захираҳои моддию техникӣ ва пулӣ ташкил медиҳад. Дар миёни захираҳои моддию техникии барои истеҳсолоти кишоварзӣ зарур нақши муҳимро воситаҳои истеҳсолот мебозанд. Вобаста аз иштирокашон дар ҷараёни истеҳсолот онҳоро ба воситаҳои меҳнат ва предметҳои меҳнат ҷудо мекунанд.

Воситаҳои меҳнати хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ дар шакли технологияҳои рақамӣ ва арзишӣ баҳогузорӣ карда мешаванд. Воситаҳои меҳнат, ки унсури асосии пойгоҳи моддӣ-техникии хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ баромад мекунанд, дар ифодаи арзишӣ

фондҳои асосӣ ном мегиранд, ки дар навбати худ ба фондҳои асосии истеҳсолӣ ва фондҳои асосии ғайри истеҳсолии ҷудо мешаванд. Дар ин мақола таснифоти муаллифии фондҳои асосии истеҳсолии хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ пешниҳод гардидааст.

**Калидвожаҳо:** технологияҳои рақамӣ, фондҳои асосии истеҳсолӣ, воситаҳои меҳнат, воситаҳои истеҳсолот, захираҳои моддӣ, истеҳсолоти кишоварзӣ, фондҳои асосӣ, фондҳои гардон, фондғунҷоиш.

**Аннотация.** В данной статье рассматривается состояние цифровых технологий в сельскохозяйственном производстве Хатлонской области. Основой сельскохозяйственного производства и важным условием развития агропромышленного сектора является наличие необходимого количества материальных, технических и денежных ресурсов. Среди материальных и технических ресурсов, необходимых для сельскохозяйственного производства, важную роль играют средства производства. В зависимости от их участия в производственном процессе они делятся на средства труда и объекты труда.

Средства труда хозяйств и сельскохозяйственных предприятий оцениваются в виде цифровых и стоимостных технологий. Средства труда, являющиеся основным элементом материально-технической базы хозяйств и сельскохозяйственных предприятий, называются в стоимостном выражении основными средствами, которые, в свою очередь, делятся на основные производственные активы и основные непроизводственные активы. В статье представлена авторская классификация основных производственных активов хозяйств и сельскохозяйственных предприятий.

**Ключевые слова:** цифровые технологии, основные производственные активы, средства труда, средства производства, материальные ресурсы, сельскохозяйственное производство, основные средства, оборотный капитал, накопление капитала.

**Abstract.** This article examines the state of digital technologies in agricultural production in Khatlon Region. The foundation of agricultural production and an important condition for the development of the agro-industrial sector is the availability of the necessary material, technical, and financial resources. Among the material and technical resources necessary for agricultural production, means of production play a significant role. Depending on their role in the production process, they are divided into means of production and objects of production.

The means of production of farms and agricultural enterprises are assessed in terms of digital and cost technologies. The means of production, which are the main element of the material and technical base of farms and agricultural enterprises, are called fixed assets in monetary terms, which, in turn, are divided into fixed production assets and fixed non-production assets. The article presents the author's classification of the fixed production assets of farms and agricultural enterprises.

**Key words:** digital technologies, fixed production assets, means of labor, means of production, material resources, agricultural production, fixed assets, working capital, capital accumulation.

Ҷаҳони муосир зери таъсири технологияҳои рақамӣ тағйироти босуръатро аз сар мегузаронад. Тағйироти рақамӣ қариб тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонро шуруъ аз истеҳсолот ва савдо то маориф ва идоракунии давлатӣ фаро мегирад. Яке аз мафҳумҳои асосии инъикоси ин равандҳо, иқтисоди рақамӣ мебошад. Ба ақидаи олим Александра Энговатова иқтисодиёти рақамӣ иқтисодиёте мебошад, ки ба усулҳои нави ҳосилкунӣ,

коркард, нигоҳдошт ва пешниҳоди маълумот, инчунин, технологияҳои компютерии рақамӣ асос ёфтааст.

Дар солҳои охир рушд бахшидани иқтисоди рақамӣ ба яке аз ҳадафҳои муҳими Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта баёнгари он аст, ки дар шароити рушди технологияи рақамӣ мо метавонем дар беҳбудбахшии соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ аз имкониятҳои он истифода намоем. Хусусан, пайдоиши мафҳумҳои наве чун «ҳукумати электронӣ», «иқтисоди рақамӣ» ва «технологияҳои рақамӣ» аз истифода шудани имкониятҳои технологияҳои муосир дар рушди соҳаҳои мухталиф дарак медиҳад.

Маълум аст, барои рушди бардавом ва самараовари истеҳсолоти кишоварзӣ, пеш аз ҳама технологияҳои рақамӣ дар мустаҳкамкунии пойгоҳи моддӣ-техникӣ ва сармоягузориҳо лозим мегарданд. Васоити истеҳсолот дар байни унсурҳои пойгоҳи моддӣ-техникӣ барои пешбурди истеҳсолоти кишоварзӣ шарти асосӣ буда, бо назардошти истифодаашон ҷараёни истеҳсолоти соҳаи мазкур онҳоро ба воситаҳои меҳнат ва предметҳои меҳнат ҷудо мекунанд.

Воситаҳои меҳнат ва предметҳои меҳнат дар маҷмуъ асоси воситаҳои истеҳсолотро ташкил медиҳанд. Бо дарназардошти нақши онҳо дар интиқоли арзиш ба молу кору хизматҳои корхона ва давраи гардиши онҳо дар раванди такрористеҳсолот, дар иқтисодиёт воситаҳои истеҳсолот шакли фондҳои истеҳсолиро мегиранд. Фондҳои истеҳсолӣ ҳамчун категорияи муҳими иқтисодӣ-ҷомеаӣ муносибатҳои байни одамонро инъикос намуда, моҳияти онҳоро дар раванди фаъолонаи истеҳсолот барои қонеъ кардани талаботи рӯзмарраи аҳолӣ бо намудҳои муҳими маводи истеъмолӣ нишон медиҳанд. Оид ба фондҳои асосӣ муҳаққиқон таърифҳои гуногун ифроз доштаанд, ки фаҳмиши заминавии онҳоро вобаста ба сатҳи таъсиррасонӣ ба фаъолияти ПМТ корхонаҳои кишоварзӣ чунин шарҳ додан мумкин аст: Фонди асосии корхона ҷузъи ҷудонашавандаи воситаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ва ё фондҳои истеҳсолии корхона буда, вобаста ба хусусиятҳои асосӣ истеҳсолоти кишоварзӣ дар раванди истеҳсолот истифода гардида, ҳамон як функсияи истеҳсолиро анҷом медиҳанд ва намуди онҳо таи солҳои муқарраршуда бидуни тағйир монда, интиқоли арзишашон ба молу кору хизматҳои корхона тибқи нормаҳои истеҳлоки ФАИ сурат мегирад. Фондҳои асосӣ дар корхонаҳо ва хоҷагиҳои кишоварзӣ аз миқдори зиёди воситаҳои гуногуни меҳнат ташкил ёфтаанд.




**Расми 1. – Таснифоти фондҳои истеҳсолӣ дар кишоварзӣ**

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф.*

Мувофиқи нақши иқтисодӣ, тарзи такрористеҳсол, аҳаммият ва хусусияти иштироки онҳо дар равандҳои истеҳсолӣ, фондҳои истеҳсолӣ ба ду гурӯҳ – фондҳои асосӣ ва воситаҳои гардон (яъне фондҳои гардон ва фондҳои муомилотӣ) ҷудо мешаванд (расми 1).

Навоварӣ ва комёбиҳои пешрафти илмӣ-техникӣ аксар вақт ба унсурҳои ҳамин қисми воситаҳои асосӣ дахолат мекунанд. Яъне қисми фаъоли воситаҳои асосии истеҳсолӣ нисбат ба қисми ғайрифаъол бо суръати нисбатан баланд тағйир ва такмил меёбад.

Ба таркиби воситаҳои асосии ғайрифаъол биноҳо, иншоотҳо, объектҳои мелиоратсионӣ ва дигар сохтмонҳои кишоварзӣ дохил мешаванд. Аз мавҷудият, таркиб ва ҳолати қисми ғайрифаъоли воситаҳои асосӣ шароитҳои меҳнат ва истифодаи самараноки мошинҳо ва таҷҳизот вобаста мебошанд.

Яке аз минтақаҳои калони вилояти Хатлон ин минтақаи агросаноатии Кӯлоб ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, мо дар кишоварзии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон баҳодиҳии натуралии баъзе намудҳои фондҳои асосӣ (намудҳои асосии мошинолоти кишоварзӣ)-ро анҷом додем (ҷадвали 1), ки вазъи таъминоти техникии хоҷагиҳо ва корхонаҳои минтақа мавриди таҳқиқро низ инъикос менамояд.

Ҷадвали 1. – Баҳодиҳии натуралии фондҳои асосӣ (намудҳои асосии мошинолоти кишоварзӣ) дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, адад

| **Нишондиҳандаҳо** | **С о л ҳ о** | | | | | **2024/2020** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2020** | **2021** | **2022** | **202 3** | **2024** | **Адад** | **%** |
| Тракторҳо – ҳамагӣ | 1496 | 1616 | 1761 | 188 4 | 2034 | +538 | 36,0 |
| Автомобилҳои боркаш | 141 | 142 | 146 | 197 | 210 | +69 | 49,0 |
| Комбайнҳои ғалладарав | 72 | 78 | 86 | 94 | 99 | +27 | 37,5 |
| Ядакҳои тракторӣ | 543 | 543 | 559 | 561 | 600 | +57 | 10,5 |
| Алафҷамъкунакҳои тракторӣ | 29 | 34 | 42 | 48 | 54 | +25 | 86,2 |
| Достҳои тракторӣ | 70 | 73 | 81 | 86 | 92 | +22 | 31,4 |
| Комбайнҳо барои ҷамъоварии хӯроки чорво, силос, ҷуворимакка | 14 | 17 | 24 | 28 | 33 | +19 | 135,7 |
| Тухмипошакҳои тракторӣ | 208 | 215 | 215 | 219 | 223 | +15 | 7,2 |
| Испорҳои тракторӣ | 488 | 531 | 568 | 625 | 628 | +140 | 29,0 |
| Нармкунакҳои тракторӣ | 237 | 259 | 285 | 304 | 316 | +79 | 33,3 |
| Тойбанду тагрезчинҳо | 34 | 42 | 45 | 51 | 56 | +22 | 64,7 |
| Дигар намуди фондҳо | 9 | 13 | 15 | 17 | 21 | +12 | 133,3 |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси маълумоти омори солонаи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон/ Маҷмуаи оморӣ-ш. Кӯлоб, 2024. – С.76-77 ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия шудааст.*

Таҳлили маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, ки дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон намудҳои асосии мошинолоти кишоварзӣ дар солҳои 2020-2024 ҷамъбасти афзоянда дорад. Дар солҳои таҳлилӣ воридоти мошинолоти кишоварзӣ ба минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, аз қабилӣ ядакҳои тракторӣ, алафҷамъкунакҳои тракторӣ, достҳои тракторӣ, испорҳои тракторӣ, нармкунакҳои тракторӣ, тойбанду тагрезчинҳо ва дигар намуди фондҳо зиёд гардидааст. Сабаби асосии зиёд гардидани фондҳо ба фикри инҷониб, пеш аз ҳама,

дастгириҳои давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ ва қабули як қатор барномаву стратегияҳои давлатӣ, ташкили марказҳои хизматрасонии техникӣ дар навоҳии манотиқи кишоварзии ҷумҳурӣ мебошанд.

Дараҷаи таъминшавии хоҷагиҳо бо фондҳои асосии истеҳсолӣ тавассути нишондиҳандаҳои фондтаъминӣ ва фондмусаллаҳии меҳнат баҳои муқоисавӣ мегирад. Фондтаъминӣ – ин таносуби арзиши миёнаи солонаи фондҳои асосӣ ба майдони замини аҳаммияти кишоварзидошта мебошад. Фондтаъминиро метавон дар хоҷагӣ ба воҳиди майдони замини аҳаммияти кишоварзидошта, воҳиди замини шудгоршуда, воҳиди замини кишти зироатҳои алоҳида ва дар соҳаи чорводорӣ бо тақсим намудани арзиши фондҳои асосии соҳа ба саршумори чорво ҳисоб намуд.

Ба мақсади равшани андохтан ба ин раванди баҳодиҳии фондҳои асосии кишоварзӣ мо дар ҷадвали 2 унсурҳои асосии ПМТ кишоварзии вилоятро дар намуди ФА баҳо додем. Нишондиҳандаҳои асосии арзёбии ФА кишоварзии вилояти Хатлон инҳоянд: Суммаи ФА кишоварзӣ, ФАИ соҳаи кишоварзӣ, ФА ғайриистеҳсолии кишоварзӣ. Маълумоти ҷадвали 2 сатҳи нишондиҳандаҳои мезоиқтисодии иқтисодиёти кишоварзии минтақаи Кӯлобро бо назардошти баҳисобгирии сатҳи фондтаъминкунӣ, фондмусаллаҳӣ ва дараҷаи интенсификатсияи корхонаҳи кишоварзӣ собит менамояд, ки дар солҳои таҳлилӣ тамоюлҳои гуногун доранд. Ҳамзамон, вобаста ба мақсади таҳқиқот, самаранокии фондҳои асосии истеҳслолотро бо ҳаҷми боздеҳии фондҳо, инчунин меъёри фондғунҷоиши корхонаҳои кишоварзии минтақаи Кулоби вилояти Хатлон мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода шудааст.

**Ҷадвали 2. – Нишондиҳандаҳои истифодаи самараноки фондҳои асосии истеҳсолӣ дар кишоварзии вилояти Хатлон**

| Нишондиҳанда | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2024/ 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| МУК ВХ, ҳаз.сомонӣ | 19502878 | 20694523 | 22468260 | 28728145 | 31313678 | 60,5% |
| ФАИ к/зии ВХ, ҳаз.сомонӣ | 1691400 | 1924500 | 2059215 | 2162175 | 2356770 | 39,3% |
| МЗАКД ВХ, га | 426319 | 430514 | 433804 | 433912 | 442590 | 3,8% |
| ШМКК ВХ, ҳазор нафар | 307,7 | 309,7 | 313,3 | 314,6 | 320,9 | 4,2% |
| $Ф_т$ к/зии ВХ, сомонӣ/гектар | 3498,3 | 4470,2 | 4746,9 | 4982 | 5081,6 | 45,2% |
| $Ф_м$ к/зии ВХ, сомонӣ/нафар | 4846,9 | 6214,1 | 6572,6 | 6872,7 | 7010,2 | 44,6% |
| $Б_ф$ к/зии ВХ, сомонӣ | 13,0 | 10,8 | 10,9 | 13,2 | 13,6 | 4,6% |

***Сарчашма:*** *Ҷадвал дар асоси маълумоти омори солонаи вилояти Хатлон/Маҷмуаи оморӣ-ш.Бохтар,2024. – С.76; Ҳисоботи омории шакли №11-ВА (Ҳисобот дар мавҷудият ва гардиши ВАИ) ва ҳисобкуниҳои муаллиф тартиб ва таҳия гардидааст.*

Аз натиҷаҳои таҳлил ҷадвали 2 маълум мегардад, ки ҳаҷми фондҳои асосии соҳаи кишоварзии вилоят дар маҷмуъ ба 2356770 ҳазор сомониро ташкил додааст, ки он аз соли аввали таҳлили мо 39,3% зиёд гардидааст.

Ҳамзамон, тамоюлҳои афзоиши ин нишондиҳанда ба дигар нишондиҳандаҳои микроиқтисодӣ коррелиятсия зич дошта, ҳангоми тағйирёбии ҳаҷми умумии фонди асосӣ нишондиҳандаҳои фондтаъминкунии истеҳсолоти кишоварзӣ низ зиёд мегардад. Масалан,

ҳаҷми фондтаъминкунии истеҳсолоти кишоварзӣ дар соли 2024 дар муқоиса бо соли 2020, 45,2 маротиба зиёд гардидааст, ки ин натиҷаҳои қаноатмандкунанда мебошад. Фондмусаллаҳии меҳнат дар ҳамин давра 44,6% зиёд гардидааст.

Хулоса, аз баррасии вазъи технологияҳои рақамӣ дар истеҳсолоти кишоварзии вилояти Хатлон чунин натиҷагириҳо намудем:

1. Воситаҳои меҳнати хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ дар шакли технологияҳои рақамӣ ва арзишӣ баҳогузорӣ карда мешаванд. Воситаҳои меҳнат, ки унсури асосии ПМТ хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ баромад мекунанд, дар ифодаи арзишӣ фондҳои асосӣ ном мегиранд, ки дар навбати худ ба фондҳои асосии истеҳсолӣ ва фондҳои асосии ғайри истеҳсолии ҷудо мешаванд. Дар мақолаи мазкур таснифоти муаллифии фондҳои асосии истеҳсолии хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ пешниҳод гардидааст.

2. Сохтору таркиби фондҳои асосии истеҳсолии хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ таҳқиқ шудаанд. Фондҳои асосии истеҳсолии дорои сохтори технологӣ ва соҳавӣ мебошанд, ки мо ин сохторҳоро дар мисоли хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзии минтақаи агросаноатии Кӯлоб таҳлилу таҳқиқ намудем.

3. Ҳамчунин, дар мавриди таҳлил, намудҳои асосии баҳодиҳии фондҳои асосии истеҳсолӣ ва зарурияту моҳияти онҳоро тавсиф намуда, онҳоро дар шакли ҷадвал бо адад пешниҳод намудем.

4. Дар мақолаи мазкур нишондиҳандаҳои технологияҳои рақамӣ ва истифодаи самараноки фондҳои асосии истеҳсолӣ дар кишоварзии вилояти Хатлон мавриди таҳқиқ қарор гирифта, тамоюлҳои фондтаъминӣ, фондмусаллаҳӣ, боздеҳии фондҳои асосии истеҳсолӣ ва фондғунҷоиши маҳсулот дар мисоли кишоварзии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон арзёбӣ шудаанд.

**Адабиёт:**


1. Досова А.Г. Особенности воспроизводства основных фондов на сельскохозяйственных предприятиях России. /А.Г. Досова//Авто. дисс. к.э.н., специальность: 08.00.05. – Волгоград, 2012. – (27 с.) - С.13-14.
2. Маханько, Г.В. Экономика сельского хозяйства / Методические рекомендации для практических занятий для студентов направление подготовки 35.03.06 // Г.В. Маханько., Краснодар, 2015. – 38 с.
3. Омори кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Маҷмуаи оморӣ.- Душанбе: Агентии омории назди ПҶТ. – Душанбе, 2024.- 368 с.
4. Омори солонаи кишоварзии вилояти Хатлон/Маҷмуаи оморӣ-ш.Бохтар, 2024. – С.76;
5. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 28.12.2024.
6. Ҳисайнов Н.А. Равишҳои услубии баҳодиҳии истифодаи пойгоҳи моддию техникӣ дар кишоварзӣ [Матн] /Н.А. Ҳисайнов // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии “Кишоварз”, ДАТ. – 2024. – №4 (105). – С.209-215.
7. Ҳисайнов Н.А. Таҳлили вазъи пойгоҳи моддӣ-техникии соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон [Матн] /Ҷ.Ҳ. Тағоев, Н.А. Ҳисайнов / Маҷаллаи илмӣ-омавии «Илм ва технологияи асри XXI». – ш.Кӯлоб, 2021. – №1 (5). – С.135-144.
8. Ҳисайнов Н.А. Таҳлилу баҳодиҳӣ ва ҳолати вазъи БМТ-и соҳаи кишоварзӣ дар вилояти Хатлон [Матн] /Н.А. Ҳисайнов / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақш ва аҳаммияти технологияи рақамӣ ва интеллекти сунъӣ дар рушди

соҳаҳои мошинсозӣ, сохтмон, энергетика, химия, саноати хӯрокворӣ ва сабук». – ш.Кӯлоб, 2022. – С. 335-342.
9. Суроғаи электронӣ: https://peshina.jumhuriyat.tj

**Муаълумот дар бораи муаллиф / Сведения об авторе / About the author:**

**Ҳисайнзода Навруз Абдураҳмон** - н.и.и., декани факултети муҳандисии Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон, тел: 918-95-70-57., 900-10-62-31.
**E-mail:** navruz.hisaiov@mail.ru

**Тураев Қубод Абдурозиқович** – ассистенти кафедраи иқтисоди рақамии Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон, тел: 918-28-90-50.

**Хисайнзода Навруз Абдурахмон** – к.э.н., декан инженерного факультета Университета инноваций и цифровых технологий Таджикистана, тел.: 918-95-70-57, 900-10-62-31. **E-mail:** navruz.hisaiov@mail.ru

**Тураев Кубод Абдурозичович** – ассестент кафедры цифровой экономики Университета инноваций и цифровых технологий Таджикистана, тел.: 918-28-90-50.

**Hisainzoda Navruz Abdurakhmon** – c.e.s., Dean of the Engineering Faculty of the University of Innovations and Digital Technologies of Tajikistan, tel.: 918-95-70-57, 900-10-62-31.
**E-mail:** navruz.hisaiov@mail.ru

**Turaev Kubod Abdurozichovich** – assistant of the Department of Digital Economy of the University of Innovations and Digital Technologies of Tajikistan, tel.: 918-28-90-50.

## ОЯНДАГИРИИ ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ИТТИҲОДИ АВРУПО

**Холов Ф.М., Холов М.Ш.,**
*Институти Омӯзиши Масъалаҳои Давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ,*
*МДТ«Донишгоҳи Давлатии Тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино»*

**Аннатотсия.** Дар мақолаи мазкур муаллиф ба ояндагирии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо бо баррасии равандҳо, дастовардҳо ва дурнамои муносибатҳои байни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки Иттиҳоди Аврупо ҳамчун яке аз шарикони муҳими стратегии Тоҷикистон дар самтҳои рушди устувор, идоракунии давлатӣ, таъмини амният, соҳаи маориф, тандурустӣ ва энергетика нақши муҳим мебозад. Ҳамкориҳо тавассути барномаҳо ва созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба амалӣ мешаванд, аз ҷумла Барномаи нави ҳамкории бисёрсолаи EU–Tajikistan Multi-annual Indicative Programme (MIP) ва ғайраҳо. Ин равобит барои таҳкими институтҳои демократӣ, беҳсозии фазои иқтисодӣ ва тақвияти суботи минтақавӣ аҳамияти назаррас доранд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои муосир, рушди минбаъдаи ин ҳамкорӣ метавонад ба тақвияти нақши Тоҷикистон дар ҳамгироии байналмилалӣ мусоидат менамояд.

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, Иттиҳоди Аврупо, ҳамкорӣ, рушди устувор, барномаҳои минтақавӣ, сиёсати хориҷӣ, сармоягузорӣ

**Аннотация.** В данной статье автор рассматривает перспективы сотрудничества Республики Таджикистан и Европейского союза, анализируя процессы, достижения и направления развития двусторонних отношений. Автор подчёркивает, что Европейский союз является одним из важных стратегических партнёров Таджикистана в таких сферах, как устойчивое развитие, государственное управление, обеспечение безопасности,

образование, здравоохранение и энергетика. Сотрудничество осуществляется через двусторонние и многосторонние программы и соглашения, в частности в рамках новой Многолетней индикативной программы EU–Tajikistan Multi-annual Indicative Programme (MIP) и других инициатив. Эти отношения имеют важное значение для укрепления демократических институтов, улучшения экономической среды и усиления региональной стабильности. В условиях глобализации и современных вызовов дальнейшее развитие сотрудничества может способствовать укреплению роли Таджикистана в международной интеграции.

**Ключевые слова:** Таджикистан, Европейский союз, сотрудничество, устойчивое развитие, региональные программы, внешняя политика, инвестиции.

**Annotation.** This article explores the prospects for cooperation between the Republic of Tajikistan and the European Union, analyzing the processes, achievements, and directions of the development of bilateral relations. The author emphasizes that the European Union is one of Tajikistan's key strategic partners in such areas as sustainable development, public governance, security, education, healthcare, and energy. Cooperation is carried out through bilateral and multilateral programs and agreements, particularly within the framework of the new EU–Tajikistan Multi-annual Indicative Programme (MIP) and other initiatives. These relations are of significant importance for strengthening democratic institutions, improving the economic environment, and enhancing regional stability. In the context of globalization and modern challenges, further development of this cooperation could contribute to strengthening Tajikistan's role in international integration.

**Keywords:** Tajikistan, European Union, cooperation, sustainable development, regional programs, foreign policy, investment.

**Муқаддима**

Тоҷикистон баъд аз даҳсолаҳо бо бӯҳронҳои иқтисодӣ, ҷанг ва норасоиҳои рушди иқтисодӣ рӯ ба рӯ буд. Ин вазъият ҳанӯз низ метавонад манбаи монеаҳои молиявӣ ва иқтисодӣ барои шурӯи лоиҳаҳои дуҷониба бо Иттиҳоди Аврупо бошад. Давлат бояд ин мушкилотро бо роҳҳои созишии дуҷониба ва дарк кардани мизони кӯмакҳои молиявии Иттиҳоди Аврупо ҳал кунад.

Норасоии инфрасохтори муосир ва роҳҳои нақлиёти рушди минтақа метавонад боиси мушкилоти ҷиддӣ барои таъмини ҳамкориҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо гардад.

Дараҷаи таъсиргузории манфиатҳои геополитикӣ ва ҳудудӣ метавонад монеаҳои мӯътамад ба ҳамкориҳои дуҷониба шева кунад. Масъалаи муносибатҳои кишварҳои манотиқи ҳамсояи Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои дигар (аз ҷумла Русия ва Чин) метавонанд боиси таътил ё коҳиш ёфтани ҳамкориҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ бо Аврупо шаванд [2].

Фарқиятҳо дар фарҳанг, таърих, оинҳо ва забонҳо як монеаи табиӣ барои рушд ва таҳкими робитаҳои дуҷониба мебошанд. Ҳангоми табодули дониш, таҷриба ва ҳамкории ҷамъиятӣ, масъалаи шиносоии дуҷониба ва эҳтиром ба фарқияти фарҳангии ҳар як ҷониб метавонад дар баъзе ҳолатҳо мушкилот эҷод кунад.

Баъзан, таваҷҷӯҳи дутарафа ва дарк кардани эҳтиёҷот ва манфиатҳои ду ҷониб камтар ё нарасо мебошад. Барои равандҳои муваффақи ҳамкориҳо, муҳим аст, ки ду тараф забон, фарҳанг ва эътиқодоти ҳамдигарро дуруст фаҳманд ва ба талаботи якдигар ҷавобгӯ бошанд.

Тағйирёбии иқлим ва таъсироти манфии он, махсусан дар кишварҳои кӯҳистонӣ, ба рушди ҳамкориҳои дуҷониба таъсир мерасонад. Тоҷикистон, ки бо мушкилоти экологӣ ва офатҳои табиӣ рӯбарӯ аст, барои ҷалби кӯмакҳои экологӣ ва ҳал кардани мушкилоти марбут ба ҳифзи муҳити зист ба ҳамкориҳои мустаҳкам ниёз дорад.

Муҳоҷирати меҳнатии тоҷикон ба кишварҳои Иттиҳоди Аврупо як масъалаи муҳими дигар аст, ки бештар ба омилҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ вобаста аст. Асосан, масъалаи муҳоҷират ва муҳоҷирон як раванд мураккаб мебошад, ки бояд дар асоси ҳамкориҳои дуҷониба таъмин шавад. Ҳарчанд, ки дар марҳалаи кунунӣ ҳамкориҳои байни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо дар соҳаҳои мухталиф рушд ёфтаанд, бо вуҷуди ин, як қатор шартҳо ва монеаҳо, аз ҷумла масъалаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва экологӣ метавонанд барои рушди бештари ин ҳамкориҳо осеб расонанд. Барои мубориза бо ин монеаҳо, ҳамкориҳои дуҷониба бояд бо таҳлили амиқ ва тадбирҳои муассир бо ҳамдигарро барпо кунанд [4].

Баррасии муваффақият ва таъсири ҳамкориҳо байни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо бояд дар заминаи таҳкими равобити дуҷониба ва оморҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ дар кишвар ва минтақа амал кунад. Нишондиҳандаҳои муваффақият ва таъсири ҳамкориҳои мазкур метавонанд ба таври зерин муайян шаванд:

1. Яке аз нишондиҳандаҳои муҳим муваффақияти ҳамкориҳо тавассути лоиҳаҳои инфрасохторӣ мебошад, ки Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон амалӣ мекунад. Мисол, сохтмони роҳҳо, бунёди иншооти энергетикӣ ва дигар инфрасохторҳое, ки бо кӯмаки Иттиҳоди Аврупо таъсис ёфтаанд.
2. Барномаҳои кӯмаки молиявӣ ва таҷриба дар соҳаи соҳибкории хурд ва миёна, ки Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон дастгирӣ мекунад, ба рушди иқтисодиёт ва таъсиси ҷойҳои нави кор кӯмак мерасонанд. Рушди содироти маҳсулот ва барномаҳои тиҷоратии дуҷониба бо Иттиҳоди Аврупо, ки барои баланд бардоштани саҳми Тоҷикистон дар бозорҳои аврупоӣ кӯмак мекунад, нишони муваффақияти ҳамкориҳо мебошад. Миқдори маблағҳое, ки Иттиҳоди Аврупо барои барномаҳои гуногун, аз ҷумла дар соҳаҳои иқтисодӣ, маориф, тандурустӣ ва муҳоҷират пешниҳод мекунад, як нишонаест, ки нишон медиҳад, ки ҳамкориҳо ба оянда ва рушди кишвар таъсир мерасонанд.
3. Тавре ки барномаҳои гуманитарӣ ва иҷтимоии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон амалӣ мешаванд, нишондиҳандаҳо метавонанд ба рушди шеваҳои зиндагии мардум, ба мисли беҳбуди саломатӣ, маориф ва дигар бахшҳои иҷтимоии кишвар таъсир расонанд. Меъёри пасти фақр, беҳтар шудани шароити иҷтимоӣ ва афзоиши имкониятҳо барои қишрҳои марзӣ ва деҳот, нишондиҳандаҳои муваффақият дар ин соҳаҳо мебошанд.
4. Барномаҳои таълимӣ ва фарҳангии дуҷониба метавонанд ба рушди малакаҳои ҷавонон ва табодули фарҳангии байни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо оварда расонанд. Ба таври хоса, миқдори муассисаҳои таълимии дуҷониба ва таҳсилоти ёрирасон дар кишвар нишонаҳои муҳими муваффақият ва рушди фарҳангӣ мебошанд [5].

Барномаҳои таълимӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва демократия дар ҷомеа, ки Иттиҳоди Аврупо амалӣ мекунад, метавонанд таъсироти мусбӣ ба рушди маърифати ҳуқуқии ҷомеа, баланд бардоштани огоҳии шаҳрвандон дар бораи ҳуқуқи худ ва иштирок дар раванди сиёсӣ дошта бошанд.

**Мақсади таҳқиқот.** Нишондиҳандаҳои муваффақият метавонанд ҳамкориҳои амиқ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъсиси созмонҳои ғайридавлатӣ дар кишвар бошанд. Ҳамкории ин созмонҳо бо давлат ва ҷомеаи байналмилалӣ метавонад баҳсу баррасии масъалаҳои муҳим дар соҳаҳои ҳуқуқи инсон ва демократияро ҳамоҳанг кунад.

Барномаҳои муштараки сиёсӣ: Механизмҳои амалии ҳамкории дуҷониба дар соҳаи сиёсӣ, аз ҷумла ба таҳкими демократию давлатдорӣ, иштироки мардум дар раванди сиёсӣ, ҳамкориҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ, метавонанд ҳамчун нишондиҳандаҳои муваффақият эътироф шаванд.

Ҷудо кардани созишномаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқи инсон: Дастгирии Иттиҳоди Аврупо ба сиёсати Тоҷикистон дар заминаи демократия, ҳуқуқи инсон ва озодиҳои шаҳрвандӣ нишондиҳандаи муносибати мустаҳками дуҷониба мебошад.

Муносибат бо дигар кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ. Таъсири ҳамкориҳо дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон: Барои Тоҷикистон, натиҷаҳои мусбии ҳамкориҳои дипломатӣ ва сиёсӣ бо Иттиҳоди Аврупо, инчунин мувозинати муносибатҳо бо дигар кишварҳои қудрат ва ташкилотҳои байналмилалӣ, нишонаи муваффақият ба ҳисоб меравад.

Пешгирии тағйирёбии иқлим ва ҳифзи муҳити зист, барномаҳои муҳофизати муҳити зист: Барномаҳои экологӣ ва тағйирёбии иқлим, ки Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон роҳандозӣ кардааст, дар ҳифзи манобеи табиӣ ва муҳити зисти кишвар аҳамият доранд. Муқовимат бо офатҳои табиӣ ва нигоҳдории манбаъҳои об аз нишондиҳандаҳои муҳим мебошанд.

Ҳамкориҳои фарҳангӣ ва гуманитарӣ байни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо бо истифода аз имкониятҳои нав ва дар ҳамкорӣ бо дигар кишварҳои минтақа метавонад тавсеа ёбад. Аз ин рӯ, таваҷҷӯҳи бештар ба равандҳои таълимӣ, тадқиқотӣ, ва ободонии фарҳангии дуҷониба ва минтақавӣ зарур аст.

Нигоҳ ба оянда дар заминаи муносибатҳои Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо, имконот ва хатарҳои гуногун мавҷуданд. Оянда дар ин самт метавонанд дар ҳолати рушди мустақил ва пайвастани арзишҳои муосир ба назар расанд, ки шояд барои ҳар ду ҷониб манфиатҳо ва барномаҳои нави ҳамкории иқтисодӣ ва сиёсиро ба вуҷуд оранд.

Иттиҳоди Аврупо ҳамчун як шарики муҳим барои Тоҷикистон дар соҳаи иқтисод ва савдо бо манфиатҳои хос дар назар дошта метавонад. Оянда метавонад шоҳиди афзоиши аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо, хусусан дар соҳаҳои энергетика, инфрасохтор, технологияҳои иттилоотӣ ва соҳаҳои экологӣ бошад. Дар соҳаи иқтисод ва тиҷорат,ояндаи ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо метавонад дар як қатор ҷанбаҳои муҳими рушди иқтисодӣ вусъат ёбад. Ҳамкории дуҷониба дар ин соҳа метавонад ба боло бурдани сатҳи рушди иқтисодии Тоҷикистон ва баланд бардоштани муносибатҳои тиҷоратии кишвар бо давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо мусоидат кунад.йИттиҳоди Аврупо метавонад бо пешниҳоди сармоягузориҳои мустақим ва кӯмакҳои молиявӣ ба Тоҷикистон дар бахшҳои муҳим, ба монанди энергияи барқароршаванда, саноат, ва инфраструктура кӯмак кунад. Тоҷикистон, ки манбаъҳои табиии бойи худро дорад, метавонад бо истифода аз кӯмакҳои ИА дар рушди иқтисоди худ, хусусан дар соҳаҳои истихроҷи маъдан, кишоварзӣ ва гидроэнергетика, рушди тиҷорати хориҷӣ ва воридоти технологиҳои пешрафта эҷод кунад. Ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи технология ва инноватсия метавонанд ба рушди соҳаҳои нави иқтисодӣ ва ба тарғиб кардани истифодаи технологиҳои нав дар соҳаҳои истеҳсолот, нақлиёт, ва хадамоти молиявӣ кӯмак кунанд. Иттиҳоди Аврупо метавонад ба Тоҷикистон кӯмак кунад дар ворид кардани технологияҳои энергия, истеҳсоли маҳсулоти экологии ва истеҳсолоти самаранок. Ташкили ҳамкориҳо дар бахши кишоварзӣ метавонад ба Тоҷикистон кӯмак расонад дар бозори хӯрокворӣ ва таҳвили молҳои кишоварзӣ ба давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо. Иттиҳоди Аврупо метавонад ба Тоҷикистон дар амалӣ кардани усулҳои муосири кишоварзӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва рушди иқтидори содиротии молҳои

кишоварзӣ кӯмак кунад.Ҳамин тавр, ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо дар соҳаи иқтисод ва тиҷорат метавонанд барои рушди устувори иқтисод, эҷоди ҷойҳои кор, ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми Тоҷикистон таъсиргузор бошанд [3].

Иттиҳоди Аврупо назар ба пешрафт дар соҳаҳои ҳуқуқи инсон ва демократия таҳти назорат қарор хоҳад дошт. Барои Тоҷикистон, ислоҳот дар ин соҳаҳо шояд нақши муҳиме дар рушди муносибот бо Аврупо дошта бошад, ки онро метавон ҳамчун як шарти муҳим барои ҳамкориҳои оянда донист. Сармоягузорӣ ба рушди иқтисодии Тоҷикистон ва таҳкими робитаҳои дуҷониба бо Иттиҳоди Аврупо нақши муҳими стратегиро мебозад. Сармоягузориҳо метавонанд аз манбаъҳои гуногун ба Тоҷикистон ворид шаванд, ки ин барои таҳкими инфрасохтор, рушди саноат, ташкили ҷойҳои корӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум зарур аст.

Сармоягузории мустақим (FDI). Иттиҳоди Аврупо метавонад сармоягузориҳои мустақимро (FDI) ба Тоҷикистон дар соҳаҳои муҳими иқтисод, ки ба рушди кишвар таъсири бузург доранд, ворид кунад. Сармоягузориҳои аврупоӣ метавонанд ба бахшҳои энергетика, инфраструктура, технологияи иттилоотӣ, кишоварзӣ ва саноат кӯмак кунанд. Ба туфайли сармоягузориҳои мустақим, Тоҷикистон метавонад технологияи муосирро ворид кунад, ки барои рушди истеҳсолот ва баланд бардоштани рақобатпазирии молҳо дар бозори ҷаҳонӣ муҳим аст.

**Натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастовардашуда.** Яке аз соҳаҳои калидии сармоягузорӣ барои Тоҷикистон, ки манбаъҳои энергетикӣ, бахусус гидроэнергия, дар он имкониятҳои зиёд вуҷуд доранд, соҳаи энергетика мебошад. Иттиҳоди Аврупо метавонад барои беҳтар кардани иқтидори энергетикӣ ва истифодаи энергияҳои барқароршаванда (соларӣ, бодӣ) сармоягузорӣ кунад. Инчунин, рушди инфраструктураи энергетикӣ дар кишвар барои таъмини нерӯи барқ, ки ба рушди иқтисод мусоидат мекунад, муҳим аст.

Ҳамкориҳо дар бахши инфрасохтор ва нақлиёт, ба мисли сохтмони роҳҳои оҳан, роҳи автомобилгард, фурудгоҳҳо ва терминалҳо, метавонанд манбаи муҳим барои ҷалби сармояи аврупоӣ бошанд. Ворид кардани сармоягузориҳо дар ин бахшҳо барои беҳтар кардани раванди транзитии молҳо, роҳҳои тиҷоратии байналмилалӣ ва коҳиш додани хароҷоти логистикӣ кӯмак мекунад.

Иттиҳоди Аврупо метавонад ба соҳаи кишоварзии Тоҷикистон, ки як бахши муҳим дар иқтисоди кишвар аст, сармоягузорӣ кунад. Ба қарибӣ, рушди кишоварзии устувор ва истифодаи технологиҳои нав барои баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва беҳтар кардани сифати онҳо ба як аз мақсадҳои аслӣ табдил ёфтааст. Сармоягузориҳо дар соҳаи кишоварзӣ барои ба бозори аврупоӣ ворид кардани маҳсулоти экологӣ тоза ва баланд бардоштани рақобатпазирии молҳо муҳим мебошанд [7].

**Мақсади таҳқиқотӣ**. Соҳаи технологияи иттилоотӣ ва инноватсия барои Тоҷикистон як имкони бузург барои рушд мебошад. Сармоягузорӣ дар ин соҳа метавонад Тоҷикистонро ба яке аз марказҳои муҳим барои рушди технологий муосир ва оғози корхонаҳои нави IT табдил диҳад. Инчунин, рушди иқтисоди рақамӣ, ба монанди молия ва савдои электронӣ, метавонад барои кишвар имкониятҳои нави кор ва фароҳам овардани таҳаввулоти иқтисодӣ ба вуҷуд оварад. Сармоягузориҳо инчунин аз тариқи ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, ба монанди Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (EBRD), Бонки Инвеститсионии Аврупо ва дигар ташкилотҳо, ки кӯмакҳои молиявӣ ва қарзҳоро барои лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва рушдии иқтисодӣ пешниҳод мекунанд, ворид мешаванд. Ин ташкилотҳо метавонанд ба Тоҷикистон кӯмак кунанд, ки ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат кунад

ва барои сармоягузорони аврупоӣ муҳити боваринок ва устувор эҷод кунад.Сармоягузориҳо дар Тоҷикистон имкониятҳои беҳтари рушди соҳаҳои гуногунро фароҳам меоранд. Бо истифода аз сармоягузории аврупоӣ, кишвар метавонад як қатор лоиҳаҳои рушди устуворро амалӣ созад, иқтисоди худро ба як сатҳи нави рақобатпазирӣ бардорад ва барои аҳолии худ ҷойҳои кории бештар ва беҳтари зиндагиро таъмин кунад.

**Усулҳои умумии таҳқиқот.** Иҷрои сиёсати амниятии устувор дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва мубориза бо терроризм ва экстремизм бо иштироки Иттиҳоди Аврупо метавонад дар оянда нақши муҳим дошта бошад. Бо таваҷҷуҳ ба вазъияти сиёсии минтақа, ҳамкории бештар дар ин самт эҳтимолан зарур хоҳад буд.Тоҷикистон дар тафовут бо дигар кишварҳои олам таҳдиди гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистиро ба амнияти давлат бештар эҳсос менамояд. Зеро бо дарназардошти мавқеи ҷуғрофӣ дар ҳамсоягӣ бо Афғонистон қарор дорад, ки тайи чанд соли охир аз ҷониби ниҳодҳои бонуфузи илмӣ-таҳқиқотӣ хатарноктарин кишвар эътироф мешавад. Масалан, тибқи Шохиси ҷаҳонии терроризм (ШҶТ–GTI) дар соли 2023 Афғонистон хатарноктарин кишвар эътироф гардидааст. Ниҳоди мазкур кишварҳоро дар асоси маълумотҳо доир ба шумораи амалиёти террористӣ ва шумораи ҳалокшудагон аз соли 2007 баҳо медиҳад. Тибқи маълумоти GTI, дар соли 2022 дар Афғонистон 633 нафар дар натиҷаи амалҳои террористӣ ба ҳалокат расида, 74% ҳодисаи куштор дар сарҳад бо Покистон рӯй додаанд.Ҳамзамон, тибқи маълумоти ширкати машваратии тиббии International SOS, Афғонистон соли 2024 дар сегонаи хатарноктарин кишварҳои олам ҷой гирифтааст. Ширкати мазкур кишварҳоро аз рӯйи хатарҳои тиббӣ, амниятӣ ва тағйирёбии иқлим муайян намудааст, ки аз рӯйи ҳамаи ин нишондодҳо Афғонистон миёни кишварҳои дунё дар сегонаи аввал дохил мешавад.Инчунин, тибқи омори Шохиси ҷаҳонии сулҳ (ШҶС–GPI), ки аз ҷониби Институти иқтисод ва сулҳ нашр мегардад, миёни 163 кишвари дунё аз рӯйи 24 омил, ки муҳимтаринашон шумораи марги хушунатомез, таъсири терроризм, иқтидори ядроӣ, шароити сулҳ, амнияти ҷамъиятӣ, низоъҳои дохилӣ ва робитаҳои байналмилалӣ мебошанд.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ бо дарназардошти таҳдидҳои аз терроризм ва экстремизм бармеомада Стратегияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти такмили заминаҳои ҳуқуқию ниҳодии муқовимат ба экстремизм ва терроризм мушаххас ва мураттаб гардонида шудааст. Ҳоло Тоҷикистон дар самти муқовимат бо терроризми байналмилалӣ ва ифротгароии хушунатомез, ҳамчун кишвари ташаббускор дар сатҳи байналмилалӣ, эътироф шудааст. Дар ин замина, Стретегияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқовимат ба экстремизм ва терроризмро вобаста ба ду ҷанба–такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ниҳодӣ таҳлилу баррасӣ намудан мумкин.Якум, такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқии муқовимат ба экстремизм ва терроризм. Ҳанӯз баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар Тоҷикистон 28 декабри соли 1993 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амният” қабул гардид, ки дар он яке аз омилҳои асосии ба таъмини амнияти давлат мусоидаткунанда маҳз пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятгорӣ, аз ҷумла шаклҳои муташаккили он ба монанди терроризм буд. Сипас қонуни мазкур 28 июни соли 2011 таҳти №721 дар таҳрири нав қабул гардид, ки бо ворид намудани тағйирот ба он (ҚҶТ аз 15марти соли 2016, №1283) масъалаи маблағгузории терроризм яке аз омилҳои таҳдидкунанда ба амнияти кишвар муайян гардид.Дар робита ба масъалаи болозикр, яке аз аввалин санадҳо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба чораҳои пурзӯр намудани мубориза бар зидди терроризм», аз 21 апрели соли 1997 ба ҳисоб мерафт.

**Хулоса.** Фармони мазкур бо мақсади таъмини ҳифзи сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, бо дарназардошти паҳн шудани терроризм қабул гардида буд. Маҳз дар асоси Фармони зикршудаПрезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дастур дода буданд, ки "Барномаи тақвияти мубориза бо терроризмро барои солҳои 1998-2000, ки фаъолияти мақомоти дахлдори давлатиро ҳамоҳанг месохт, таҳия намоянд. Инчунин, дар Фармон таъкид мегардид, ки Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилӣ ва Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо дигар мақомоти манфиатдор лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро "Дар бораи мубориза бо терроризм" ва "Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодексҳои ҷиноятиро, ки масъалаимубориза бо терроризмро танзим менамуданд, таҳия ва пешниҳод намоянд.Дар ин замина, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди терроризм" 16 ноябри соли 1999 таҳти № 845[1. с. 56-63] ва ба тасвиб расидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)" аз 08 декабри соли 2003 таҳти № 69, ки асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ) ва терроризмро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамуданд,иқдомҳои муҳим дар мубориза бо ду тамоюли номатлуб буданд.

Як аз соҳаҳои афзалиятноки дигар дар оянда метавонад масъалаи тағйироти иқлим ва устувории муҳити зист бошад. Иттиҳоди Аврупо метавонад Тоҷикистонро дар татбиқи чораҳои муҳити зист ва истифодаи захираҳои табиии муассир кӯмак кунад.

Ҳамин тавр, дар оянда Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо метавонанд ба рушди ҳамкории бештар ва арзишҳои муштарак назар кунанд, ки бо назардошти тағйироти глобалӣ ва минтақавӣ, барои ҳар ду ҷониб фоидаовар ва судовар хоҳад буд.

**Адабиёт:**


1. Вохидова С. Назаре ба мафҳум ва муҳтавои амнияти иқтисодӣ. Воҳидова С. Ашуров А. //Ахбори АМИТ №2 (018) 2022.С.56-63.
2. Комилова, Х.Г. Центральная Азия и Европейский Союз: новые реалии / Х.Г. Комилова // Современная Европа. - 2009. - №2. - С.56.
3. Усмонзода Х.У. Муносибати расионалистӣ ба идоракунӣ ва пешгӯии самти равандҳои маҳаллӣ ва ҷаҳонӣ дар амалияи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният №1. //Душанбе 2024, 2024.
4. Европейский Союз выделил гранты для укрепления системы управления водными ресурсами и повышения осведомленности населения о проблемах окружающей среды (10/02/2012)// http://eeas.europa.eu/delegations /kazakhstan/press_corner/all_news/news/2012/20120210_1_ru.htm.
5. Европейский Союз и Центральная Азия: Стратегия нового партнерства [манбаи электронӣ] // http://eeas.europa.eu/central_asia/docs/2010 strategy_eu_centralasia_ru.pdf. (санаи муроҷиат:28.03.2024).
6. Отношение Таджикистана с Европейским Союзом.Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. https://mfa.tj› main › view › otnoshenie-tadzhikistana-...
7. Комилова, Х.Г. Геополитические интересы Европейского Союза в Центральной Азии: взгляд из Таджикистана [Электронный ресурс] / Х.Г. Комилова // http://www.easttime.rU/analitic/l/10/695.html «Время Востока» (дата обращения: 12.01.2024)

**Маълумот дар бораи муаллиф/ Сведения об авторе/ About the author:**

**Холов Фахриддин Махмадуллоевич**, магистранти соли дуюми Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо – и АМИТ. Суроға: ш.Душанбе, н. Сино 2, маҳаллаи Озодии Занон. Тел: +992988344142. E-mail: kholov01022000@mail.com

**Холов Муродалӣ Шакаралиевич –** Омузгорӣ кафедраи Химияи фарматсевтӣ ва заҳршиносӣ МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино». **Суроға:** 734003 ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 39, куч. Шукуфон, 58.

Телефон: (+992) 00-555-60-12, E-mail: kholovmurodali74@gmail.com

**Холов Фахриддин Махмадуллоевич,** магистрант второго курса Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: г. Душанбе, р. Сино, улица Озодии Занон. Тел: +992988344142. Электронная почта: kholov01022000@mail.com

**Холов Муродали Шакаралиевич –** преподаватель кафедры фармацевтической химии и токсикологии ТГМУ «Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибн Сино». **Адрес**: 734003, г. Душанбе, проспект Рудаки, 39, ул. Шукуфон, 58.Телефон: (+992) 00-555-60-12,E-mail: **kholovmurodali74@gmail.com**

**Kholov Fakhriddin Makhmadulloevich**, second-year master's student at the Institute for the Study of Asian and European States NAST. Address: Dushanbe, Sino district, street Ozodii Zanon. Tel: +992988344142. E-mail kholov01022000@mail.com

**Kholov Murodali Shakaralievich –** Lecturer at the Department of Pharmaceutical Chemistry and Toxicology, Tajik State Medical University named after Abu Ali ibn Sino **Address**: 734003, Dushanbe, Rudaki Avenue 39, Shukufon Street 58. Phone: (+992) 00-555-60-12, E-mail: **kholovmurodali74@gmail.com**

# ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ РУШДИ ШАРИКИИ РАҚАМИИ ҲИНДУСТОН ВА ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**Музафарова Б.Х., Сабурова И Ғ.**
*Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон*

**Аннотатсия.** Мақолаи ба таҳлили заминаҳои таърихӣ ва таҳаввули шарикии рақамии Ҳиндустон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ шудааст. Муаллифон раванди гузаришро аз робитаҳои бостонии тамаддунӣ ва фарҳангии замони Шоҳроҳи абрешим ба ҳамкориҳои муосири баландтехнологӣ мавриди пажӯҳиш қарор додаанд. Дар мақола марҳалаҳои асосии ташаккули равобит пас аз касби истиқлолияти ҷумҳуриҳои минтақа, аз ҷумла нақши барномаи ҳамкориҳои техникӣ ва иқтисодии Ҳиндустон (ITEC) дар омодасозии мутахассисони соҳаи ТИ, баррасӣ мешаванд. Диққати махсус ба стратегияи «Сиёсати пайваст бо Осиёи Марказӣ» (с. 2012) ва ташаббусҳои навтарини солҳои 2024–2025, аз қабили таъсиси Форуми шарикии рақамии Ҳиндустон ва Осиёи Марказӣ, дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** Ҳиндустон, Осиёи Марказӣ, шарикии рақамӣ, ТИ (IT), технологияҳои молиявӣ, заминаҳои таърихӣ, стратегӣ.

**Аннотация.** Данная статья посвящена анализу исторических предпосылок и эволюции цифрового партнерства Индии со странами Центральной Азии. Авторы исследуют процесс перехода от древних цивилизационных и культурных связей времен Великого шелкового пути к современному высокотехнологичному сотрудничеству. В статье рассматриваются основные этапы формирования отношений после обретения независимости республиками

региона, включая роль программы Индийского технического и экономического сотрудничества (ITEC) в подготовке ИТ -специалистов. Особое внимание уделено стратегии «Политика соединения с Центральной Азией» (2012 г.) и новейшим инициативам 2024–2025 годов, таким как создание Форума цифрового партнерства «Индия – Центральная Азия».

**Ключевые слова:** Индия, Центральная Азия, цифровое партнерство, ИТ (IT), финансовые технологии, исторические предпосылки, стратегия.

**Annatation**. This article analyzes the historical background and evolution of the digital partnership between India and the countries of Central Asia from 1991 to 2025. The authors explore the transition from ancient civilizational and cultural ties of the Great Silk Road era to modern high-tech cooperation. The paper examines the key stages in the formation of relations following the independence of the region's republics, including the role of the Indian Technical and Economic Cooperation (ITEC) program in training IT professionals. Special attention is given to the "Connect Central Asia Policy" (2012) and the latest initiatives of 2024–2025, such as the establishment of the India–Central Asia Digital Partnership Forum.

**Keywords:** India, Central Asia, digital partnership, IT, fintech, historical background, strategy.

**Муқадима**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, иқтисоди рақамӣ ба яке аз омилҳои асосии пешрафти давлатҳо табдил ёфтааст. Имрӯз кишварҳо барои таҳкими мавқеи худ дар арсаи байналмилалӣ талош менамоянд, ки ҳамкориҳои худро дар соҳаи технологияҳои рақамӣ густариш диҳанд. Дар ин замина, ҳамкориҳои байни Ҳиндустон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ аҳамияти хоса пайдо намуда, ба як самти муҳими сиёсати хориҷӣ ва иқтисодии онҳо табдил ёфтааст. Робитаҳои байни Ҳиндустон ва минтақаи Осиёи Марказӣ дорои таърихи тӯлонӣ буда, онҳо ҳанӯз аз давраҳои қадим тавассути равобити тиҷоратӣ ва фарҳангӣ ба роҳ монда шуда буданд. Ин робитаҳо дар замони муосир мазмуни нав гирифта, ба шакли ҳамкориҳои стратегӣ, аз ҷумла дар соҳаи технологияҳои рақамӣ, рушд ёфтаанд. Бо дарназардошти он ки Ҳиндустон яке аз кишварҳои пешсаф дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ба ҳисоб меравад, таҷриба ва имкониятҳои он метавонанд барои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар раванди гузариш ба иқтисоди рақамӣ хеле муҳим бошанд. Дар баробари ин, кишварҳои Осиёи Марказӣ низ бо дарки аҳамияти рақамикунонӣ ҳамчун омили рушди устувор, кӯшиш доранд инфрасохтори рақамии худро такмил дода, ҳамкориҳои байналмилалиро дар ин самт тақвият бахшанд. Маҳз дар чунин шароит, густариши шарикии рақамӣ байни Ҳиндустон ва ин минтақа метавонад ба рушди технологияҳо, табодули дониш ва баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии иқтисодҳо мусоидат намояд.

Аз ин лиҳоз, баррасии заминаҳои таърихии рушди шарикии рақамии Ҳиндустон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ аҳамияти муҳим дошта, имкон медиҳад, ки равандҳои ташаккули ин ҳамкорӣ, омилҳои асосии он ва дурнамои рушди минбаъдааш ба таври илмӣ таҳлил карда шаванд.

**Метод ва усулҳо**. Дар таҳияи мақола оид ба заминаҳои таърихии рушди шарикии рақамии Ҳиндустон ва Осиёи Марказӣ, истифодаи усулҳо ва методҳои илмӣ нақши муҳим дорад. Онҳо имкон медиҳанд, ки мавзуъ ба таври амиқ, асоснок ва мантиқӣ таҳлил карда шавад. Методи таърихӣ яке аз усулҳои асосӣ ба шумор меравад. Бо ёрии он равандҳои ташаккул ва рушди ҳамкориҳои байни Ҳиндустон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дар давраҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Ин метод имконият медиҳад, ки

робитаҳои қадимаи тиҷоратӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ ҳамчун заминаи шарикии муосири рақамӣ баррасӣ шаванд. Методи муқоисавӣ низ аҳамияти калон дорад. Тавассути он сатҳи рушди рақамисозӣ, сиёсати технологияҳои иттилоотӣ ва таҷрибаи кишварҳои гуногун муқоиса карда мешавад. Ин ба муайян кардани умумиятҳо ва фарқиятҳо, инчунин имкониятҳои ҳамкорӣ мусоидат мекунад. Методи таҳлил ва синтез барои коркарди маълумот истифода мешавад. Аввал маълумоти ҷамъовардашуда (мақолаҳо, ҳисоботҳо, санадҳои расмӣ) таҳлил гардида, сипас натиҷаҳо ҷамъбаст ва хулосаҳои умумӣ бароварда мешаванд. Методи системавӣ имкон медиҳад, ки шарикии рақамӣ ҳамчун як низоми мураккаб баррасӣ гардад, ки унсурҳои гуногун — иқтисодӣ, сиёсӣ, технологӣ ва иҷтимоиро дар бар мегирад. Бо ин роҳ, робитаҳои байни ин унсурҳо ва таъсири онҳо ба ҳамдигар муайян карда мешаванд.

Ҳамчунин, методи таҳлили ҳуҷҷатҳо истифода бурда мешавад. Дар ин раванд санадҳои байналмилалӣ, созишномаҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ омӯхта мешаванд, ки ба рушди ҳамкориҳои рақамӣ марбутанд.

Дар маҷмӯъ, истифодаи ин усулҳо ва методҳо имкон медиҳад, ки мавзуи таҳқиқот ба таври илмӣ, дақиқ ва ҳамаҷониба баррасӣ гардида, хулосаҳои боэътимод пешниҳод

Ҳиндустон истиқлолияти Тоҷикистонро соли 1991 эътироф намуда, соли 1992 равобити дипломатӣ барқарор кард ва соли 1994 сафорати худро дар шаҳри Душанбе ифтитоҳ намуд. Дар заминаи таърихӣ, ин иқдом инъикосгари таваҷҷуҳи стратегии Ҳиндустон ба минтақа, бавижа дар самти мубориза бо терроризм дар солҳои 90-ум ва дастгирии неруҳои зиддитолибӣ буд.

Аз соли 1994 инҷониб Тоҷикистон тавассути барномаи ITEC кумакҳо дарёфт мекунад, ки он омӯзиши соҳаи ТИ - ро низ дар бар мегирад. Дар солҳои 2000 ҳамкориҳо бахшҳои энергетика ва технологияро бо таъсиси комиссияҳои муштарак оид ба тиҷорат ва ТИ – ро фаро гирифтанд. Аз нигоҳи таърихӣ, ин шарики аз соҳаи амният ба самти иқтисод таҳаввул ёфта, бо унсурҳои рақамӣ дар бахши ҳукумати электронӣ тақвият ёфт.

Дар солҳои 2010-ум, бавижа пас аз сафари Президент Эмомалӣ Раҳмон ба Ҳиндустон дар соли 2016, таваҷҷуҳ ба соҳаи ТИ - ро ва иртибототи рақамӣ ба таври назаррас афзоиш ёфт. То соли 2023, тавассути форумҳои бисёрҷониба, аз қабили Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ), ҳамкориҳои рақамӣ густариш пайдо карданд. Ин раванд инъикосгари дидгоҳи таърихии манфиатҳои мутақобила дар фазои пасошӯравӣ мебошад [1].

Дар идома, шарикии мазкур дар солҳои 2024–2025 бо тамаркуз ба зерсохтори рақамии ҷамъиятӣ рушди худро идома дод.

Ҳиндустон ва Тоҷикистон шарикии рақамиро тавассути тиҷорат, сармоягузорӣ ва технологияҳо бо тамаркуз ба бахшҳои гидроэнергетика, саноати истихроҷи маъдан ва иртибототи рақамӣ густариш медиҳанд. Моҳи декабри соли 2025 омодагӣ барои роҳандозии шарикиҳо дар соҳаи пайвастшавии рақамӣ, аз ҷумла технологияҳои бофандагӣ ва истихроҷ, эълон гардид. Тоҷикистон бо истифода аз таҷрибаи ғании Ҳиндустон дар соҳаи ТИ талош дорад иқдомоти худро дар самти рақамисозӣ дар чаҳорчӯби консепсияи «Роҳи абрешими рақамӣ» тақвият бахшад.

Моҳи октябри соли 2025 баррасии муносибатҳо мавҷудияти имкониятҳои зиёди истифоданашударо барои тавсеаи ҳамкориҳо, аз ҷумла дар соҳаҳои рақамӣ, нишон дод. Моҳи ноябри соли 2025 равобити дуҷониба дар бахшҳои амният, тиҷорат ва сармоягузорӣ амиқтар шуданд, ки дар онҳо абзорҳои рақамӣ дар раванди ҳамгирой нақши муҳим мебозанд. Лоиҳаи Бонки Ҷаҳонӣ дар мавриди таҳкими зерсохтори рақамии ҷамъиятӣ ва

малакаҳои рақамӣ дар Тоҷикистон, ки моҳи декабри соли 2024 оғоз шуда буд, метавонад бо ташаббусҳои Ҳиндустон такмил дода шавад [2].

Моҳи декабри соли 2025 таҳаввулоти рақамӣ дар Тоҷикистон бо дастгирии Конфронси СММ оид ба тиҷорат ва рушд соҳаҳои тиҷорат ва иртибототро дигаргун месозад, ки дар ин замина моделҳои ҳиндӣ метавонанд мутобиқ карда шаванд. Изҳороти муштарак дар бораи ниятҳо аз моҳи ноябри соли 2025 раванди трансформатсияи рақамӣ, аз ҷумла ҳукумати электронӣ ва марказҳои зеҳни сунъиро дастгирӣ мекунад. Инчунин, моҳи ноябри соли 2025 Бонки авруосиёии рушд ҳамкориҳоро бо Тоҷикистон дар самти трансформатсияи рақамӣ ва зеҳни сунъӣ густариш дод [3].

Аз соли 1994 инҷониб Тоҷикистон аз барномаи ҳамкориҳои техникӣ ва иқтисодии Ҳиндустон, ки давраҳои омӯзишии рақамиро низ дар бар мегирад, баҳра мебарад. Пешбинӣ мешавад, ки иқтисоди Тоҷикистон дар соли 2025 ба андозаи 7.4% рушд кунад ва дар ин раванд трансформатсияи рақамӣ омили калидии рушди устувор ба шумор меравад. Ҳиндустон дар чаҳорчӯби Муколамаи чорум истифодаи қарорҳои DPI-ро ба Тоҷикистон пешниҳод менамояд [4].

Дар оянда шарики метавонад дар бахшҳои амнияти киберӣ ва тиҷорати рақамӣ тавсеа ёфта, робитаҳои минтақавиро мустаҳкам намояд. Тоҷикистон Ҳиндустонро ҳамчун шарики стратегӣ барои рушди технологӣ мепазирад. [7].

Ҳиндустон истиқлолияти Туркманистонро дар соли 1991 эътироф намуда, соли 1992 равобити дипломатӣ барқарор кард. Дар солҳои 90-уми асри XX таваҷҷуҳи асосӣ ба бахши энергетика нигаронида шуда буд, вале унсурҳои кумаки техникӣ тавассути барномаи ITEC низ вуҷуд доштанд. Аз нигоҳи таърихӣ, робитаҳо ба Шоҳроҳи абрешим бармегарданд, ки дар замони муосир бо тамаркуз ба лоиҳаи лӯлаи гази ТАПҲ идома меёбанд. Дар солҳои 2000 ҳамкориҳо дар соҳаи ТИ дар доираи комиссияҳои тиҷоратӣ пайдо шуданд. То солҳои 2010 бо роҳандозии стратегияи «Сиёсати пайваст бо Осиёи Марказӣ» паҳлуҳои рақамӣ тақвият ёфтанд.

То соли 2023 гардиши тиҷоратӣ ба 305 миллион доллар расид, ки дорои иқтидори рушд дар бахши ТИ мебошад. Ин раванд таҳаввулотро аз инзиво (маҳдудият) ба сӯйи ҳамгирой нишон медиҳад [5]. Ҳамкориҳо дар солҳои 2024–2025 дар заминаи криптоасъор ва зеҳни сунъӣ густариш ёфтанд.

Ҳиндустон ва Туркманистон ҳамкориҳоро дар бахши технологияҳои баланд, аз ҷумла иқтисоди рақамӣ ва нақлиёт, густариш медиҳанд. Дар соли 2025 соҳаҳои энергетика, саноат, нақлиёт ва технологияҳои муосир ҳамчун самтҳои афзалиятнок муайян карда шуданд. Мулоқотҳои дуҷониба табодули назарҳоро оид ба шарики дар иқтисоди рақамӣ ва сармоягузорӣ дар бар мегиранд.

Моҳи июни соли 2025 дар Шӯрои соҳибкорӣ масъалаҳои калидӣ, бо шумули паҳлуҳои рақамӣ, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Консепсияи «Роҳи абрешими рақамӣ» имкон медиҳад, ки таҷрибаи ТИ-и Ҳиндустон ҷиҳати рақамисозии Туркманистон истифода шавад. Моҳи октябри соли 2025 лоиҳаи лӯлаи гази ТАПҲ ва робитаҳои омӯзишӣ таҳкими муносибатҳои стратегиро нишон доданд [9].

Моҳи июни соли 2025 иқтидори бузург барои тавсеаи тиҷорат, аз ҷумла дар бахшҳои рақамӣ, қайд гардид. Қонунигардонии истихроҷи криптоасъор (майнинг) дар соли 2026 барои ҳамкориҳои технологияҳои молиявӣ бо Ҳиндустон уфуқҳои нав мекушояд. Нақшаҳои амиқтар намудани ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика ва технологияҳо ҷузъҳои рақамиро низ дар бар мегиранд.

Ҳиндустон дар чаҳорчӯби Муколамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҳиндустон истифодаи зерсохтори рақамии ҷамъиятиро ба Туркманистон пешниҳод менамояд. Қонунигардонии криптоасъор иқтисоди рақамиро тақвият бахшида, заминаро барои шарики дар соҳаи зеҳни сунъӣ (AI) ва логистика фароҳам меорад [9] .

Ҳиндустон истиқлолияти Ӯзбекистонро дар соли 1991 эътироф намуда, соли 1992 равобити дипломатиро барқарор кард. Дар солҳои 90-уми асри XX ҳамкориҳо тавассути барномаи ITEC, бо шумули омӯзиши соҳаи ТИ сурат мегирифтанд. То солҳои 2000-ум, муносибатҳо таҳаввул ёфта, соли 2011 ба сатҳи шарикии стратегӣ бо тамаркуз ба технологияҳо расиданд. Аз нигоҳи таърихӣ, робитаҳои ду кишвар бостонӣ буда, дар замони муосир таваҷҷуҳи асосӣ ба бахши тиҷорат нигаронида шудааст. Дар солҳои 2010 ҳамкориҳо дар соҳаи ТИ, аз ҷумла тавассути сафарҳои ҳайатҳо ба шаҳри Банғалор, афзоиш ёфтанд [6]. То соли 2023 барномаи стратегии «Ӯзбекистони рақамӣ — 2030» (Digital Uzbekistan 2030) таҷрибаи Ҳиндустонро мавриди истифода қарор дод, ки ин амр гузариши комилро ба раванди рақамисозӣ инъикос мекунад.

Ҳиндустон ва Ӯзбекистон шарикии стратегии худро дар соҳаи технологияҳо бо тамаркузи махсус ба ТИ ва зеҳни сунъӣ тақвият мебахшанд. Моҳи августи соли 2025 вазирони ҳарду кишвар Форуми шарикии рақамиро таъсис доданд, ки Ӯзбекистон мизбонии онро ба зимма дошт. Ҳамкориҳо дар бахшҳои ТИ, технологияҳои рақамӣ дар маориф, зеҳни сунъӣ ва амнияти киберӣ марҳала ба марҳала амиқтар мешаванд [6].

Ӯзбекистон аз муваффақиятҳои Ҳиндустон дар соҳаи ТИ ва Болливуд илҳом мегирад. Моҳи апрели соли 2025 сармоягузориҳои Ҳиндустон дар бахшҳои телекоммуникатсия ва энергетика ба пешрафти ислоҳот мусоидат намуданд. Ҳафт самти калидии ҳамкорӣ пардохтҳои рақамӣ ва технологияҳои кайҳониро дар бар мегиранд.

Ҳамкорӣ бо Ҳиндустон барои татбиқи барномаи «Узбекистони рақамӣ - 2030» такони ҷиддӣ мебахшад. Моҳи январи соли 2025 сафари ҳайати намояндагон ба шаҳри Банғалор робитаҳоро дар соҳаи технологияи рақамӣ мустаҳкам намуд. Узбекистон талош дорад худро ҳамчун маркази зеҳни сунъӣ дар Осиёи Марказӣ муаррифӣ намояд [8].

**Хулоса.**Таҳлили таърихӣ нишон медиҳад, ки ҳамкории Ҳиндустон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ заминаҳои қавӣ ва қадим дорад, ки аз робитаҳои тиҷоратӣ, фарҳангӣ ва фарҳангии асрҳо ибтидо мегирад. Ин заминаҳои таърихӣ барои ташаккули шарикии рақамӣ дар асри XXI имкониятҳои васеъ фароҳам меоранд. Муқоиса ва таҳлили таҷрибаҳои кишварҳо нишон медиҳад, ки сатҳи рушди рақамисозӣ, сиёсати иттилоотӣ ва дастрасии технологӣ фарқиятҳои муайян доранд, ки ҳамзамон барои ҳамкорӣ ва интиқоли таҷриба имконият медиҳанд. Дар маҷмӯъ, шарикии рақамӣ байни Ҳиндустон ва Осиёи Марказӣ метавонад ҳамчун низоми мураккаби иқтисодӣ, технологӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ гардад, ки таҳкими робитаҳои минтақавӣ, рушди технологияҳои рақамӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ ва иҷтимоиро таъмин мекунад. Барои рушди минбаъдаи ин ҳамкорӣ, зарур аст, ки кишварҳо стратегияи муштараки рақамӣ таҳия намуда, таҷриба ва технологияҳои муосирро табодулият кунанд.

**Адабиёт:**

1. INdIaN dIploMacy IN ceNtral (санаи истифодабарӣ: 11.11.2025 asIa GettING ecIlpsed UNder chINese INflUeNce aNd possIble Way oUt [Электронный ресурс]. URL: https://capssindia.org/wp-content/uploads/2024/08/Rajneesh-Kumar.pdf).

2. India-Tajikistan Bilateral Relations [Электронный ресурс]. URL: https://www.eoidushanbe.gov.in/page/bilateral-relations-and-visits/ (санаи истифодабарӣ: 22.11.2025).
3. Reconnecting India and Central Asia in a Changing Geopolitical Environment [Электронный ресурс]. URL: https://www.specialeurasia.com/2025/08/11/india-central-asias (санаи истифодабарӣ: 04.01.2026).
4. Tajikistan-India Relations: Areas of Future Cooperation [Электронный ресурс]. URL: https://www.natstrat.org/articledetail/publications/tajikistan-india-relations-areas-of-future-cooperation-226.html (санаи истифодабарӣ: 09.01.2026).
5. The Digital Silk Road: Technology Connecting India & Central Asia [Электронный ресурс]. URL: https://raisinahouse.org/f/the-digital-silk-road-technology-connecting-india-central-asia (санаи истифодабарӣ: 15.01.2026).
6. Uzbekistan, India Boost Strategic Partnership in High-Level Call [Электронный ресурс]. URL: https://timesca.com/uzbek-president-mirziyoyev-holds-talks-with-indian-pm-modi-to-strengthen-bilateral-ties (санаи истифодабарӣ: 04.02.2026)....
7. Двусторонние отношения между Индией и Таджикистаном [Электронный ресурс]. URL: https://www.eoidushanbe.gov.in/page/bilateral-relations-and-visits/ (санаи истифодабарӣ: 28.01.2026).
8. Центральноазиатско-индийский деловой совет был прошёл [Электронный ресурс]. URL: https://www.mfa.gov.tm/en/news/5299 (санаи истифодабарӣ: 15.09.2025)
9. Turkmen-Indian Relations: A Symbol of Cooperation, Brotherhood and Friendship [Электронный ресурс]. URL: https://www.natstrat.org/articledetail/publications/turkmen-indian-relations-a-symbol-of-cooperation-brotherhood-and-friendship-228.html (санаи истифодабарӣ: 02.02.2026).

**Маълумот дар бораи муаллиф/Сведение о авторе/Author information**:

**Музафарова Бону Холмуродовна**, ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва фанҳои гуманитарӣ, Сабурова Илолби Ғафуровна саромузгори кафедраи ҳуқуқ ва фанҳои гуманитарӣ Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735360, ш. Кӯлоб, м.Борбад 9. Email: bonumuzafarova08@gmail.com. Тел: +992 550500331.988707021

**Музафарова Бону Холмуродовна**, ассистент кафедры права и гуманитарных дисциплин, Сабурова Илолби Гафуровна, старший преподаватель кафедры права и гуманитарных дисциплин Университет инновацийи и цифровых технологий Таджикистана. **Адрес:** Республика Таджикистан, 735360, город Куляб, Борбадский район 9. Электронная почта: bonumuzafarova08@gmail.com. Телефон: +992 550500331

**Bonu Kholmurodovna Muzafarova**, assistant of the Department of Law and Humanities, and Ilolbi Gafurovna Saburova, Senior Lecturer, Department of Law and Humanities, University of Innovation and Digital Technologies, Tajikistan. **Address:** Republic of Tajikistan, 735360, Kulob, Borbad District. Email: bonumuzafarova08@gmail.com, Phone: +992 550500331

# САРМОЯГУЗОРӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Давлатов Г.П.**
*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ мавриди таҳқиқот қарор дода шуда аст. Муаллиф бо истифода аз назарияҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оиди сармоягузории соҳаи кишоварзӣ ба ҳамчун иқтибос оварда ва сипас фикру мулоҳизаҳои худро пешниҳод карда аст. Ҳамзамон баъзе мушкилотҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии кишвар аз ҷониби муаллиф мавриди баррасӣ қарор дода шуда аст. Дар интиҳо муаллиф якчанд нуктаҳои таҷрибаи самараноки мамолики рушдкардаро дар ин бахши сармяогузорӣ соҳаи кишоварзӣ пешниҳод карда аст.

**Калидвожаҳо:** сармоягузорӣ, соҳаи кишоварзӣ, раванди сармоягузориҳо, назарияи олимон, истеҳсолоти кшоварзӣ.

**Аннотация.** В данной статье изучены теоретические аспекты инвестирования в сферу сельского хозяйства. Автор процитировал теории отечественных и зарубежных ученых об инвестициях в аграрный сектор, а затем изложил свое мнение. В то же время автором затронуты некоторые проблемы инвестирования в сельское хозяйство страны.В завершение автор представил несколько моментов эффективного опыта развитых стран в этом секторе инвестиций в сельское хозяйство.

**Ключевые слова:** инвестиции, аграрный сектор, инвестиционный процесс, теории ученых, сельскохозяйственное производство.

**Annotation.** This article examines the theoretical aspects of investment in agriculture. The author uses the theories of domestic and foreign scholars on investment in agriculture as a reference and then presents his own thoughts and opinions. At the same time, some investment problems in the country's agricultural sector are considered by the author. Finally, the author presents several points of effective experience of developed countries in this investment sector in agriculture.

**Keywords:** investment, agricultural sector, investment process, scientific theory, agricultural production.

Сармоягузорӣ яке аз омилҳои рушди бахши кишоварзии иқтисоди кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он ба шумор меравад. Маҳз ба шарофати механизми возеҳи сармоягузорӣ бахши кишоварзии иқтисодиёт имкон пайдо мекунад, ки ба роҳи рушди устувор қадам занад, ки имкони ҷорӣ намудани навовариро дар соҳа пешакӣ муайян намуда, дар навбати худ навсозии пайвастаи техникӣ, технологӣ ва истеҳсолии пойгоҳи ташкилии истеҳсолоти кишоварзиро таъмин менамояд. Дар соҳаи кишоварзӣ ҷорӣ намудани технологияҳои нав афзоиши рақобатнокии маҳсулотро таъмин мекунад. Маълум аст, ки бидуни сиёсати мутавозини сармоягузорӣ ва механизмҳои рушди илмию техникӣ дар соҳаи кишоварзӣ ин соҳа наметавонад мақоми босуръат рушдёбанда ва самаранок идорашавандаро ба даст орад.

Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳалаи навсозиро аз сар гузаронида истодааст, ки бидуни маблағгузории назаррас аз имкон берун аст. Бе маблағгузорӣ ба объектҳо, соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт тараққиёти пурсамари онҳо имконнопазир аст. Тақсимоти

оқилонаи банақшагирии гардиши пулии сармоягузорӣ аз рӯйи самтҳо ва шаклҳои моликият асосӣ рушди стратегии иқтисодиёт ва соҳаҳои он мебошад.

Фаъолияти сармоягузорӣ дар иқтисодиёти кишоварзӣ қисми таркибии фаъолияти иқтисодии мамлакат мебошад. Самаранокии он бевосита тамоми ҷиҳатҳои сиёсати иқтисодии давлатро тавсиф мекунад [1,с.213]. Фаъол гардондании фаъолияти сармоягузорӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти кишоварзӣ яке аз самтҳои асосии зиёд кардани самараи истеҳсолот дар воҳидҳои кишоварзии шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ мебошад.

Сармояҳое, ки ба корхона сармоягузорӣ карда мешаванд, ба баланд шудани самаранокии фаъолияти он мусоидат мекунанд ва корхонаи ба таври самаранок фаъолияткунанда ҳамеша барои сармоягузор ҷолиб буда ва ба рушди минбаъдаи фаъолияти сармоягузорӣ мусоидат мекунад [3,с.10]. Тавре маълум аст, манбаи асосии сармоягузорӣ ба кишоварзӣ даромади худи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва маблағҳои қарзӣ мебошад [4,с.15].

Таҳқиқи раванди сармоягузорӣ ҷузъи муҳим ва таркибии улуми кишоварзию иқтисодӣ мебошад, аммо барои муайян кардани моҳият ва мазмуни иқтисодии онҳо муносибати ягона вуҷуд надорад. Сармоягузориро дар адабиёти муосир метавонанд ба ин ё он амал ташбеҳ кунанд, ё онро ба таври маҳдуд шарҳ дода ё маҷмуи хусусиятҳо ва унсурҳое, ки онро муайян мекунанд, пешниҳод намоянд. Назарияи сармоягузорӣ дар рушди хеш як чанд марҳиларо паси кардааст, оғоз таҳқиқотҳои мактаби австрягӣ (ш. Бем-Баверли) мебошад. Муаллифони ин самт сармоягузориро ба тариқи зайл шарҳ додаанд: «...мубодилаи қонеъ гардонидани талаботи имрӯза барои қонеъ кардани онҳо дар оянда» [5,с.40-46]. Дар давраи ба вуҷуд омадани назарияи молия ҳамчун илм (солҳои 20-30-уми асри гузашта) оид ба назарияи фоиз асарҳои И. Фишер пайдо шуданд. Дар асарҳои Ф. Вильямс муносибати назариявии арзёбии воситаҳои асосӣ пешниҳод шудааст [6,с.34].

Соли 1936 иқтисодшиноси англис Ҷ. Кейнс сармоягузориро чун «...афзоиши ҳозираи моликияти капиталӣ аз ҳисоби фаъолияти истеҳсолии давраи муайян» ва «қисми фоидаи давраи муайяне, ки барои истеъмол истифода нашуда буд»[7,с.276] шарҳ дода буд. Ин таъриф хусусияти асосии сармоягузориро ошкор намуда, аз як тараф, намоиши «ҳаҷми даромади ҷамъшуда, ҳаҷми захираҳои сармоягузорӣ (талаботи эҳтимолии сармоягузорӣ)» бошад, аз тарафи дигар, нишон медиҳад, ки онҳо «дар шакли сармоягузориҳо (хароҷоте), ки афзоиши арзиши моликияти асосиро муайян мекунад (талабот ва пешниҳоди сармоягузорӣ)» амал мекунанд.

Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ то солҳои 80-ум маблағгузориҳоро бо маблағгузории капиталӣ монанд мекарданд, ин истилоҳ барои таҳлили ҷараёнҳои такрористехсолкунӣ амалан истифода намешуд. Дар кори инкишоф додани асосҳои назариявии маблағгузориҳои асосӣ ҳиссаи калони Шурои илмии Академияи Фанҳои СССР оид ба проблемаи «Самаранокии иқтисодии фондҳои асосӣ, маблағгузории асосӣ ва техникаи нав», ки роҳбарии онро академик Т. Хачатуров бар уҳда дошт саҳми назаррас гузштааст. Академик Т. Хачатуров онро чунин шарҳ додааст: «Дар зери мафҳуми маблағгузориҳои асосӣ хароҷоти такрористеҳсолкунии фондҳои асосӣ, зиёд кардан ва такмил додани онҳо фаҳмида мешавад» [8,с.47-58]. Т.С. Хачатуров ду намуди маблағгузории асосиро муайян кард. Навъи экстенсивӣ -«... маблағгузориҳое, ки ба зиёд кардани ҳаҷми маҳсулот дар асоси техника ва технологияи мавҷуда нигаронида шудаанд». Навъи интенсивӣ - « маблағгузориҳое, ки ҳадафи онҳо ҷорӣ кардани техника ва технологияи нав истифодаи захираҳои дохилӣ ва кам кардани талафот мебошад».

Дар асарҳои илмии олимон-мутахассисони америкоии соҳаи тиҷорати кишоварзӣ Э. Кастл, М. Беккер ва А. Нельсон мафҳуми зерини моҳияти сармоягузориҳо дида мешавад: «...маблағгузориҳои иловагӣ ба фондҳои асосӣ ва муомилот дар рафти фаъолияти иктисодӣ». Ин олимон маблағгузориро ба соҳаи кишоварзӣ ба чор категория тақсим мекунанд:

1) иваз кардани таҷҳизоти ҷисмонӣ ё куҳнашуда;

2) ҷорӣ кардан ва азхуд намудани техникаи нав, инчунин, воситаҳои механизатсия ба мақсади кам кардани хароҷот ва зиёд кардани даромад;

3) васеъ кардани корхонаҳои мавҷуда ва иқтидорҳои истеҳсолӣ;

4) тараққӣ додани соҳаҳои нави саноат».

Ба ақидаи ин иқтисодчиён, дар низоми саноати кишоварзӣ, аз ҷумла дар кишоварзӣ, «...хусусияти маблағгузориҳои асосӣ дар он аст, ки самараи онҳо дарҳол ба назар намерасад, баръакси маблағгузориҳои ҷорӣ... фермер метавонад ратсиони чорворо бе зарари зиёд тағйир диҳад, вале агар бинои навсохт «кор накунад», пас барои тағйир додани қарори нодуруст вақту маблағи зиёд сарф мешавад. Умуман, тағйир додан ва ба масири дигар баргардонидани хароҷоти асосӣ хеле гарон меафтад» [9,с.212].

Илми иқтисодии муосир дар зери мафҳуми сармоягузорӣ ҳамон тавре ки К. Р. Макконнелл менависад: «... арзиши аслии маҳсулот ва ҷамъ шудани маҳсулот ва афзудани захираҳо» меафаҳмад. Чунин ҳисобида мешавад, ки воситаҳои истеҳсолот, молҳои сармоягузорӣ (яъне сармоя), ин «...захираҳои инсоние мебошанд, ки барои истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ истифода мешаванд: молҳое, ки бевосита талаботи инсонро қонеъ намегардонанд...» [10,с.10-14].

Дар айни замон олимони рус ҳам дар назария ва ҳам дар амал тафсири васеъи сармоягузорӣ ва раванди сармоягузориро истифода мебаранд. Ба андешаи В. Бочаров ва Р. Попова, «...сармоягузориҳо ҳама намуди моликият ва арзишҳои зеҳниро ифода мекунанд, ки ба объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ гузошта мешаванд, ки дар натиҷаи онҳо фоида (даромад) ба вуҷуд меояд ё самараи иҷтимоӣ ба даст меояд» [11,с.110].

Ҳамин тариқ, барои муайян кардани моҳияти иқтисодии сармоягузорӣ ду равиш таҳия шудааст: хароҷот ва захиравӣ. Усули хароҷот сармоягузорӣ ҳамчун хароҷоти такрористеҳсоли одӣ ва васеи фондҳои асосӣ ва усули захиравӣ сармоягузориро ҳамчун захираҳои молиявие, ки барои такрористеҳсоли фондҳои асосӣ заруранд, баррасӣ мекунанд. Дар баробари ин, равиши дуюм захираҳоро ҳамчун унсури таркибии сармоягузорӣ тақсим мекунад.

Тараққиёти устувори соҳаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ба вуҷуд омадани муносибатҳои бозоргонии фаъолияти сармоягузорӣ, бо захираҳои зарурии молиявӣ ва моддиро таъмин намудани корхонаҳоро талаб мекунад. Маҳз сармоягузорӣ аст, ки дар ниҳоят рушди иқтисодӣ ва вазъи иқтисодро муайян мекунад.

Дар истехсолоти кишоварзӣ сармоягузорӣ асоси иваз кардани таҷҳизоти куҳна ва фарсуда; ҷорӣ намудани техникаи нав ва истифода бурдани машинаю таҷҳизоти ҳозиразамон; вусъат додани истеҳсолоти кишоварзи; азхуд намудани навъҳои нави истеҳсолот; ба вуҷуд овардани пойгоҳи зарурии ашъёи хоми саноат; ҳалли масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ; тезонидани прогресси илмию техники, баланд бардоштани сифат ва таъмини рақобатпазирии маҳсулоти ватани; кам кардан ва ҳаллу фасли масъалаи бекорӣ; муҳофизати муҳити табиӣ мебошад.

Дар тадқиқотҳоии мазмуни иқтисодӣ доштаи категорияи «сармоягузорӣ» ва адабиёти илмӣ ақидаҳои гуногуни олимон вомехӯранд. Одатан, мафҳуми сармоягузорӣ маънои ҳама намуди дороиҳо (маблағҳои) дар айни замон ба фаъолияти иқтисодӣ барои гирифтани даромад дар оянда гузошташуда фаҳмида мешавад. Чунин равиш ба ифшои мундариҷаи сармоягузорӣ ҳам дар адабиёти иқтисодии дохилӣ ва ҳам хориҷӣ бартарӣ дорад. Бо вуҷуди ин, муаллифони гуногун мафҳуми «сармоягузорӣ»-ро ба таври якхела шарҳ додаанд.

Иқтисоддонҳои классик Р. Кэмпбелл Макконнелл, Л. Стэнли Брю сармоягузориро ҳамчун «хароҷоти истеҳсолот ва ҷамъшавии воситаҳои истеҳсолот ва афзоиши захираҳо» [12,с.14] мефаҳмиданд. Дар ин таъриф, муаллифон табиати гаронарзиши ин консепсияро бидуни таваҷҷӯҳ ба фоида ё даромади эҳтимолии оянда нишон медиҳанд.

Дар энсиклопедияи бонкии Россия дар ин бора ба таври зайл омадааст: «Сармоягузориҳо сармоягузории дарозмуддати сармоя дар дохили кишвар ва хориҷи кишвар мебошанд» [13,с.22]. Ба андешаи мо, ин таъриф ҳадафи сармоягузориро инъикос намекунад, яъне, фоидаи маблағгузориро муайян намекунад. Шарҳе, ки А. С. Булатов дар бораи мафҳуми сармоягузорӣ додааст, низ дорои чунин норасоӣ мебошад, масалан чунин гуфтааст: «сармоягузорӣ пасандозҳое мебошанд, ки ба ҳаёти иқтисодӣ, ба маблағгузорӣ ба сармоя равона карда шудаанд» [14,с.22].

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки нисбати сармоягузориҳо ва нақши онҳо дар соҳаи кишоварзӣ ва умуман иқтисодиёт гуногун фикрҳо баён карда шудаанд. Яъне таҳлилҳо нишон медиҳад, ки сармоягузориҳо дар рушди соҳаи кишоварзӣ нақши калиди дошта, бе ҳаракати сармоягузорӣ пешрафти соҳаро тасаввур кардан ғайри имкон мебошад.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ яке аз роҳҳои баромадан аз ин вазъияти ҳалталаб ин иштироки бевоситаи давлат дар фаъолияти сармоягузории корхонаю ташкилотҳои соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи давлатҳои дорои сектори аграрии тараққикарда нишон медиҳад, ки давлат ба роҳҳои гуногун метавонад дар фаъолияти сармоягузории корхонаю ташкилотҳои соҳаи иштирок намояд. Якчанд нуктаҳои таҷрибаи самараноки мамолики рушдкардаро дар ин бахш мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

1.Давлат аз ҳисоби як қисми маблағҳои буҷавӣ ва маблағҳо аз фондҳои гуногун, ки ҳамасола ба тариқи бебозгашт ба соҳаи кишоварзӣ равона месозад, метавонад дар ҳама ноҳияҳои кишоварзии ҷумҳурӣ корхонаҳои махсусгардонидашуда, яъне стансияҳои моддӣ - техникӣ (СМТ) ташкил диҳад.

2. Бо роҳи ташкили СМТ давлат метавонад дар 5-10 сол БМТ соҳаи кишоварзиро нав кунад, талаботи хоҷагиҳои навташкилро ба техника ва технологияи навтарин таъмин намояд.

3. Ба воситаи ташкили СМТ давлат пеши роҳи ғайримақсаднок истифодашавии маблағҳои аз буҷаи давлат ҷудошударо гирифта, тавассути Вазорати кишоварзӣ бевосита дар соҳаи кишоварзӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешавад.

4.Ба воситаи ташкили чунин сармоягузориҳо давлат барои дар амал татбиқ намудани сиёсати аграрии пешгирифтааш дар тамоми ноҳияҳои кишоварзии ҷумҳурӣ заминаҳои иқтисодию иҷтимоиро фароҳам меоварад.

5. Зимни ташкили чунин СМТ дар ҳар як ноҳияи ҷумҳурӣ садҳо ҷойҳои кории доимӣ пайдо мегарданд.

6. Мутахассисони соҳа таҷрибаи амалии фаъолияти СМТ-ро таҳлил намуда, ба хулосае омаданд, ки самаранокии истифодаи техникаи кишоварзӣ дар СМТ нисбати дигар шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар кишоварзӣ 25% баланд аст.

7. Дар базаи чунин корхонаҳо Вазорати кишоварзӣ метавонад хизматрасониҳои агрономӣ, байторӣ, зоотехникӣ, инжинерӣ, иқтисодию муҳосиби ( барои супоридани андозҳо, хуҷҷатгузорӣ, кафолат, тайёр кардани бизнес- нақшаҳо, лоиҳаҳои сармоягузорӣ, омӯзиши компютер ва равандҳои ҳокимияти электронӣ)-ро ба тариқи пулакӣ ба роҳ монад. Дар натиҷа норасоии кадрҳо дар соҳаи кишоварзӣ, махсусан дар хоҷагиҳои деҳқонӣ кам шуда, дастрасии онҳо аз хизматрасониҳои номбурда таъмин мегардад.

8.Ҳал шудани мушкилоти бо техника таъмин намудани хоҷагиҳои кишоварзӣ, ба онҳо имкон медиҳад, ки масъалаи норасоии фондҳои гардони худро аз ҳисоби қарзҳои кӯтоҳмуддати бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳои қарзӣ бартараф намоянд.

Ҳамин тариқ, баъди тадқиқ ва таҳлили сармоягузориҳо баҳри танзими рушди низоми заминдорӣ ва заминистифодабарӣ дар соҳаи кишоварзӣ маълум гардид, ки дар ҳоли ҳозир 9 лоиҳаи инвеститсионӣ ба маблағи умумии 940 миллион сомонӣ дар самти беҳтару ҳосилхез кардани заминҳои обёришаванда ва барқарорсозии иншооти обрасонӣ, обёрии заминҳо амалӣ шуда истодааст. Ҳамчунин, аз ҳисоби буҷети давлатӣ афзоиши сармоягузориҳо барои истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ба назар мерасад.

**Адабиёт:**

1. Макконелл, К.Р. Экономикс: принципы, проблемы и политика: в 2 т., пер. с англ. / К.Р. Макконелл, С.Л. Брю. - М.: ИНФРА-М, 1997. - 431 с.
2. Денисов, В. Перспективы усиления инвестиционной активности в АПК / В. Денисов // Международный сельскохозяйственный журнал. - 2008. -№35. - С. 10-13.
3. Ушачев, И.Г. Стратегические подходы к развитию АПК России в контексте межгосударственной интеграции / И.Г. Ушачев // Аграрный сектор России в условиях международных санкций: вызовы и ответы: сборник статей. - М.: РГАУ-МСХА, 2015. - С. 15.
4. Клавденко, В. Инвестиции и экономический рост / В. Клавденко // Инвестиции в России. - 2002. - № 7. - С. 40-46.
5. Fisher, I. The Theory of Interest / Irving Fisher. -New York: The Macmillan Co., 1930. - 34 p.
6. Кейнс, Дж. М. Общая теория занятости, процента и денег / Дж. Кейнс. - М.: Гелиос АРВ, 2011. - 352 с.
7. Хачатуров, Т.С. Эффективность капитальных вложений в непроизводственную сферу / Т. С. Хачатуров // Вопросы экономики, 1979. - № 1. - С.47-58.
8. Касл, Э. Эффективность фермерского хозяйства / Касл Э., Беккер М., Нельсон А. - М.: Агро-промиздат, 1991. - 495 с.
9. Макконнелл К.Р. Экономикс: Принципы, проблемы и политика/ К.Р. Макконнелл, С.Л. Брю. В 2-х т.: Пер. с англ. 11-го изд. Т.1 М.: Республика, 1992.
10. Евсеенко, О.С. Инвестиции в вопросах и ответах: учебное пособие / О.С. Евсеенко. - М.: Проспект, 2004. - 256 с.
11. Макконнелл К.Р. Экономикс: Принципы, проблемы и политика/ К.Р. Макконнелл, С.Л. Брю. В 2-х т.: Пер. с англ. 11-го изд. Т.1 М.: Республика, 1992.
12. Российская банковская энциклопедия. М.: Изд. «ЭТА», 1995.
13. Экономика / Под ред. А.С. Булатова. М.: Издательство БЕК, 1995.

**Маълумот дар бораи муаллиф/Сведения об авторе/Information about the author:**

**Давлатов Гулаҳмад Пираҳмадович**, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16, Почтаи электронӣ: Gulahmad_ddk@mail.ru. тел: (+992) 985-07-82-07.

**Давлатов Гулахмад Пирахмадович,** - старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета и аудита Кулябского государственного университета имени Абуабдулох Рудаки. 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16, Email: Gulahmad_ddk@mail.ru. тел: (+992) 985-07-82-07.

**Davlatov Gulakhmad Pirahmadovich,**–Senior Lecturer, Department of Accounting and Auditing, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S.Safarov Street 16, E-mail: Gulahmad_ddk@mail.ru. tel: (+992) 985-07-82-07.

## НАҚШ ВА АҲАМИЯТИ МОИ ДАР САНОАТИКУНОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ТАҶРИБАИ ХОРИҶӢ ВА ВАТАНӢ

***Моҳираи Ҷ., Султонзода Н.***

*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур нақши минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) ҳамчун воситаи калидии саноатикунонии босуръат дар шароити рақобати ҷаҳонӣ ва гузариш ба моделҳои рушди инноватсионӣ баррасӣ мешавад. Таҷрибаи байналмилалӣ оид ба МОИ бо истифода аз мисолҳои Чин, Амороти Муттаҳидаи Араб, Лаҳистон, Қазоқистон ва дигар кишварҳое, ки чунин минтақаҳо муҳаррики сармоягузорӣ, интиқоли технологияҳо ва рушди истеҳсолоти ба содирот нигаронида шудаанд, таҳлил карда мешаванд.

**Калидвожаҳо:** минтақаҳои озоди иқтисодӣ, саноатикунонии босуръат, таҷрибаи байналмиллалӣ, сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда, инноватсияҳо, афзалиятҳои татбиқ, рушди кластерӣ.

**Аннотация.** В статье рассматривается роль свободных экономических зон (СЭЗ) как одного из ключевых инструментов ускоренной индустриализации в условиях глобальной конкуренции и перехода к инновационно-ориентированным моделям развития. Анализируется международный опыт функционирования СЭЗ на примере Китая, Объединённых Арабских Эмиратов, Польши, Казахстана и других стран, где подобные зоны стали драйверами привлечения инвестиций, технологического трансфера и формирования экспортно-ориентированного производства.

**Ключевые слова:** свободные экономические зоны, ускоренная индустриализация, международный опыт, прямые иностранные инвестиции, экспортно-ориентированное производство, инновации, приоритеты реализации, кластерное развитие.

**Abstract.** This article examines the role of free economic zones (SEZs) as a key tool for accelerated industrialization in the context of global competition and the transition to innovation-driven development models. International experience with SEZs is analyzed, using examples from China, the United Arab Emirates, Poland, Kazakhstan, and other countries where such zones have become drivers of investment, technology transfer, and the development of export-oriented production.

**Key words:** free economic zones, accelerated industrialization, international experience, foreign direct investment, export-oriented production, innovation, implementation priorities, cluster development.

Рушди муосири иқтисодиёти ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки саноатикунонӣ омили асосии рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мебошад. Маҳз истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ тавлиди арзиши баланди изофӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва пешрафти технологиро таъмин намуда, онро меҳвари ислоҳоти иқтисодӣ қарор медиҳад. Барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва дар марҳилаи рушд қарор дошта, саноатикунонии босуръат авлавияти калидӣ дорад, чунки он ба онҳо имкон фароҳам меорад, ки номутаносибии сохториро рафъ намуда, вобастагӣ аз содироти ашёи хомро коҳиш диҳанд ва ба занҷираҳои тавлиди арзиши ҷаҳонӣ ворид шаванд.

Таъкид намудан ба маврид аст, ки яке аз воситаи самараноки ноил гардидан ба ин ҳадафҳо дар даҳсолаҳои охир минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) гардидаанд. Онҳо субъектҳои махсуси ҳудудию маъмурӣ мебошанд, ки низоми махсуси ҳуқуқӣ, андозӣ ва гумрукӣ доранд, ки барои ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ пешбинӣ гардидаанд. МОИ нақши худро ҳамчун катализатори саноатикунонии босуръат дар саросари ҷаҳон собит намудаанд: онҳо барои воридшавии сармоягузории хориҷӣ, трансфери технологӣ, ташаккули истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва рушди босуръати инфрасохтор шароити мусоид фароҳам меоранд. Таҷрибаи мамлакатҳои зерин ба монанди Чин, Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур, Аморати Муттаҳидаи Араб, Лаҳистон ва дигар кишварҳо исбот намудааст, ки МОИ – ии дуруст таъсисдодашуда метавонанд иқтисоди минтақаро дар як муддати нисбатан кӯтоҳ дигаргун сохта ба саноатикунонии миллӣ таккони ҷиддӣ бубахшанд.

Мақсади таҳияи мақолаи зерин ин омӯзиши нақши минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар равандҳои саноатикунонии босуръат, ва инчунин ошкор намудани қонуниятҳо ва омилҳое мебошад, ки самаранокии фаъолияти онҳоро муайян мекунанд.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) – ин ҳудуди махсус дар дохили давлат мебошад, ки аз низомҳои имтиёзноки ҳуқуқӣ, андозӣ ва гумрукӣ барои ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ истифода мешавад. Дар адабиёти иқтисодӣ МОИ ҳамчун воситаи сиёсати давлатии саноатӣ ба ҳисоб меравад, ки ба суръатбахшии саноатикунонӣ, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ (СМХ), рушди содирт ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ нигаронида шудааст. Тибқи шарҳи Бонки умумиҷаҳонӣ, МОИ – ин "ҳудудҳои маҳдуд дар дохили мамлакат мебошанд, ки дар онҳо нисбат ба юрисдиксияҳои миллӣ шароитҳои нисбатан либералии иқтисодӣ ва маъмурӣ татбиқ карда мешаванд" [1, с.9]. Дар адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ МОИ ҳамчун "қисмати майяни ҳудуди миллии давлате мебошад, ки барои ташаккули низоми махсуси фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ташкил гардидааст ва дар ин ҳудуд фазои мусоиди иқтисодӣ – ҳуқуқӣ амал намуда, тариқи паси сар намудани марҳилаҳои пеш аз инвеститсионӣ, инвеститсионӣ, амалиётӣ ва рушд ташаккул ёфта, ҳадафи таъсис додани онҳо такони ҷиддӣ бахшидан ба рушди иқтисодиёти минтақаи ҷойгирифта, мусоидат намудан ба ҷалби сармояи хориҷӣ, фароҳам овардани ҷойҳои кории нав дар минтақаи ҷойгиршуда, татбиқи ислоҳотҳои иқтисодӣ ва тавсеа бахшидани иқтидори содиротии минтақа ва давлат дар маҷмуъ мебошад" [2, с.38].

Ҳамин тавр, моҳияти МОИ дар таъсиси "нуқтаҳои рушд" барои иқтисодиёт тавассути мутамарказ кардани сармоя, технология ва захираҳои инсонӣ дар минтақаҳои махсус

муайяншуда, ки нисбат ба қисматҳои дигар мамлакат бартарии махсус доранд хулоса меёбад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ вобаста ба ҳадафҳои таъсис ва махсусгардонии онҳо якчанд намуди минтақаҳои озои иқтисодиро таҳия намудааст, аз ҷумла:

- Минтақаҳои содиротӣ-истеҳсолӣ – ба ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ барои ташкили истеҳсоли маҳсулотҳои ба содирот нигаронидашуда махсус гардонида шудааст. (Масалан, минтақаҳои Шенҷен ва Чжухай дар Чин).
- Минтақаҳои инноватсионии технологӣ ва паркҳои технологӣ – барои рушди технологияҳои пешқадам, фаъолияти инноватсионӣ, марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ муқаррар гардидаанд. (Масалан, минтақаҳои Хай-тек дар Чин ва “Сколково” дар Русия).
- Минтақаҳои савдои озод – нигоҳдории бебоҷ, коркард ва аз нав содиротсозии молҳоро таъмин месозад. (Масалан, минтақаи Ҷебел Алӣ дар Дубай ва бандари озоди Сингапур).
- Минтақаҳои хизматрасонӣ – ба рушди бахши хизматрасонӣ, махсусан молиявӣ, логистикӣ, нақлиётӣ ва таълимӣ нигаронида шудаанд. (Масалан, Интернет-Сити Дубай, DIFC дар АМА).
- МОИ – ии ҳамгироигардида – унсурҳои якчанд намудҳоро муттаҳид сохта, вазифаҳои бисёрфункционавиро иҷро месозанд (масалан, KFEZ дар Кореяи Ҷанубӣ, МОИ дар Лаҳистон).

Чунин гурӯҳбандӣ имкон фароҳам меорад, ки МОИ ба хусусияти хоси иқтисодиёти ин ё он кишвар ва афзалиятҳои стратегии он мутобиқ карда шаванд. Таъкид кардан ба маврид аст, ки нақши МОИ дар саноатикунонии босуръат бо маҷмӯи механизмҳои иқтисодие, ки аз ҷониби онҳо ба кор андохта мешаванд баён карда мешавад, аз ҷумла:

- Имтиёзҳои андозӣ: озодкунӣ аз андоз аз даромад барои як давраи муайян, коҳиш додани андоз аз амвол ва ААИ, меъёрҳои махсуси андоз барои соҳаҳои афзалиятнок.
- Имтиёзҳои гумрукӣ: воридоти бебоҷи таҷҳизот, ашёи хом ва ҷузъҳо, тартиби соддашудаи воридот ва содирот.
- Афзалиятҳои институтсионалӣ: низоми “равзанаи ягона” барои сармоягузорон, коҳишдиҳии бюрократия, ҳифзи кафолати ҳуқуқи моликият, татбиқи стандартҳои муайяни ҳуқуқи байналмиллалӣ.
- Ҳавасмандгардонии инфрасохторӣ: маблағгузории давлатӣ барои сохтмони паркҳои саноатӣ, марказҳои нақлиётӣ ва иншооти энергетикӣ.
- Омилҳои иҷтимоӣ ва кадрӣ: омодасозии кормандон, фароҳам овардани шароит барои ворид шудани мутахассисони соҳибихтисос, таъсиси марказҳои илмию таълимӣ дар минтақаҳо.

Тариқи механизмҳои зерин МОИ раванди саноатикунониро таҳаррук бахшида, иқтидорҳои нави истеҳсолиро таъсис дода, технологияҳои замонавиро ҷорӣ месозанд, ки дар натиҷа кластерҳои саноатӣ ташаккул ёфта, содирот ва шуғли аҳолӣ меафзояд. Дар нимаи дуюми асри XX ва ибтидои асри XXI МОИ яке аз воситаҳои муассири саноатикунонии босуръат ва ҳамгироии давлатҳои рӯ ба тараққӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ гардиданд. Маҳз чунин минтақаҳо ба кишварҳои Осиёи Шарқӣ, Ховари Миёна, Аврупои Шарқӣ ва Америкаи Лотинӣ имкон фароҳам оварданд, ки сармояи хориҷиро ҷалб намуда, истеҳсолоти ба содирот нигаронидашударо ҳавасманд созанд ва кластерҳои саноатиро ташаккул диҳанд.

Барои Тоҷикистон, ки дар марҳилаи гузариш ба саноатикунонии амиқ қарор дорад, омӯзиши таҷрибаи байналмиллалӣ аҳамияти ҳалкунанда дорад. Дар таҳқиқоти зерин таҷрибаи мамлакатҳои пешсафро мавриди таҳқиқ қарор медиҳем.

Таъкид кардан ба маврид аст, ки таҷрибаи Чин дар самти МОИ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ муваффақтарин ва васеътарин ба ҳисоб меравад. Якумин минтақаҳо (Шенчжен, Чжухай, Сямэн ва Шантоу) соли 1980 дар доираи сиёсати “ислоҳот ва кушодашавӣ” таъсис ёфта буданд. Дар ибтидо онҳо ҳамчун минтақаҳои истеҳсолии ба содирот нигаронидашуда хизмат мерасониданд, ки дар онҳо ширкатҳои хориҷӣ метавонистанд истеҳсолоти меҳнатталаб ва ба содирот нигаронидашударо таъсис диҳанд [3, с.48].

Таҷриба нишон медиҳанд, ки омилҳои асосии муваффақият дар МОИ –ии Чин ин имтиёзҳои васеъи андозӣ ва гумрукӣ, муҳити фасеҳи институтсионалӣ, маблағгузории фаъоли давлатӣ дар самти инфрасохтор, мутамарказии захираҳои меҳнатӣ будааст. Бо мурури замон, МОИ – и  Шенчжен аз “фабрикаи ҷаҳон” ба як маркази ҷаҳонии инноватсия табдил ёфт, ки дар он корпарастияҳо ба монанди Huawei и Tencent ҷойгир шудааст. Ҳамин тариқ, модели чинӣ иқтидори МОИ-ро аз истеҳсолоти оддӣ ба рушди технологияҳои тараққикарда нишон медиҳад.

Дар солҳои 1970 ва 1980 Ҷумҳурии Корея минтақаҳои содиротӣ-истеҳсолиро барои ҳавасмандгардонии мошинсозӣ, электроника ва киштисозӣ фаъолона мавриди истифода қарор дод. Тавассути сиёсатҳои мақсаднок, ҳукумат воридшавии корпоратсияҳои фаромиллалиро дастгирӣ намуд, ки ин ба саноати Корея имкон дод, ки ҷаҳиши квантӣ кунад [4, с.48]. Хусисияти фарққунандаи модели кореягӣ ин таваҷҷӯҳ ба омодасозии кадрҳо ва ҳамгироии ширкатҳори ватанӣ ба занҷираҳои арзиши ҷаҳонӣ мебошад. Бо мурури замон мамлакати мазкур минтақаҳои махсусгардонидашударо (ба монанди МОИ Инчхон) таъсис дод, ки ба логистика, молия ва инноватсия нигаронида шуда буданд.

Модели Сингапурии таъсиси МОИ беназир мебошад, чунки кишвар ба мавқеъи ҷуғрофии стратегии худ ва рушди бандарҳои озод такя намуда буд. Дар солҳои 1960-1970 дар ин мамлакат минтақаи саноатии Ҷургонг таъсис ёфта буд, ки ҳамчун пойгоҳ барои ҷалби ширкатҳои фаромиллалӣ ба электроника ва нафту кимиё хизмат мекард [5, с.228]. Баъдтар, дар ин мамлакат паркҳои технологӣ ва илмӣ пайдо шуданд, ки ба рушди биотехнология ва IT мусоидат намуданд. Муваффақияти калидии Сингапур ин омезиши оқилонаи афзалиятҳои логистикӣ, молиявӣ ва саноатӣ мебошад, ки ба ҳамгироии он ба занҷираҳои арзиши ҷаҳонӣ имкон дод.

Соли 1985 минтақаи озоди Ҷебел Алӣ дар Дубай таъсис ёфта, ба бузургтарин минтақаи озод дар Ховари Миёна табдил ёфт. Муваффақияти онро омилҳои зерин таъмин намуданд, аз қабили меъёри сифрии андоз аз фоида, 100% моликияти хориҷӣ, расмиёти гумрукии соддакардашуда, инфрасохтори бандарии рушдёфта. Минбаъд дар ин мамлакат минтақаҳои махсусгардонидашуда пайдо шуданд, аз ҷумла Дубай Интернет Сити, Дубай Медиа Сити ва Масдар Сити. Ин минтақаҳо марказҳои ТИК, ВАО ва технологияҳои сабз гардидаанд. Ҳамин тариқ, минтақаҳои озоди АМА на танҳо иқтисодиётро диверсификатсия намуданд, балки кишварро ба як маркази тиҷорати ҷаҳонӣ табдил доданд[6, с.35].

Дар давраи гузариши иқтисодии худ Лаҳистон МОИ-ро ҳамчун механизми ҷалби сармояи хориҷӣ истифода намуд. Аз соли 1994 инҷониб дар ин кишвар 14 минтақа таъсис дода шудааст, ки ба сармоягузорон ба мӯҳлати то 10-15 сол имтиёзҳои андозӣ медиҳанд [7, с.142]. Муваффақиятҳои асосии Лаҳистон дар самти ташаккул ва рушди МОИ ин пеш аз ҳама ҷалби мошинсозони пешқадам (Fiat, Opel, Toyota), ташаккул ва рушди кластерҳои

электроника ва мошинсозӣ ва ҳамгироӣ ба бозори ИА мебошанд. Таҷрибаи Лаҳистон барои Тоҷикистон ҳамчун намунаи истифодаи МОИ дар шароити дигаргунсозии иқтисодӣ ва зарурати мувозинати манфиатҳои миллӣ ба талаботи иттиҳодияҳои ҳамгироӣ муҳим аст.

**Адабиёт:**

1.Всемирный банк. *Special Economic Zones: An Operational Review of Their Impacts*. Washington, D.C.: World Bank, 2017, s. 9.
2. Саидмуродова М.А., Қурбонова М.С. Ҷанбаҳои назариявии таҳаввулоти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар шароити муосир // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума Душанбе 2023 /№1 саҳ 35-44. (0,62 ҷ.ч.) ISSN 2413-5151.
3. Zeng D.Zh. *How Do Special Economic Zones and Industrial Clusters Drive China's Rapid Development?* Policy Research Working Paper; № 5583. Washington, DC: World Bank, Africa Region, Finance & Private Sector Development, 2011. 53 с.
4. Kim J. и др. *Free Economic Zones and Firm Performance: Evidence from Korea. KDI Journal of Economic Policy*, 47(2), 2025.
5. Yeung H.W.-C. Rethinking mechanism and process in the geographical analysis of uneven development // *Dialogues in Human Geography*. 2019. Т. 9. № 3. С. 226–255. DOI: 10.1177/2043820619861861.
6. Всмирный банк. *Свободные экономические зоны: операционный обзор их влияния.* Вашингтон, Округ Колумбия: Всемирный банк, 2017.
7. Ambroziak, A. A. *Krajowa pomoc regionalna w specjalnych strefach ekonomicznych w Polsce*. Warszawa: Szkoła Główna Handlowa (SGH), **2009.** 480 s.

**Маълумот дар бораи муаллиф/Сведения об авторе/Information about the author**:

**Моҳираи Ҷурахон**, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ. Суроға: 735360, ш. Кӯлоб, в. Хатлон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи С. Сафаров, 16. E-mail: mohiraijurakhon@mail.ru. Телефон: 987 14 46 00

**Мохираи Джурахон,** Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета. Адрес: 735360, г. Кӯлоб, о. Хатлон, Республика Таджикистан, улица С. Сафаров, 16. E-mail: mohiraijurakhon@mail.ru. Телефон: 987 14 46 00

**Mohirai Jurahon,** Kulob State University named after A. Rudaki, senior lecturer at the Department of Accounting. Address: *735360.* E-mail: mohiraijurakhon@mail.ru. Telephone: 987 14 46 00

# САМАРАНОКИИ ИДОРАКУНИИ МОЛИЯИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИСОЗӢ

**Наботов Б.Ш.**

*Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, вилояти Хатлон, Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур масъалаҳои самаранокии идоракунии молияи муассисаҳои таълимӣ дар шароити рақамисозӣ баррасӣ карда мешаванд. Муаллиф таъсири технологияҳои рақамиро ба раванди банақшагирӣ, тақсимот ва назорати захираҳои молиявӣ таҳлил менамояд. Дар асоси таҳқиқот пешниҳодҳо оид ба такмили идоракунии молиявӣ бо истифода аз воситаҳои рақамӣ пешниҳод гардидаанд.

Ҳамзамон, дар мақола масъалаҳои ҷорӣ намудани системаҳои иттилоотии молиявӣ, истифодаи платформаҳои рақамӣ барои шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии қабули қарорҳои идоракунӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Муаллиф ба мушкилот ва маҳдудиятҳои амалишавии рақамисозӣ дар муассисаҳои таълимӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, роҳҳои бартараф намудани онҳоро пешниҳод мекунад.

**Калидвожаҳо:** рақамисозӣ, идоракунии молиявӣ, муассисаҳои таълимӣ, самаранокӣ, буҷа, шаффофият, технологияҳои иттилоотӣ, инноватсия, идоракунии муосир.

**Аннотация.** В данной статье рассматриваются вопросы эффективности финансового управления образовательных учреждений в контексте цифровизации. Автор анализирует влияние цифровых технологий на процесс планирования, распределения и контроля финансовых ресурсов. На основе исследования предлагаются способы повышения эффективности финансового управления с использованием цифровых инструментов.

Одновременно в статье рассматриваются вопросы внедрения финансовых информационных систем, использования цифровых платформ для обеспечения прозрачности и подотчетности, а также повышения эффективности принятия управленческих решений. Автор обращает внимание на проблемы и ограничения внедрения цифровизации в образовательных учреждениях и предлагает пути их преодоления.

**Ключевые слова:** цифровизация, финансовое управление, образовательные учреждения, эффективность, бюджет, прозрачность, информационные технологии, инновации, современное управление.

**Abstract.** This article discusses the issues of the effectiveness of financial management of educational institutions in the context of digitalization. The author analyzes the impact of digital technologies on the process of planning, distribution and control of financial resources. Based on the research, proposals are made to improve financial management using digital tools.

At the same time, the article examines the issues of introducing financial information systems, using digital platforms for transparency and accountability, as well as increasing the efficiency of management decision-making. The author draws attention to the problems and limitations of implementing digitalization in educational institutions and suggests ways to overcome them.

**Keywords:** digitalization, financial management, educational institutions, efficiency, budget, transparency, information technologies, innovation, modern management.

**“...**Имрӯз моро зарур аст, ки раванди идоракунии давлатиро бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ба роҳ монда, таъсири омили инсониро дар тамоми соҳаҳо ва ҳама гуна муносибатҳои молиявӣ коҳиш диҳем” [1].

Дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, рақамисозии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла маориф, ба яке аз самтҳои афзалиятнок табдил ёфтааст. Соҳаи маориф ҳамчун бахши муҳими иқтисоди миллӣ талаб менамояд, ки идоракунии захираҳои молиявӣ бо истифода аз воситаҳои муосири рақамӣ ба роҳ монда шавад.

Имрӯз муассисаҳои таълимӣ бо зарурати баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ рӯ ба рӣ мебошанд. Дар чунин шароит, истифодаи технологияҳои рақамӣ метавонад воситаи муҳими такмил ва оптимизатсияи идоракунии молиявӣ гардад.

Дар шароити рушди босуръати ҷомеаи муосир ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ, низоми маориф ҳамчун яке аз соҳаҳои калидии рушди устувори кишвар ба тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардидааст. Яке аз самтҳои муҳимтарини ин раванд рақамисозии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ мебошад, ки ба баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ, аз ҷумла идоракунии молиявӣ, мусоидат мекунад.

Муассисаҳои таълимӣ ҳамчун сохторҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дорои низоми мураккаби идоракунии захираҳои молиявӣ мебошанд. Самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ, банақшагирии дуруст ва назорати дохилӣ аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки сифати фаъолияти чунин муассисаҳоро муайян мекунанд. Дар шароити анъанавӣ идоракунии молиявӣ бештар ба усулҳои дастӣ ва системаҳои ғайриинтегратсионӣ такя мекард, ки ин ба камсамаранокӣ, хатогиҳо ва камбудиҳои идоракунӣ оварда мерасонд [2] .

Бо рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, махсусан дар даҳсолаи охир, имкониятҳои нав барои такмили идоракунии молиявӣ ба вуҷуд ҷ омаданд. Рақамисозӣ имкон медиҳад, ки равандҳои молиявӣ автоматӣ гарданд, маълумот дар вақти воқеӣ дастрас бошад ва қарорҳои идоракунӣ дар асоси таҳлили дақиқ қабул карда шаванд. Истифодаи системаҳои иттилоотии молиявӣ, барномаҳои ҳисобдорӣ, платформаҳои идоракунии захираҳо ва дигар воситаҳои рақамӣ ба муассисаҳои таълимӣ имкон медиҳад, ки самаранокии фаъолияти худро ба сатҳи нав бардоранд.

Бо вуҷуди ин, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар идоракунии молияи муассисаҳои таълимӣ бо як қатор мушкилот низ ҳамроҳ аст. Аз ҷумла, норасоии кадрҳои соҳибихтисос, сатҳи пасти омодагии рақамии кормандон, маҳдудияти захираҳои молиявӣ барои татбиқи технологияҳои нав ва масъалаҳои амнияти иттилоотӣ метавонанд монеаи рушди босамар гарданд. Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаи самаранокии идоракунии молиявӣ дар шароити рақамисозӣ аҳамияти махсуси илмӣ ва амалӣ дорад [2].

Мақсади асосии ин таҳқиқот омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалӣ, инчунин таҳлили роҳҳои баланд бардоштани самаранокии идоракунии молияи муассисаҳои таълимӣ дар шароити рақамисозӣ мебошад. Барои расидан ба ин мақсад, иҷрои вазифаҳои зерин пешбинӣ мегардад:

- баррасии моҳият ва хусусиятҳои идоракунии молиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ;
- таҳлили нақши технологияҳои рақамӣ дар такмили идоракунии молиявӣ;
- муайян намудани омилҳое, ки ба самаранокии идоракунии молиявӣ таъсир мерасонанд;

- пешниҳод намудани тавсияҳо оид ба такмили идоракунии молиявӣ дар шароити рақамисозӣ.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди иқтисоди рақамӣ, масъалаи идоракунии самараноки молияи муассисаҳои таълимӣ аҳамияти калидӣ касб намуда, талаботи таҳқиқи амиқ ва пешниҳод намудани роҳҳои муосири ҳалли онро ба миён мегузорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон молияи давлатиро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомотҳои зерин идора менамоянд:

1. Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
4. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
5. Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
6. Бонки миллии Тоҷикистон;
7. Мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ;

Идоракунии молиявиро пеш аз ҳама дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти болоии қонунбарор ба амал мебарорад, ки ин Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар шароити рушди иқтисодиёти муосир, идоракунии самараноки захираҳои молиявӣ яке аз омилҳои асосии фаъолияти устувори ҳар як муассиса, аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ, ба ҳисоб меравад. Муассисаҳои таълимӣ ҳамчун зерсохтори муҳими иҷтимоӣ на танҳо вазифаи таълим ва тарбияро иҷро мекунанд, балки ҳамчун воҳидҳои иқтисодӣ низ фаъолият менамоянд.

Идоракунии молиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ ин раванди банақшагирӣ, ташкил, танзим ва назорати истифодаи захираҳои молиявӣ мебошад. Ҳадафи асосии он таъмини истифодаи самаранок, мақсаднок ва шаффофи маблағҳо барои ноил шудан ба натиҷаҳои беҳтарини таълимӣ мебошад [3].

Рақамисозӣ раванди истифодаи технологияҳои рақамӣ барои такмили фаъолияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, рақамисозӣ ба яке аз самтҳои асосии рушди иқтисодиёт табдил ёфтааст.

Аҳамияти рақамисозӣ дар он аст, ки он:

1. самаранокии равандҳоро баланд мебардорад;
2. хароҷотро кам мекунад;
3. дастрасии маълумотро осон мегардонад;
4. имконияти таҳлили амиқро фароҳам меорад.

Дар соҳаи маориф, рақамисозӣ на танҳо ба раванди таълим, балки ба идоракунии молиявӣ низ таъсири калон мерасонад.

Дар асоси таҳлили назариявӣ метавон гуфт, ки идоракунии самараноки молиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ омили муҳими рушди устувори соҳаи маориф мебошад. Рақамисозӣ ҳамчун воситаи муосири идоракунӣ имконият медиҳад, ки равандҳои молиявӣ такмил дода шаванд, шаффофият баланд бардошта шавад ва қарорҳои идоракунӣ самаранок гарданд.

Бо вуҷуди ин, барои татбиқи муваффақонаи технологияҳои рақамӣ зарур аст, ки масъалаҳои марбут ба кадрҳо, маблағгузорӣ ва инфрасохтор ҳал карда шаванд.

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёт ва ҷомеа, ки бо равандҳои босуръати рақамисозӣ ва ҷаҳонишавӣ тавсиф мешавад, соҳаи маориф ҳамчун яке аз бахшҳои муҳими иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардидааст. Дар ин замина, масъалаи

идоракунии самараноки молияи муассисаҳои таълимӣ аҳамияти аввалиндараҷа касб мекунад, зеро маҳз истифодаи оқилона ва мақсадноки захираҳои молиявӣ метавонад заминаи рушди устувори низоми маорифро таъмин намояд.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда нишон дод, ки идоракунии молиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ як низоми мураккаб ва бисёрҷанба мебошад, ки равандҳои банақшагирӣ, ташкил, танзим ва назорати истифодаи захираҳои молиявиро дар бар мегирад. Хусусияти муҳими ин раванд дар он аст, ки он на танҳо ба ноил шудан ба натиҷаҳои иқтисодӣ, балки ба беҳтар намудани натиҷаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла сифати таълим ва рушди захираҳои инсонӣ равона шудааст [4].

Дар қисми назариявии таҳқиқот муайян гардид, ки самаранокии идоракунии молиявӣ ҳамчун таносуби байни натиҷаҳои бадастомада ва захираҳои истифодашуда фаҳмида мешавад. Дар муассисаҳои таълимӣ ин самаранокӣ бо нишондиҳандаҳои гуногун, аз ҷумла сатҳи истифодаи маблағҳо, шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва сифати идоракунӣ арзёбӣ мегардад. Ҳамзамон, равшан гардид, ки рақамисозӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ метавонад ба такмили идоракунии молиявӣ таъсири назаррас расонад.

Таҳлили ҳолати кунунии идоракунии молиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ нишон дод, ки бо вуҷуди пешравиҳо дар самти татбиқи технологияҳои рақамӣ, ҳанӯз ҳам як қатор мушкилот боқӣ мемонанд. Аз ҷумла, сатҳи нокифояи истифодаи системаҳои рақамӣ, маҳдудияти захираҳои молиявӣ, норасоии кадрҳои соҳибихтисос ва камбуди инфрасохтори техникӣ аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки ба самаранокии идоракунии молиявӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Ҳамзамон, таҳлил нишон дод, ки дар муассисаҳое, ки технологияҳои рақамӣ васеъ истифода мешаванд, нишондиҳандаҳои самаранокӣ нисбатан баланд мебошанд. Аз ҷумла, истифодаи системаҳои автоматии ҳисобдорӣ ва идоракунии молиявӣ боиси коҳиши хатогиҳо, тезонидани равандҳои корӣ, баланд шудани шаффофият ва беҳтар шудани назорат мегардад. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки рақамисозӣ метавонад ҳамчун воситаи муассири баланд бардоштани самаранокии идоракунии молиявӣ хизмат намояд.

Дар қисми амалии таҳқиқот пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили идоракунии молиявӣ дар шароити рақамисозӣ таҳия карда шуданд. Аз ҷумла, зарурати ҷорӣ намудани системаҳои муосири рақамӣ, такмили банақшагирии молиявӣ, баланд бардоштани сатҳи тахассуси кадрҳо, тақвияти назорат ва таъмини амнияти иттилоотӣ асоснок карда шуд. Ҳамчунин, аҳамияти диверсификатсияи манбаъҳои молиявӣ ва ҷалби сармоягузорӣ барои рушди муассисаҳои таълимӣ таъкид гардид [5]..

Яке аз хулосаҳои муҳими таҳқиқот дар он аст, ки татбиқи технологияҳои рақамӣ бояд ба таври системавӣ ва марҳилавӣ амалӣ карда шавад. Барои ин зарур аст, ки стратегияҳои мушаххаси рушди рақамисозӣ таҳия гардида, ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор ба ин раванд ҷалб карда шаванд. Танҳо дар ин сурат метавон ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид.

Ҳамчунин, муайян гардид, ки омили инсонӣ дар раванди рақамисозӣ нақши ҳалкунанда дорад. Бе омодасозии кадрҳои баландихтисос ва баланд бардоштани сатҳи саводи рақамии кормандон, татбиқи ҳатто технологияҳои пешрафта наметавонад самараи дилхоҳ диҳад. Аз ин рӯ, масъалаи рушди захираҳои инсонӣ бояд ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати идоракунӣ баррасӣ гардад.

Дар баробари ин, масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ низ аҳамияти калон дорад. Бо рушди технологияҳои рақамӣ хатари ҳамлаҳои киберӣ ва гумшавии маълумот зиёд мегардад, ки метавонад ба фаъолияти муассисаҳо таъсири манфӣ расонад. Аз ин рӯ, ҷорӣ

намудани системаҳои муосири ҳифзи маълумот ва таъмини амнияти иттилоотӣ яке аз шартҳои муҳими рушди устувор ба ҳисоб меравад.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки баланд бардоштани самаранокии идоракунии молияи муассисаҳои таълимӣ дар шароити рақамисозӣ як раванди мураккаб, вале зарурӣ мебошад. Ин раванд талаб мекунад, ки ҳамаи ҷанбаҳои идоракунӣ – аз банақшагирӣ то назорат – бо истифода аз технологияҳои муосир такмил дода шаванд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки рақамисозӣ на танҳо як тамоюли муосир, балки як зарурати объективӣ барои рушди низоми маориф мебошад. Татбиқи самараноки он метавонад ба баланд бардоштани сифати идоракунии молиявӣ, истифодаи оқилонаи захираҳо ва рушди устувори муассисаҳои таълимӣ мусоидат намояд.

Дар оянда, идомаи таҳқиқот дар самти омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ, татбиқи технологияҳои нав ва арзёбии самаранокии онҳо метавонад ба рушди минбаъдаи ин соҳа мусоидат намояд. Инчунин, таҳияи сиёсати давлатӣ дар самти дастгирии рақамисозии муассисаҳои таълимӣ метавонад нақши муҳим бозад.

Дар асоси таҳлили анҷомдодашуда муайян гардид, ки сатҳи самаранокии идоракунии молиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ ба як қатор омилҳо вобаста мебошад, аз ҷумла: сатҳи рақамисозӣ, сифати банақшагирӣ, малакаи кормандон ва мавҷудияти низоми назорат.

Дар шароити рақамисозӣ, бе ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва усулҳои нав идоракунии молиявӣ наметавонад талаботи замони муосирро қонеъ намояд. Аз ин рӯ, таҳияи пешниҳодҳои амалӣ барои такмили низоми идоракунӣ аҳамияти муҳим дорад.

**Адабиёт:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ (16.12.2025).
2. Стратегияи рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2040. – Душанбе, 2020.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». – Душанбе, 2020.
4. И. А. Бланк. Управление финансовыми ресурсами. – Киев: Ника-Центр, 2018.
5. Г. Б. Поляк. Финансовый менеджмент. – Москва: ЮНИТИ-ДАНА, 2020.
6. А. М. Ковалева. Финансы и кредит. – Москва: КНОРУС, 2019.
7. Раҳимов С. Р. Асосҳои иқтисодиёти маориф. – Душанбе, 2019.
8. Саидов Н. Ҷ. Технологияҳои иттилоотӣ дар идоракунӣ. – Душанбе, 2021.
9. Каримов Д. К. Рақамисозии иқтисодиёт: назария ва амалия. – Душанбе, 2022.
10. Ҳайдаров Ф. М. Идоракунии муосир. – Душанбе, 2020.


## МОҲИЯТ ВА КОНСЕПСИЯИ “ДИПЛОМАТИЯИ РАҚАМӢ”

**Музафарова Б.Х., Содиқова М.**
*Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон*

**Аннотатсия.** Мақола ба таҳлили моҳият ва консепсияи “дипломатияи рақамӣ” бахшида шуда, зикр шудааст, ки бо паҳншавии технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар асри XXI дипломатияи анъанавӣ тағйироти ҷиддӣ дида, истилоҳи “дипломатияи рақамӣ” пайдо шуд. Ин падида истифодаи

абзорҳои рақамиро барои ноил гардидан ба ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ, идоракунии муносибатҳои байналмилалӣ ва ташаккули афкори умум муайян мекунад.

“Дипломатияи рақамӣ” дипломатияи анъанавиро иваз накарда, балки онро пурра ва густариш медиҳад ва бо хусусиятҳои муоширати дуҷониба, муносибати мустақим, суръати фаврӣ ва дастрасии васеъ фарқ мекунад. Он ҳамчун абзори дипломатияи оммавӣ, муошират дар бӯҳронҳо, муқовимат ба дезинформатсия, ҷамъоварии иттилоот, муносибатҳои виртуалӣ ва таҳлили додаҳо хизмат мекунад. Ҳамзамон, фазои рақамиро ҳамчун муҳити нави геополитикӣ ва мавзуи сиёсати хориҷӣ баррасӣ менамояд.

Иштирокчиёни ғайридавлатӣ (ширкатҳои технологӣ, блогерҳо) нақши фаъол дошта, дипломатияро мураккаб мегардонанд. Дар баробари ин, чолишҳо ба монанди хабарҳои қалбакӣ, фосилаи рақамӣ, афкори ҷамъиятии назоратнопазир, масъалаҳои эътимод, этика ва ҳавфҳои киберӣ дар мақола зикр шуда, шудааст, ки “дипломатияи рақамӣ” тағйироти фундаменталӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ аст. Барои истифодаи самаранок давлатҳо бояд стратегияҳои мукаммал, омӯзиши кадрҳо ва иштироки фаъол дар идоракунии фазои рақамии глобалиро таъмин намоянд, зеро бе унсури рақамӣ сиёсати хориҷӣ заиф ва камсамар мегардад.

**Калидвожаҳо:** “дипломатияи рақамӣ”, сиёсати хориҷӣ, технологияҳои иттилоотӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, “нерӯи нарм”, амнияти киберӣ.

**Аннотация.** Статья посвящена анализу сущности и концепции «цифровой дипломатии». Отмечается, что с распространением информационно-коммуникационных технологий, интернета и социальных сетей в XXI веке традиционная дипломатия претерпела серьёзные изменения, в результате чего появился термин «цифровая дипломатия». Это явление определяется как использование цифровых инструментов для достижения целей внешней политики, управления международными отношениями и формирования общественного мнения.

«Цифровая дипломатия» не заменяет традиционную дипломатию, а дополняет и расширяет её, отличаясь такими характеристиками, как двусторонняя коммуникация, прямой контакт, оперативная скорость и широкая доступность. Она служит инструментом публичной дипломатии, коммуникации в кризисных ситуациях, противодействия дезинформации, сбора информации, виртуальных взаимоотношений и анализа данных. Одновременно цифровое пространство рассматривается как новая геополитическая среда и предмет внешней политики.

Негосударственные участники (технологические компании, блогеры) играют активную роль, усложняя дипломатию. В статье упоминаются вызовы, такие как фейковые новости, цифровой разрыв, неконтролируемое общественное мнение, вопросы доверия, этики и киберриски. Делается вывод, что «цифровая дипломатия» представляет собой фундаментальное изменение в международных отношениях. Для её эффективного использования государства должны разрабатывать комплексные стратегии, инвестировать в подготовку кадров и активно участвовать в управлении глобальным цифровым пространством, поскольку внешняя политика без цифрового компонента становится слабой и неэффективной.

**Ключевые слова:** цифровая дипломатия, внешняя политика, информационные технологии, социальные сети, мягкая сила, кибербезопасность.

## ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХӢ, ИҚТИСОДӢ ВА ҲУҚУҚИИ РУШДИ ҶОМЕА
## HISTORIC, ECONOMIC AND LEGAL ASPECTS OF SOCIETY DEVELOPMENT

**Anatation.** The article is devoted to the analysis of the essence and concept of «digital diplomacy». It is noted that with the spread of information and communication technologies, the Internet and social networks in the 21st century, traditional diplomacy has undergone significant changes, resulting in the emergence of the term «digital diplomacy». This phenomenon is defined as the use of digital tools to achieve foreign policy goals, manage international relations, and shape public opinion.

«Digital diplomacy» does not replace traditional diplomacy but complements and expands it, distinguished by characteristics such as two-way communication, direct contact, operational speed, and broad accessibility. It serves as a tool for public diplomacy, communication in crisis situations, countering disinformation, information gathering, virtual interactions, and data analysis. At the same time, digital space is considered as a new geopolitical environment and a subject of foreign policy.

Non-state actors (technology companies, bloggers) play an active role, complicating diplomacy. The article mentions challenges such as fake news, the digital divide, uncontrollable public opinion, issues of trust, ethics, and cyber risks. The conclusion is drawn that «digital diplomacy» represents a fundamental change in international relations. For its effective use, states must develop comprehensive strategies, invest in personnel training, and actively participate in the governance of global digital space, as foreign policy without a digital component becomes weak and ineffective.

**Keywords:** digital diplomacy, foreign policy, information technologies, social networks, soft power, cybersecurity.

**Муқаддима**

Асри XXI бо таҳаввулоти бесобиқаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва рақамисозии фарогири ҳаёти ҷамъиятӣ оғоз гардид, ки ин раванд ба ниҳоди дипломатия ҳамчун абзори калидии пешбурди сиёсати хориҷии давлатҳо таъсири бунёдӣ расонд. Дипломатияи анъанавӣ, ки дар тӯли қарнҳо бар принсипҳои музокироти пӯшида ва протоколҳои расмӣ такя мекард, имрӯз дар зери фишори суръати фаврии иттилоот ва пайдоиши шабакаҳои иҷтимоӣ ба марҳилаи нави рушд, яъне «дипломатияи рақамӣ» ворид шудааст.

Мубрамияти мавзуи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки технологияҳои рақамӣ дигар танҳо воситаи ёрирасон барои интиқоли иттилоот набуда, балки ба як муҳити нави геополитикӣ ва мавзуи марказии музокироти байналмилалӣ табдил ёфтаанд. Зуҳури мафҳумҳои наве чун «твипломатия», «кибердипломатия» ва «дипломатияи технологӣ» гувоҳӣ медиҳанд, ки субъектони муносибатҳои байналмилалӣ барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва ташаккули афкори умум дар фазои виртуалӣ ба абзорҳои навин ниёз доранд.

Инчунин, дар мақола ба чолишҳои муосир, аз ҷумла дезинформатсия, «фосилаи рақамӣ» ва амнияти киберӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст. Дар қисмати хотимавӣ вазъи кунунии дипломатияи рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кӯшишҳои Вазорати корҳои хориҷии кишвар дар истифодаи платформаҳои рақамӣ барои пешбурди «қудрати нарм» ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар арсаи байналмилалӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Метод ва усулҳо.** Дар раванди таҳқиқот маҷмӯи методҳои илмиву таҳқиқотӣ истифода шудаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳоро таъмин мекунанд: Методи таҳлили низомӣ, ки барои баррасии дипломатияи рақамӣ ҳамчун як ҷузъи ҷудонопазири низоми муносибатҳои байналмилалӣ ба кор бурда шуд. Он имкон дод, ки алоқамандии технологияҳои нав бо

усулҳои анъанавии дипломатӣ муайян карда шавад. Усули таҳлили муқоисавӣ, ки барои муайян кардани фарқиятҳо ва умумиятҳои байни истилоҳҳои «дипломатияи электронӣ», «кибердипломатия» ва «дипломатияи рақамӣ» истифода гардид. Инчунин, тавассути ин метод таҳввули дипломатия аз шакли анъанавӣ ба шакли гибридӣ ва онлайн баррасӣ шуд. Методи таҳлили мухтаво, ки ин метод ҳангоми омӯзиши санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, изҳороти расмии Вазоратҳои корҳои хориҷӣ ва паёмҳои дипломатӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ истифода шуд. Методи мониторинги шабакавӣ, ки барои арзёбии фаъолияти рақамии ниҳодҳои сиёсати хориҷӣ, аз ҷумла ҳисобҳои расмии @MOFA_Tajikistan, мониторинги нашри иттилоот ва вокуниши аудитория дар фазои виртуалӣ сурат гирифт. Методи таърихиву мантиқӣ, ки барои пайгирии таҳаввули технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти дипломатӣ, аз телеграф ва радио то зеҳни сунъӣ ва метавселенаҳо истифода гардид.

Бо оғози асри XXI ва паҳншавии густурдаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК) ва шабакаҳои иҷтимоӣ, дипломатияи анъанавӣ ба тағйироти назаррас дучор гардид. Пайдоиши истилоҳи «дипломатияи рақамӣ» ҳамгироии ин технологияҳоро ба амалияи пешбурди сиёсати хориҷӣ инъикос намуда, онҳоро аз воситаҳои ёрирасон ба ҷузъи ҷудонопазири фаъолияти стратегии давлатҳо табдил дод.

«Дипломатияи рақамӣ» ин истифодаи интернет ва технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ, замимаҳои мобилӣ, блогҳо, паёмрасонҳо ва хадамоти ҳавоӣ, бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ ва иҷрои вазифаҳои анъанавии дипломатӣ мебошад.

Дар шароити рақамисозии босуръати тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла муносибатҳои байналмилалӣ, дипломатия ба тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мегардад. Пайдоиш ва паҳншавии васеи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ (ТИК), интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ боиси зуҳури падидаи нав, яъне "дипломатияи рақамӣ" гардид. Ин истилоҳ истифодаи абзорҳо ва платформаҳои рақамиро барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ, идоракунии муносибатҳои байналмилалӣ ва ташаккули афкори умум тавсиф мекунад.

"Дипломатияи рақамӣ" усулҳои анъанавии фаъолияти дипломатҳои касбӣ, аз қабили музокирот, бастани шартномаҳо ва кори намояндагиҳои дипломатиро иваз намекунад, балки онҳоро пурра намуда, густариш медиҳад, имкониятҳои нав фароҳам меорад ва ҳамзамон чолишҳои нав ба миён меорад. Нақши он дар низоми фаъолияти сиёсати хориҷӣ пайваста афзоиш ёфта, онро ба ҷузъи ҷудонопазири идоракунии муосири давлатӣ дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ табдил медиҳад.

Падидаи истифодаи технологияҳо дар дипломатия таърихи тӯлонӣ дошта, аз телеграф ва радио оғоз меёбад. Аммо, пешрафти воқеӣ бо пайдоиши интернет ба амал омад, ки боиси ба вуҷуд омадани як қатор истилоҳҳои ҳаммонанд гардид: Дипломатияи электронӣ яке аз аввалин истилоҳҳоест, ки истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро барои такмили фаъолияти дохилии ниҳодҳои дипломатӣ (масалан, гардиши электронии ҳуҷҷатҳо), ҳамкорӣ бо дигар ниҳодҳо, инчунин расонидани хизматрасониҳои консулӣ ифода менамояд. Кибердипломатия бошад, дар ибтидо бештар дар заминаи идоракунии фазои киберӣ ва таъмини амнияти байналмилалии киберӣ истифода мешуд. Дипломатияи оммавӣ 2.0: ба истифодаи платформаҳои Web 2.0 (шабакаҳои иҷтимоӣ) барои муоширати мустақим бо ҷомеаи хориҷӣ таъкид менамояд [8, с.109].

Бо мурури замон истилоҳи «дипломатияи рақамӣ» ба мафҳуми фарогиртарин ва ба таври васеъ эътирофшуда табдил ёфт, ки истифодаи маҷмӯии технологияҳои рақамиро дар

амалияи дипломатӣ тавсиф менамояд. [2]. Инро таҳаввули терминология дар манбаъҳои академӣ ва амалӣ тасдиқ мекунад. Дар аввал истилоҳҳои монанди «дипломатияи электронӣ» (e-diplomacy), ки ба равандҳои дохилӣ, яъне гардиши электронии ҳуҷҷатҳо, хизматрасониҳои консулӣ тамаркуз карда буд ва «кибердипломатия», ки ба масъалаҳои амнияти киберӣ ва идоракунии фазои киберӣ нигаронида шуда буд, истифода мешуданд. Аммо, бо рушди интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ «дипломатияи рақамӣ» ба истилоҳи ҳукмрон табдил ёфт, ки ҳам истифодаи абзорҳои рақамиро барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ, аз қабили дипломатияи оммавӣ, муошират дар бӯҳронҳо, твипломатия, ҳам чолишҳои нави геополитикӣ - танзими зеҳни сунъӣ, додаҳо, дезинформатсияро фаро мегирад.

Дар соли 2025 ин истилоҳ ҳанӯз ҳам мубрам боқӣ мемонад ва ҷанбаҳои монанди дипломатияи гибридӣ (омехтаи оффлайн ва онлайн), таъсири зеҳни сунъӣ ва идоракунии глобалии фазои рақам, масалан, дар Иттиҳоди Аврупо ва СММ-ро дар бар мегирад. Он трансформатсияи фундаменталии дипломатияро дар давраи рақамисозӣ инъикос мекунад, ки дар он технологияҳо на танҳо абзор, балки муҳити нав ва мавзӯи музокирот мебошанд.

«Дипломатияи рақамӣ» метавонад ҳамчун истифодаи интернет ва технологияҳои нави иттилоотиву коммуникатсионӣ, махсусан платформаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ, аз ҷониби як кишвар барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати хориҷии он, татбиқи дипломатияи оммавӣ ва идоракунии муносибатҳои байналмилалӣ муайян карда шавад [3].

Таърифҳои дигар ҷанбаи амалӣ-и ин мафҳумро таъкид менамоянд: Вазорати корҳои хориҷии Британияи Кабир дипломатияи рақамиро ҳамчун «ҳалли мушкилоти сиёсати хориҷӣ бо истифода аз интернет» муайян мекунад [4].

Ба маънои васеътар, дипломатияи рақамӣ ин истифодаи абзорҳои рақамӣ барои интиқол додани иттилоот (проексия) ва инчунин барои қабул ва ҷамъоварии иттилоот (истихроҷ) аз ҷомеаҳои хориҷӣ ва дигар иштирокчиёни фаъолияти дипломатӣ мебошад [2].

Хусусиятҳои асосии дипломатияи рақамӣ аз муошироти дуҷониба, муносибати мустақим, суръати фаврӣ ва дастрасӣ иборат мебошад. Бар хилофи дипломатияи оммавии анъанавии яксамтӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ имкон медиҳанд, ки муколама сурат гирад ва муошироти дуҷониба фароҳам оварад.

Ҳукуматҳо метавонанд мустақиман бо аудиторияи ҷаҳонӣ муошират кунанд, бе миёнаравии воситаҳои ахбори оммаи анъанавӣ ва муносибати мустақим барқарор кунанд. Паҳншавии фаврии иттилоот ва вокуниши зуд ба рӯйдодҳо таъмин мегардад ва суръати фаврӣ ва дастрасӣ амалӣ мешавад [1].

“Дипломатияи рақамӣ” ба таври устувор ба низоми фаъолияти сиёсати хориҷӣ ворид шуда, ҳамзамон ҳамчун абзор, муҳит ва мавзуи сиёсати хориҷӣ баромад менамояд. Ин нақш аз ҳама равшан ва васеъ истифодашаванда мебошад. Технологияҳои рақамӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои мушаххаси сиёсати хориҷӣ ба кор бурда мешаванд.

Абзори дипломатияи оммавӣ. “Дипломатияи рақамӣ” унсури калидии дипломатияи оммавии муосир ба ҳисоб меравад. Ташаккули имиҷи он пешбурди симои мусбати кишвар ва фарҳанги он «қудрати нарм» мебошад. Шабакаҳои иҷтимоӣ, аз қабили Facebook, Twitter ва TikTok, барои пешбурди «твипломатия» (Twiplomacy) ва дигар шаклҳои муошироти рақамӣ истифода мешаванд [12],[11].

Шарҳи мавқеъи он ба таври фаврӣ расонидани мавқеи расмии давлат ба ҷомеаи хориҷӣ ва элитаҳои сиёсӣ мебошад. Муколама ва ҷалбсозӣ бо майлсозии диаспораҳо,

шаҳрвандони хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ба баррасии масъалаҳои сиёсати хориҷӣ сурат мегирад.

Муошират дар ҳолати бӯҳрон чунин аст, ки технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ барои иртиботи фаврӣ бо шаҳрвандон дар хориҷи кишвар дар замони ҳолатҳои фавқулода ва офатҳои табиӣ истифода карда мешавад [12].

Таъсири иттилоотӣ тариқи истифодаи каналҳои рақамӣ барои паҳн намудани иттилоот, ташаккули афкори умум ва ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ сурат мегирад ва абзори қудрати иттилоотӣ мебошад [3]. Он ба давлатҳо имкон медиҳад, ки паёмҳои худро бевосита ба аудиторияи байналмилалӣ расонанд. Шабакаҳои иҷтимоӣ, сомонаҳои хабарӣ ва платформаҳои мултимедиявӣ дар ин раванд нақши калидӣ мебозанд. Бо ёрии чунин воситаҳо имиҷи кишвар тақвият ёфта ё, баръакс, метавонад осеб бинад. Таъсири иттилоотӣ ҳамчунин барои муқовимат ба таблиғоти рақибон ва паҳншавии маълумоти бардурӯғ истифода мешавад.

Суръати баланди интиқоли иттилоот имкон медиҳад, ки вокуниш ба рӯйдодҳои байналмилалӣ фаврӣ сурат гирад. Дар маҷмуъ, қудрати иттилоотӣ ба унсури муҳими дипломатияи муосир ва амнияти миллӣ табдил ёфтааст.

Муқовимат ба дезинформатсия, ин фаъолияти пурсамар ҷиҳати мубориза бо таҳрифҳои иттилоотӣ, хабарҳои қалбакӣ ва забони нафрат дар фазои интернет мебошад [5]. Он ба ҳифзи амнияти иттилоотӣ ва суботи иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Дар ин раванд санҷиши манбаъҳои иттилоотӣ ва баланд бардоштани саводнокии рақамии ҷомеа аҳамияти махсус дорад.

Ҳамкории давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва расонаҳо метавонад самаранокии ин муборизаро афзоиш диҳад. Истифодаи механизмҳои ҳуқуқӣ ва технологияҳои муосир низ дар пешгирии паҳншавии дезинформатсия нақши муҳим мебозад.

Ҷамъоварии иттилоот бошад, тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар манбаъҳои рақамӣ барои ҷамъоварии маълумот дар бораи ҳолати равонии аудитория ва мавқеи дигар кишварҳо истифода мешавад.

Муносибатҳои виртуалӣ, ки гузаронидани вохӯриҳо, музокирот ва машваратҳои онлайн, ки ба сарфаи вақт ва захираҳо мусоидат мекунад, абзори фаъолияти оперативӣ мебошад [4].

Таҳлили додаҳо бошад, додаҳо ва алгоритмҳо барои филтркунии аудитория, арзёбии самаранокии маъракаҳо ва ҳадафгирии дақиқтари паёмҳо истифода мешавад [10].

Фазои рақамӣ на танҳо як канали нав, балки ҳамчунин муҳити нави геополитикӣ мебошад, ки ба худи моҳияти муносибатҳои байналмилалӣ таъсир мерасонад [2].

Фазои нави ҳамкорӣ, яъне интернет ва метавселенаҳо фазоҳои наверо фароҳам меоранд, ки дар онҳо ҳамкории дипломатӣ сурат мегирад [13].

Иттилоот дар шабакаҳои иҷтимоӣ метавонад ба таври зуд ба рафтори гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва фаъолияти сиёсати хориҷии давлат таъсир расонад ва ҳолати «номуайянии рақамӣ»-ро ба вуҷуд оварад ба сиёсати хориҷӣ таъсир расонад [10].

Доираи иштирокчиён густраиш ёфта, ба ғайр аз иштирокчиёни анъанавии дипломатӣ (давлатҳо), дар муҳити рақамӣ иштирокчиёни ғайридавлатӣ низ таъсири фаъол пайдо мекунанд, аз ҷумла ширкатҳои технологӣ, блогерҳои инфиродӣ ва гурӯҳҳои ҳакерӣ, ки дипломатияи суннатиро мураккаб мегардонанд [7].

Дигар аз чолиш ин «фосилаи рақамӣ» буда, дастрасии нобаробар ба интернет ва технологияҳо дар байни кишварҳо ва табақаҳои гуногуни аҳолӣ доираи таъсир ва самаранокии дипломатияи рақамиро маҳдуд мекунад [5].

Афкори ҷамъиятии назоратнопазир аз чолиши дигар буда, паҳншавии зуд ва вокуниши фаврии ҷомеа метавонад дипломатҳоро маҷбур кунад, ки на ба таври «реактивӣ» амал кунанд, балки «ғайрифаъол» бошанд [14]. Фарқ аз дигар мушкилот, фишори ҷамъиятии назоратнопазир метавонад дипломатҳоро маҷбур кунад, ки на «реактивӣ» амал кунанд, зеро он бо паҳншавии зуд ва вокуниши фаврии ҷомеа хос аст.

Дар замони технологияҳои рақамӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ чунин вазъият аксар вақт аз сабаби паҳншавии вирусии иттилоот дар ВАО ё платформаҳои онлайн ба вуҷуд меоянд. Ин андешаи ҷамъиятиро сафарбар намуда, ҳукуматҳо ва дипломатҳоро маҷбур месозад, ки қабл аз ҳама муноқишаҳои эҳтимолӣ, эътирозҳо ё бӯҳронҳои обрӯро ба назар гирифта, барои пешгирии авҷгирӣ чораҳо андешанд.

Масалан, дар ҳолатҳои вайронкунии ҳуқуқи инсон ё ҳодисаҳои байналмилалӣ дипломатҳо метавонанд чораҳои пешгирикунанда андешанд. Ба ҷойи он интизори фишори мустақим ё бӯҳрон мондан, бояд изҳороти ҷамъиятӣ, музокирот ё ташаббусҳои инсондӯстонаро оғоз кунанд.

Дар натиҷа, дипломатияи анъанавии «ором» бо унсурҳои ҷамъиятӣ пурра карда мешавад, ки он пешгирии калиди нигоҳ доштани субот мегардад.

Хуллас, “дипломатияи рақамӣ” бо паҳншавии технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар асри XXI пайдо шуд. Он истифодаи абзорҳои рақамӣ, аз қабили шабакаҳои иҷтимоӣ, паёмрасонҳо, блогҳоро барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ ва иҷрои вазифаҳои дипломатӣ муайян мекунад, дипломатияи анъанавиро иваз накарда, балки пурра ва густариш медиҳад.

“Дипломатияи рақамӣ” истифодаи интернет ва технологияҳои нав барои идоракунии муносибатҳои байналмилалӣ, ташаккули афкори умум ва дипломатияи оммавӣ мебошад. Хусусиятҳои он муоширати дуҷониба, муносибати мустақим бо аудиторияи ҷаҳонӣ, суръати фаврӣ ва дастрасии васеъ мебошад.

“Дипломатияи рақамӣ” ҳамчун абзори дипломатияи оммавӣ шарҳи мавқеи расмӣ, муошират дар бӯҳронҳо, таъсири иттилоотӣ, муқовимат ба дезинформатсия, ҷамъоварии маълумот, муносибатҳои виртуалӣ ва таҳлили додаҳо хизмат мекунад. Ҳамчунин, муҳити нави геополитикӣ ва фазои ҳамкории рақамиро фароҳам меорад.

Технологияҳои рақамӣ худ ба мавзуи сиёсати хориҷӣ табдил ёфтаанд, аз ҷумла идоракунии интернет, меъёрҳои рафтор дар фазои киберӣ, танзими зеҳни сунъӣ ва дипломатияи технологӣ, яъне ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ. Дар ин раванд иштирокчиёни ғайридавлатӣ (ширкатҳои технологӣ, блогерҳо) нақши фаъол доранд.

“Дипломатияи рақамӣ” дипломатияи анъанавиро такмил медиҳад. Паҳншавии хабарҳои қалбакӣ, фосилаи рақамӣ, афкори ҷамъиятии назоратнопазир, масъалаҳои эътимод ва этика, ҳавфҳои киберӣ аз чолишҳои “дипломатияи рақамӣ” мебошанд.

**Хулоса**

Дар маҷмуъ, “дипломатияи рақамӣ” тағйироти фундаменталӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ аст, ки равандҳоро суръат мебахшад ва иштирокчиёнро васеъ мекунад. Барои самаранокӣ давлатҳо бояд стратегияҳои мукаммал, омӯзиши кадрҳо ва иштироки фаъол дар идоракунии фазои рақамии глобалиро таҳия намоянд, зеро бе унсури рақамӣ сиёсати хориҷӣ заиф мегардад.

**Адабиёт:**

1. Digital Diplomacy and Its Impacts on Uzbekistan's International Relations. [Электронный ресурс]. URL: https://dergipark.org.tr/en/download/article-file/4030623 (дата обращения: 10.11.2025).
2. Digital diplomacy in 2025: Geopolitics, new topics & tools. [Электронный ресурс]. URL: https://www.diplomacy.edu/topics/digital-diplomacy/ (дата обращения: 10.12.2025).
3. Digital Diplomacy vs. Tech Diplomacy: Understanding the Difference. [Электронный ресурс]. URL: https://tech-diplomacy.com/digital-vs-tech-diplomacy-navigating-the-new-frontiers-of-international-relations/ (дата обращения: 12.11.2025).
4. Digital diplomacy. [Электронный ресурс]. URL: https://en.wikipedia.org/wiki/Digital_diplomacy (дата обращения: 17.12.2025).
5. Digital Diplomacy. European Union. [Электронный ресурс]. URL: https://www.eeas.europa.eu/eeas/digital-diplomacy_en (дата обращения: 15.12.2025).
6. Digital diplomacy. International Public Relations. [Электронный ресурс]. URL: https://fiveable.me/international-public-relations/unit-7/digital-diplomacy/study-guide/RIZfzpLsGi3uMObz (дата обращения: 15.12.2025).
7. The Influence of Digital Diplomacy on Foreign Policy. PDF. [Электронный ресурс]. URL: https://www.researchgate.net/publication/374118668_The_Influence_of_Digital_Diplomacy_on_Foreign_Policy (Дата обращения: 10.09.2025).
8. Цветкова Н.А. Программы Web 2.0 в публичной дипломатии США // США и Канада: Экономика, политика, культура. СПб., 2011. - С. 109-122.
9. Цифровая дипломатия и digital international relations: вызовы и новые возможности // Вестник Санкт-Петербургского университета. Международные отношения. 2022. [Электронный ресурс]. URL: https://irjournal.spbu.ru/article/download/14025/9449/46062 (дата обращения: 15.12.2025).
10. Цифровая дипломатия и digital international relations: вызовы и новые возможности // Вестник Санкт-Петербургского университета. Международные отношения. 2022. [Электронный ресурс]. URL: https://irjournal.spbu.ru/article/download/14025/9449/46062 (дата обращения: 15.12.2025).

**Маълумот дар бораи муаллиф/Сведение о авторе/Author information:**

**Музаффарова Бону Холмуродовна**, ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва фанҳои гуманитарии Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон. Суроға: 735360, ш. Кӯлоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон маҳаллаи Борбад. Email: bonumuzafarzoda@gmail.com. Тел: +992 550500331

**Содиқова Манижа Муҳаммадҷоновна,** магистранти курси 2-юми ихтисоси 1-260102 – идораи давлатӣ ва ҳуқуқи Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон Суроға: 735360, ш. Кӯлоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон маҳаллаи Борбад.

Тел: +992918162516

**Музаффарова Бону Холмуродовна**, ассистент кафедры права и гуманитарных дисциплин Университета инноваций и цифровых технологий Таджикистана. Адрес: 735360, г. Куляб, Республика Таджикистан, Хатлонская область, проспект Борбад. Электронная почта: bonumuzafarzoda@gmail.com. Телефон: +992 550500331

**Содикова Манижа Мухаммаджоновна**, магистрант 2-го курса, специальности 1-260102 – государственное управления и право Университета инноваций и цифровых

технологий Таджикистана. Адрес: 735360, г. Куляб, Республика Таджикистан, Хатлонская область, проспект Борбад. Тел: +992918162516

**Muzaffarova Bonu Kholmurodovna**, assistant Department of Law and Humanities, University of Innovations and Digital Technologies of Tajikistan. Address: 735360. Borbad Avenue, Kulob, Khatlon Region, Tajikistan, Email: bonumuzafarzoda@gmail.com. Tel: +992 550500331

**Sodikova Manizha Muhammadjonovna,** second-year master's student, major 1-260102 – Public Administration and Law, University of Innovation and Digital Technologies of Tajikistan. Address: 735360 Borbad Avenue, Kulob, Khatlon Region, Tajikistan. Tel: +992918162516

## ЦИФРОВАЯ ТРАНСФОРМАЦИЯ ТУРИСТИЧЕСКОЙ ОТРАСЛИ В СВОБОДНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗОНАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Рахимова Х.М., Юсупова Ш., Музаффарова Ш.М.**

*Университет инноваций и цифровых технологий Таджикистана*

**Аннотация.** В статье рассматривается развитие цифровых технологий в туристической отрасли свободных экономических зон Республики Таджикистан. Анализируются возможности использования мобильных приложений, онлайн-бронирования и систем аналитики больших данных для улучшения управления туристическими потоками и повышения качества обслуживания. Приводится опыт международных практик цифровизации туризма, обсуждается их адаптация к условиям Республики Таджикистан с учетом природного и культурного потенциала, уровня цифровой грамотности населения и инфраструктуры. Рассматриваются также риски и ограничения цифровизации, включая защиту персональных данных, киберугрозы и влияние на локальные сообщества. Работа показывает, что цифровая трансформация туризма в СЭЗ может стать важным инструментом устойчивого развития и повышения конкурентоспособности регионов.

**Ключевые слова:** цифровизация, туризм, свободные экономические зоны, цифровые технологии, искусственный интеллект, Республика Таджикистан.

**Аннотатсия.** Дар мақола рушди технологияҳои рақамӣ дар соҳаи туризм дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Имкониятҳои истифодаи барномаҳои мобилӣ, бронкунии онлайн ва системаҳои таҳлили маълумоти калон барои беҳтаркунии идоракунии ҷараёнҳои туристӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ баррасӣ мешаванд. Тадқиқот таҷрибаи байналмилалии рақамисозии туризмро пешниҳод мекунад ва татбиқи он ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти потенсиали табиӣ ва фарҳангӣ, сатҳи саводи рақамии аҳолӣ ва инфрасохторро муҳокима мекунад. Ҳамчунин хатарҳо ва маҳдудиятҳои рақамисозӣ, аз ҷумла ҳифзи маълумоти шахсӣ, таҳдидҳои киберӣ ва таъсир ба ҷомеаҳои маҳаллиро баррасӣ мекунад. Мақола нишон медиҳад, ки трансформацияи рақамии туризм дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ метавонад як абзори муҳими рушди устувор ва баланд бардоштани рақобатпазирии минтақаҳо гардад.

**Калидвожаҳо:** рақамисозӣ, туризм, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, технологияҳои рақамӣ, зеҳни сунъӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Abstract.** This article examines the development of digital technologies in the tourism sector within the free economic zones of the Republic of Tajikistan. It analyzes the potential of mobile applications, online booking systems, and big data analytics to improve tourist flow management

and enhance service quality. International practices of digital tourism are discussed, along with their adaptation to the conditions of Tajikistan, considering the country's natural and cultural potential, digital literacy of the population, and infrastructure. The article also addresses the risks and limitations of digitalization, including personal data protection, cybersecurity threats, and potential impacts on local communities. The study demonstrates that digital transformation in the tourism sector of free economic zones can serve as a significant tool for sustainable development and increasing regional competitiveness.

**Keywords:** digitalization, tourism, free economic zones, digital technologies, artificial intelligence, Republic of Tajikistan.

**Введение**

Туризм традиционно рассматривается как отрасль, формирующая культурные, социальные и экономические связи между регионами и странами. Однако в последние десятилетия глобализация, развитие цифровых технологий и экономическая либерализация создали новые пространственные и институциональные рамки для туризма. Одним из наиболее интересных экспериментальных полей становятся свободные экономические зоны (СЭЗ) — территориально ограниченные пространства с особым налоговым, административным и инвестиционным режимом. Их уникальная структура позволяет тестировать инновационные стратегии экономического развития, среди которых цифровизация туристической отрасли занимает особое место.

Цифровая трансформация в туризме — это не только внедрение онлайн-бронирования или мобильных приложений. Это комплексный процесс, который включает создание интеллектуальных платформ для анализа туристических потоков, прогнозирование нагрузки на инфраструктуру с использованием больших данных и искусственного интеллекта, а также разработку интерактивных гидов и электронных путеводителей. Такой подход формирует новую парадигму туризма: цифровой, персонализированный и экономически эффективный. Особый интерес представляет социально-экономический эффект цифровизации туризма в СЭЗ. Здесь цифровые технологии влияют на формирование культурных и образовательных продуктов, создают новые рабочие места, трансформируют опыт туристов и одновременно служат инструментом для повышения глобальной конкурентоспособности регионов. Важным аспектом является также этическое измерение — баланс между технологическим прогрессом, защитой данных, социальным воздействием и сохранением культурного наследия.

**Основная часть**

Республика Таджикистан обладает уникальными природными, культурными и историческими ресурсами, которые формируют высокий потенциал для развития туристической отрасли. Горные системы Памира и Фанских гор, исторические памятники Шахрисабза и Пенджика, а также богатая культурная самобытность создают привлекательные туристические продукты. Однако традиционные модели управления туризмом сталкиваются с проблемами инфраструктурного обеспечения, логистики и ограниченного доступа к информации.

Свободные экономические зоны (СЭЗ) в Республике Таджикистан — это специально выделенные территории, на которых действует особый правовой режим налогообложения и таможенного регулирования, направленный на стимулирование инвестиций, привлечения технологий и развития предпринимательства.

Создание таких зон регулируется Законом Республики Таджикистан «О свободных экономических зонах» [1] и соответствующими нормативно-правовыми актами, которые определяют их цели, правовой режим и функциональные особенности. СЭЗ создаются с целью развития экономического и социального потенциала республики, привлечения иностранного и отечественного капитала, создания новых рабочих мест, внедрения инновационных и управленческих технологий, развития инфраструктуры и повышения уровня жизни населения.

На сегодняшний день в Республике Таджикистан функционируют пять свободных экономических зон, каждая из которых обладает определённой специализацией, инфраструктурным потенциалом и перспективами интеграции туристической отрасли в цифровую экономику:

- СЭЗ «Сугд» — промышленно-инновационного типа, расположена в юго-западной части города Худжанда. Площадь зоны составляет около 320 гектаров. Она ориентирована на привлечение производственных и экспортно-ориентированных предприятий.
- СЭЗ «Дангара» — зона агропромышленных и сервисных направлений. Цифровизация может включать мобильные приложения для агротуризма, интерактивные маршруты по фермерским хозяйствам, онлайн-запись на экскурсии и мастер-классы.
- СЭЗ «Пяндж» — торгово-инфраструктурная зона. Здесь эффективны цифровые платформы управления туристическими потоками, онлайн-сервисы для торговых и развлекательных объектов, электронные навигационные системы по маршрутам.
- СЭЗ «Куляб» — зона с потенциалом для развития гостиничного и сервисного сектора. Возможны мобильные приложения для бронирования, цифровые информационные киоски и рекомендации по локальным событиям.
- СЭЗ «Ишкашим» — рекреационная зона в Горно-Бадахшанской автономной области. Здесь цифровые технологии могут использоваться для экотуризма и активного отдыха [2, с.106].

По данным Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан, на 1 января 2025 года в СЭЗ зарегистрировано 107 отечественных и иностранных компаний, которые активно развивают различные направления бизнеса — от производства до услуг, включая потенциал для внедрения ИТ-решений. [3] Создано более 1 460 рабочих мест, общий объём инвестиций превышает 2,35 млрд сомони, а продукция, произведённая в зонах, демонстрирует устойчивую динамику роста. Благоприятный правовой режим (включая освобождение от налогов на прибыль, НДС и таможенных пошлин для резидентов), упрощённые административные процедуры, а также доступ к инфраструктурным ресурсам создают уникальную платформу для внедрения цифровых туристических экосистем.

Цифровизация туристической отрасли в свободных экономических зонах Таджикистана не ограничивается внедрением онлайн-сервисов. Она формирует интегрированную цифровую туристическую экосистему, где взаимосвязаны турист, инфраструктура, сервисные компании и государственные органы управления. Цифровые платформы позволяют собирать и анализировать большие данные о туристических потоках, прогнозировать сезонные изменения и оптимизировать загрузку инфраструктуры. В Республики Таджикистан внедрение аналогичных систем в СЭЗ «Сугд» и «Ишкашим» может способствовать

увеличению числа туристов, более равномерному распределению потоков и росту занятости в гостиничном и сервисном секторе.

Цифровая трансформация в свободных экономических зонах формирует интегрированную туристическую экосистему, в которой тесно взаимосвязаны турист, инфраструктура, сервисные компании и государственные органы. [4, с.2287] Основной эффект цифровизации проявляется через сбор и анализ больших данных о туристических потоках, прогнозирование сезонных изменений и оптимизацию загрузки инфраструктуры, а также повышение доходности туристических объектов на 15–25 % за счёт автоматизации процессов и персонализации услуг [5, с.148].

Международный опыт демонстрирует, что цифровизация туризма существенно повышает конкурентоспособность территорий. Например, в свободной экономической зоне Шэньчжэнь в Китае цифровые платформы объединяют возможности онлайн-бронирования, и интеграции с платежными системами, создавая комплексный сервис для туристов. В Дубае в ОАЭ мобильные приложения сочетают культурные события, персонализированные рекомендации на основе искусственного интеллекта и сервисы онлайн-бронирования, обеспечивая высокий уровень качества обслуживания и привлечение новых посетителей. Перенос подобных практик в Республику Таджикистан требует учёта местных культурных и природных особенностей, уровня цифровой грамотности населения и инфраструктурных ограничений, которые могут повлиять на эффективность внедрения технологий. При этом цифровизация сопровождается рядом рисков и ограничений. К ним относятся угрозы кибербезопасности и необходимость защиты персональных данных туристов, неравный доступ к цифровым сервисам для жителей отдалённых районов, а также потенциальное влияние на локальные сообщества и сохранение культурного наследия. Все эти факторы должны учитываться при разработке и внедрении цифровых платформ в туристических СЭЗ.

Для Республики Таджикистан целесообразно формировать многоуровневую цифровую туристическую экосистему. В её основе находятся туристы, получающие доступ к мобильным приложениям, онлайн-бронированию и персонализированным рекомендациям по маршрутам. Сервисные компании интегрируются с платформами управления потоками, автоматизируют работу гостиниц, ресторанов и экскурсионных бюро, обеспечивая оперативность и качество обслуживания. Государственные органы и СЭЗ осуществляют мониторинг потоков, проводят аналитику больших данных и создают стимулирующие меры для инвесторов и разработчиков технологий [6]. Образовательные платформы формируют квалифицированные кадры и повышают компетенции специалистов в сфере цифрового туризма и управления гостеприимством.

Для успешного внедрения цифровых технологий в туристической отрасли СЭЗ Республики Таджикистан рекомендуется в первую очередь запускать мобильные приложения и онлайн-платформы в наиболее туристически привлекательных зонах. Следует использовать аналитические системы на базе искусственного интеллекта для прогнозирования туристических потоков и оптимизации работы инфраструктуры. Важно создавать образовательные программы для подготовки квалифицированных специалистов, а также интегрировать сервисы бронирования, навигации и рекомендаций в единую платформу, обеспечивая персонализированный и качественный сервис для туристов.

**Заключение**

Для Республики Таджикистана цифровая трансформация имеет особое значение, учитывая уникальный природно-культурный потенциал страны: горные системы Памира и

Фанских гор, исторические памятники, богатое культурное наследие и самобытные традиции. Свободные экономические зоны выступают инструментом экспериментальной реализации инновационных подходов, сочетая налоговые льготы, упрощённые административные процедуры и стимулирующие меры для инвесторов и компаний, внедряющих цифровые технологии.

Одним из ключевых выводов исследования является необходимость построения многоуровневой цифровой туристической экосистемы, которая объединяет туристов, сервисные компании, государственные органы и образовательные платформы. Такая экосистема обеспечивает:

- интеграцию цифровых сервисов и автоматизацию процессов;
- повышение качества обслуживания и персонализацию туристического опыта;
- эффективный мониторинг и аналитическое управление потоками туристов;
- подготовку квалифицированных кадров для поддержки цифровой инфраструктуры.

Вместе с тем, цифровизация туристической отрасли сопряжена с рядом рисков, которые требуют внимательного управления: угрозы кибербезопасности, защита персональных данных, неравный доступ к технологиям для жителей отдалённых районов, а также влияние на локальные сообщества и сохранение культурного наследия. Успешная цифровизация предполагает сбалансированный подход, где технологический прогресс сочетается с этическими и социальными аспектами [7, с.40].

В перспективе цифровая трансформация туризма в СЭЗ Таджикистана может стать ключевым фактором устойчивого экономического развития, способствуя интеграции страны в международный туристический рынок и созданию инновационной, технологически развитой, безопасной и персонализированной инфраструктуры обслуживания туристов. Дальнейшие исследования могут быть сосредоточены на изучении эффективности конкретных цифровых инструментов, оценке экономического эффекта их внедрения и разработке практических рекомендаций для масштабирования успешных моделей на другие регионы страны.

Таким образом, внедрение цифровых технологий в туристическую отрасль СЭЗ Таджикистана открывает широкие возможности для повышения экономической, социальной и культурной значимости туризма, обеспечивая конкурентные преимущества региона и создавая платформу для устойчивого развития на основе инноваций и современных технологий.

**Литература:**

1. Закон Республики Таджикистан от 17 мая 2004 года №24 "О свободных экономических зонах в Республике Таджикистан".
2. Рахимова, Х. М. Эффективность цифровых решений в управлении инвестиционной деятельностью свободных экономических зон / Х. М. Рахимова // Наука и технология XXI века. – 2025. – № 1(15). – С. 103-110. – EDN MULCWN.
3. https://e-cis.info/news/567/126878
4. Хамирзова С. К., Кумпилова А. Р., Калашникова С. В., Хачемизова Э. А. Направления цифровой трансформации индустрии гостеприимства и туризма в современных условиях // Вопросы инновационной экономики. – 2023. – Т. 13, № 4. – С. 2283–2296.
5. Мамуров С. Социально-экономическое значение использования информационных систем в туризме // Экономическое развитие и анализ. – 2025. – Т. 3, № 11. – С. 142–151.

6. Хаирова Э. А., Аблязова С. Н. Цифровая трансформация индустрии путешествий и гостеприимства // Управленческий учёт. – 2022. – № 5.
7. Восколович Н. А. На пути к цифровому туризму // Гос. упр. Электрон. вестник. – 2024. – № 102. – С. 31–41.

**Сведения об авторе/Маълумот дар бораи муаллиф/Information about the author:**

**Рахимова Хусния Мирзолатифовна** – старший преподаватель кафедры управление финансов Университет инноваций и цифровых технологий Таджикистана, Тел.: (992) 987-78-78-00, E-mail: husia.95@mail.ru.

**Юсупова Шахло** – старший преподаватель кафедры цифровая экономика Университет инноваций и цифровых технологий Таджикистана, Тел.: (992) 985-60-99-61

**Музаффарова Шарифа** – ассистент кафедры управление финансов Университет инноваций и цифровых технологий Таджикистана, Тел.: (992) 988-17-05-86, E-mail: sharifa1986@list.ru

**Раҳимова Ҳусния Мирзолатифовна** – муаллимаи калони кафедраи идораи молияи Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон, Тел.: (992) 987-78-78-00, E-mail: husia.95@mail.ru.

**Юсупова Шахло –** муаллимаи калони кафедраи иқтисои рақамӣ, Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон, Тел.: (992) 985-60-99-61

**Музаффарова Шарифа** – ассистенти кафедраи идораи молия, Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон, Тел.: (992) 988-17-05-86, E-mail: sharifa1986@list.ru

**Rakhimova Khusniya Mirzolatifovna** – Senior Lecturer of the Department of Financial Management, University of Innovation and Digital Technologies of Tajikistan, Tel.: (992) 987-78-78-00, E-mail: husia.95@mail.ru.

**Yusupova Shakhlo** – Senior Lecturer of the Department of Digital Economy, University of Innovation and Digital Technologies of Tajikistan, Tel.: (992) 985-60-99-61

**Muzaffarova Sharifa** – Assistant of the Department of Financial Management, University of Innovation and Digital Technologies of Tajikistan, Tel.: (992) 988-17-05-86, E-mail: sharifa1986@list.ru

## МУАММОИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ КОРГАРОН ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ

**Шарифова Д., Ашурова Д., Анваров А.**

*Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон*

**Аннотатсия.** Мақола ба таҳлили масъалаҳои ҳавасмандгардонии кормандон дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт бахшида шудааст. Дар он таъсири технологияҳои рақамӣ ба низоми идоракунӣ, муносибатҳои меҳнатӣ ва самаранокии фаъолияти корхонаҳо баррасӣ мегардад. Муаллифон аҳамияти такмили механизмҳои ҳавасмандгардонӣ, аз ҷумла омезиши усулҳои моддӣ ва ғайримоддиро асоснок намуда, зарурати мутобиқ намудани малакаҳои кормандон ба талаботи нави иқтисоди рақамиро таъкид мекунанд. Хулоса карда мешавад, ки рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ тағйироти ҷиддиро дар бозори меҳнат ба вуҷуд оварда, такмили доимии низоми ҳавасмандгардонии кормандонро талаб менамояд.

**Калидвожаҳо:** рақамикунонии иқтисодиёт, ҳавасмандгардонии кормандон, захираҳои инсонӣ, технологияҳои рақамӣ, бозори меҳнат, самаранокии меҳнат, идоракунии кадрҳо, ҳавасмандгардонии моддӣ ва ғайримоддӣ.

**Аннотация**. Статья посвящена анализу проблем стимулирования работников в условиях цифровизации экономики. Рассматривается влияние цифровых технологий на систему управления, трудовые отношения и эффективность деятельности предприятий. Авторы обосновывают необходимость совершенствования механизмов стимулирования, включая сочетание материальных и нематериальных методов, а также подчеркивают важность адаптации компетенций работников к новым требованиям цифровой экономики. Делается вывод о том, что развитие информационно-коммуникационных технологий приводит к существенным изменениям на рынке труда и требует постоянного совершенствования системы стимулирования персонала.

**Ключевые слова:** цифровизация экономики, мотивация работников, человеческие ресурсы, цифровые технологии, рынок труда, эффективность труда, управление персоналом, материальная и нематериальная мотивация

**Annotation.** The article is devoted to the analysis of employee motivation problems in the context of the digitalization of the economy. It examines the impact of digital technologies on management systems, labor relations, and enterprise performance. The authors justify the need to improve motivation mechanisms, including a combination of material and non-material incentives, and emphasize the importance of adapting employees' skills to the new requirements of the digital economy. It is concluded that the development of information and communication technologies leads to significant changes in the labor market and requires continuous improvement of employee motivation systems.

**Keywords:** digitalization of the economy, employee motivation, human resources, digital technologies, labor market, labor efficiency, personnel management, material and non-material incentives.

Усулҳои бисёри кор бо маълумотҳо, алоқамандии ташкилдиҳандаҳоро натанҳо дар давлатҳои алоҳида балки дар минтақаҳои алоҳида дигаргун намудааст. Яке аз ташкилдиҳандаҳои асосии низоми иқтисодиёт, ки тағйир ёфтааст - ин муаммои ҳавасмандгардонии коргарон дар шароити нав ба ҳисоб меравад.

Меҳнати ҳайати корӣ ва пардохти музди меҳнати адолатонаи кор ҳамавақт вазифаи мушкил ба ҳисоб мерафт, ки бо усулҳои гуногун вобаста аз шарти кор ва хусусияти соҳа ҳал карда мешуд. То пайдоиши технологияҳои муоширатию – маълумотӣ ва оғози рақамикунонии иқтисодиёт, ҳавасмандгардонии коргарон аз рӯи меъёрҳои кӯҳна, ки дар тӯли чандин даҳсолаҳо сохташудааст амалӣ карда мешуд.

Иқтисодиёти муосир бо хосияти истифодаи назарраси технологияҳои гуногуни пешрафта, ки дар тағйирёбии доими қарор доранд. Бинобар ин болоравии иқтисодии соҳа ё корхонаҳои алоҳида бо захираҳои инсонӣ сахт алоқаманд мебошад, ки дар натиҷа объекти калидии сармоягузории молиявӣ мешаванд. Корхонаҳои муосир новобаста аз намуди фаъолияташон дар даҳсолаи охир ба чунин хулоса омадаанд, ки танҳо сармоягузории инсонӣ ҷоеро ишғол менамояд, ки аз рӯи муҳиммияташ баробар ба ҳамаи захираҳои масолеҳии корхона мебошад [1].

Хусусияти ҳалли муаммои ҳавасмандгардонии коргарон дар шароити муосир чунин мебошад, ки идоракунандаи ташкилот бояд низоми чандирии салоҳиятро байни ҳайати

коргарон ташаккул намояд, ки мақсад ва талаботи онҳоро ба назар мегирад. Баҳисобгирии рушди саллоҳияти коргарон аз он ҳисоб муҳим мебошад, ки рақамикунонии иқтисодӣ талаботҳои баландро ба саллоҳияти маълумотии коргарон талаб менамояд. Нисбатан донишои нав гирифта шуда барои кор дар як қатор вазифаҳо кофӣ мебошад. Дар шароити нав коргар бояд бе фосила дар давоми фаъолияти худ таълим гирад.

Тағйирёбии талаботҳо нисбати коргар ба тағйирёбии чунин ҳодисаҳои ҳамроҳӣ ба монанди:

- таркиб ва хосияти машғулияти коркар;
- талаботе, ки ба ҷои кори пешниҳодшуда;
- рафтори коргар.

Рақамикунонии фаъолияти коркгар ба он оварда мерасонад, ки ҳавасмандгардонии модди ҳамчун яке аз усулҳои ҳавасмандгардонии ҳайяти коргарон ба ҳисоб меравад, тадриҷан муҳҳимият ва аҳамияти худро гум менамояд. Дар шароити муосири нимзоми ҳавасмандгардони бояд ба рушди шахсияти коргар аҳамият дода шавад. Сифатҳои шахсӣ ва қобилият, қибилият ба кори дастаҷамъӣ, фиркронии танқидӣ, муошират ва қобилияти меҳнат яке аз хусусиятҳои коргар ба ҳисоб меравад, ки ҳам барои иқтисодиёт ва ҳам барои ҷамъият зарур мебошад.

Натиҷаи тағйирот ба талаботи ҷамъият ва иқтисодиёт ин зарурияти ивази низоми ҳавасмандгардонӣ ба шумор рафта, ки бояд алоқамандии ҳавасмандгардонии модди ва маънавии коргарро қонеъ гардонад. Равандҳое, ки дар шароити корӣ ба амал меояд ба он оварда мерасонад, ки мушкилии ҷисмонии кор кам шуда ва талаботҳои муоширатии коргарон алоқаманднамоии талимгирӣ ва корро талаб менамояд.

Яке аз тағйиротҳо дар кори коргарон аз он иборат аст, ки рақамигардонӣ ба тағйирёбии ҳавасмандгардонии хосияти кор оварда мерасонад. Баландравии ҳосилнокии меҳнат бо таври назаррас боло рафта ва якрангии он дар аксари фаъолиятҳо коҳиш меебад. Ҳамчунин дар ин ҳолат кори фосилавӣ ба болоравии талабот ба худташкилкунӣ ва масъулият оварда мерсонад.

Корхонаҳои хусусии тиҷоратӣ назар ба корхонаҳои давлатӣ чунин субъектҳои иқтисодӣ мебошад, ки мустақилона низоми ҳавасмандгардонии фаъолияти коргаронро ташкил диҳанд. Аксарияти корхонаҳои тиҷоратие, ки дар зери таъсири рақамикунонӣ ё дар соҳаи технологияҳои маълмотӣ фаъолият мебаранд ба он хулосаи зарурияти бозгашт аз низомҳои анъанавии ҳавасмандгардонии коргарон омадаанд.

Музди меҳнати пардохткарда ба коргар, ки саҳмгузории коргарро ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти корхона мегузорад инъикос меёбад, вале на дар ҳама ҳолат патенсиал ва сифати коргарро ба назар намегирад. Дар натиҷа на ҳама вақт имконияти ба таври наззарс ҳал намудани самаранокии ҳавасмандгардонии коргарро ҳал кардан мумкин аст. Ҳалли ин масъала метавонад чунин шакли ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ҳамчун низоми иқтисодии мукофотпулӣ бошад.

Бисёри олимон ба чунин хулосае омадаанд, ки таваҷҷӯҳи максималии коргар ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти корхона бо роҳи алоқамандкунии ҳаҷми мукофотпулӣ бо даромади гирифташуда ба даст овардан мумкин аст. Ин алоқаманди маҳз ин нишондиҳанда хосияти ягонаи кори корхонаро муайян менамояд, ки баҳодиҳии сифат ва шумораи кори иҷрошударо имкон медиҳад. Танҳо даромади бадастомада метавон ҳамчун параметри иқтисодӣ бақайд гирифтан мумкин аст. Ан ин рӯ ҳаҷми мукофотпулие, ки коргар ба даст меорад аз даромад вобаст аст.

Ҳамчуноне, ки ҳаҷми фонди ҳавасмандгардонӣ бо даромади ба даст овардашуда ҳамчун аз қисми ин даромад бевосита алоқаманд мебошад, он гоҳ ҳавасмандгардони ба намуди мукофотпулӣ барои як коргар метавон бо роҳи кам намудани ҳавасмандгардонии мукофотпулии дигар коргар ба роҳ монда шавад. Яке аз усулҳои баҳодии самаранокии кори коргар ин ташаккули интегралии баҳодии рушди коргар, ки бо роҳи баҳодии натиҷаи кории фаъолияти коргар мебошад [2].

Дар ҳолати истифодабарии ин низом ҳаҷми мукофотпулӣ аз ҳаҷми музди меҳнат ҳисоб намуда мешавад, ки бо сифат ва шумораи кори инфиродӣ алоқаманд нест. Ҳар як коргар танҳо аз натиҷаи ҳақиқии кор мукофотпулӣ ба даст меорад, ки бавоситаи даромади корхона алоқаманд мебошад. Ин қисми ҳавасмандгардони аз ҳаҷми даромади корхона вобастаги дорад. Мақсади чунин ташкилдиҳанда ин зарурият ба ҳавасмандкунонии коргар бо натиҷаи ниҳоии фаъолияти ҳайёт мебошад.

Ҳамзамон мукофотпулӣ дорои қисми дуюм мебошад, ки мақсади асосии он ин ҳамҷоякунонии натиҷаи фаъолияти коргари муайян ва ҳаҷми ҳавасмандкунонӣ ба ҳисоб меравад. Ин қисми мукофотпулӣ бекафолат буда вале аз натиҷаи баҳодии кори инфиродии коргар вобастаги дорад.

Ташкилот ва коргар дар шароити нави иқтисодӣ барои сохтани мувозинат байни ҳавасмандгардонии молиявӣ ва моддӣ манфитдоранд. Чун, ки коргар дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт тадриҷан барои рушди корхона иштирокчӣ ва шарик мешавад.

Сабаби асоси аҳамиятнокии қисми дуюми ҳавасмандгардонӣ ин асосҳои рванди рақамикунонии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Раванди ҷори намудани технологияҳои информатсионӣ-коммуникатсионӣ нисбат ба тағйирёбии муҳити корӣ зудтар ба амал меояд. Рушди муҳити кори доимӣ мебошад [3].

Асоси рақамикунонии иқтисодиёт ва корхонаҳои алоҳида ин доштани салоҳиятҳои рақамии коргарон, ки азхудкуни ва ҷоринамудани он як муддат вақт ва ҳаракати коргарро талаб менамояд. Маҳз охирон дар ҷаҳони муосир барои коргар муаммо мебошад. Ҷаҳони муосир ба он хос мебошад, ки хайёти одам мобилӣ шуда суръати равандҳое, ки дар атрофи инсон рух медиҳанд рушд ёдтаанд. Рушди суръати ҳайёт ба он оварда мерасонад, ки коргар ба муаммои пайдо намудани вақти иловагӣ барои аз худ намоии маҳоратҳои нав рӯ ба рӯ мешавад. Бинобар ин корхонае, ки барои фаъолияти ояндаи худ ҳаракат мекунад бояд имконниятҳоро на танҳо барои таъмини шароити кор балки омӯзонидани технологияи нав барои ҳавасмандкунони азхуднамоии маҳоратҳои нав пайдо намояд.

Технологияҳои нави ҳозирзамони иқтисодиёт дар поя худ зеҳни сунъӣ, коркарди маълумотҳои зиёд, роботикунонӣ ва ба монанди инҳо дигар технологияҳои навро доранд. Истифодаи бошуоронаи ин технологияҳо имконият медиҳад, ки дар бозор бо дигар корхонаҳои рақобапазир шавад. Ин бартариятҳо дар ташкилдиҳандаҳои гуногуни кори корхона амалӣ кара шаванд. Натиҷаи ин раванд ба он оварда мерасонад, ки самараи иқтисодии конкретие пайдо мешавад, ки ба рушди корхона мусби таъсир мерасонад[4].

Раванди ҷори намудани технологияҳои гуногун ва самараи ба даст омада метавонад ба азнавнамоии фаъолияти корхона оварда расонад. Дар ин ҳолат низоми идоракунӣ ва ҳавасмандгардонии захираҳои инсонӣ муҳимиятро пайдо менамояд. Чун алоқамандкунонии босамараи инсон ва технологияҳои нав кафили фаъолияти бомуваффақи корхона мебошад[5].

Корхона бояд барои ташакулли маҳорати истифодаи технологияҳои рақамӣ роҳандози намояд. Рушди ҳар як коргар дар муҳити технологияи рақамӣ барои нигоҳдории кадрҳои

баландихтисос, ки метавонанд ҳосилнокии меҳнатро нигоҳ доранд, бояд кӯшиш кунанд. Ин кадрҳоро бояд доимо рушд ва таълим дод, барои он, ки раванди рақамикунони доимо аз коргар омӯхтани донишҳои навро талаб менамояд. Чунон, ки ҳайати корие, ки доимо аз технологияҳои нав намеомӯзад, сатҳи ихтисоси худро гум мекунад ва дар натиҷа усулҳои корие, ки онҳо метавонад ба кори корхона манфӣ таъсир намояд.

Раванди рақамикунонии иқтисодиёт аз корхона азнавкунонии низоми ҳавасмандкунонии коргарро талаб менамояд. Ҳавасмандгардонии фаъолияти коргар ба ҳавасмандгардонии модди ивваз карда мешавад. Коргари корхона дар шароити рақамикунонӣ бояд доимо малака ва дониши худро рушд диҳад. Он гоҳ вақт барои аз худ кунии технологияи нав намерасад.

Дар пеши корхонаҳо вазифа истодааст, ки комплекси ҳавасмандгардониҳо созанд, ки нақшҳои гуногун барои коргарони гуногун дошта бошад.

Ҳавасмандгардонии модии коргарон метавонад ҷои асосиро дар раванди ҳавасмандгардонии фаъолияти коргарон ишғол намояд. Бояд натиҷаи фаъолияти ҳар як коргарро ба назар гирифт.

**Адабиёт:**

1. Быков А.А. Торговля добавленной стоимотью: источник сбалансированного экономического роста / А.А.Быков О.Д. Колб Т.В. Хвалько; под ред. А.А. Быкова. – Минск, Мисанта, 2017. – 356 с.
2. Навик И.И. Методика оценки организационного развития персонала // Журнал “Вестник БГЭУ”.-Минск: Изд. “БГЭУ”, 2020.-С.35-42.
3. Головенчик Г.Г. Трансформация рынка труда в цифровой экономике / Г.Г. Головенчик // Цировая трасформация. – 2018. - №4 (5). – С. 27-43.
4. Дигилина О.Б., Тесленко И.Б. Трансформация рынка труда в условиях цифровизация // Вестник РГТУ. Серия “Экономика. Управоение. Право” - 2019 - №4. С. 166-181.
5. Тебекин А.В. Задача Совершенствования механизмов функционирования хозяйственных образований в легой промышленноти за счет использования технологий цифровой экономики / АВ Тебекин // Маркетинг и логистика – 2018 - №4 (18) – С. 63-74

**Маълумот дар бораи муаллиф/Сведения об авторе/Information about the author:**

**Шарифова Д.М.**, н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёти ракамии Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, вилояти Хатлон Ҷумҳурии Тоҷикистон. **Суроға:** 735360, ш.Кӯлоб, Ҷумхурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон маҳаллаи Борбад 9. E-mail sharifova19@bk.ru Тел: +992918353579

**Ашурова Д.Х.**, ассистенти кафедраи иқтисодиёти ракамии Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, вилояти Хатлон Ҷумҳурии Тоҷикистон. **Суроға:** 735360, ш.Кӯлоб, Ҷумхурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, маҳаллаи Борбад 9. E-mail davlatbi86@gmail.com. Тел: +992985436672

**Шарифова Д.М.,** доцент кафедры цифровой экономики Таджикского университета инноваций и цифровых технологий, г. Куляб, Хатлонская область, Республика Таджикистан. **Адрес:** 735360, г. Куляб, Республика Таджикистан, Хатлонская область, улица Борбад 9. E-mail: sharifova19@bk.ru Тел.: +992 918353579

**Ашурова Д.Х.,** ассистент кафедры цифровой экономики Таджикского университета инноваций и цифровых технологий, г. Куляб, Хатлонская область, Республика Таджикистан.

**Адрес:** 735360, г. Куляб, Республика Таджикистан, Хатлонская область, махалля Борбад 9. E-mail: davlatbi86@gmail.com. Тел.: +992 985435572

**Sharifova D.M.**, associate Professor of the Department of Digital Economy, Tajik University of Innovation and Digital Technologies, Kulob, Khatlon Region, Republic of Tajikistan. **Address:** 735360, Kulob, Khatlon Region, Republic of Tajikistan, Borbad avenue 9. E-mail: sharifova19@bk.ru Tel.: +992 918353579

**Ashurova D.Kh.**, assistant of the Department of Digital Economy, Tajik University of Innovation and Digital Technologies, Kulob, Khatlon Region, Republic of Tajikistan. **Address:** 735360, Kulob, Khatlon Region, Republic of Tajikistan, E- mail: davlatbi86@gmail.com. Tel.: +992 985435572

# ЦИФРОВИЗАЦИЯ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ СРЕДЫ КАК ФАКТОР УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОЙ ЭКОНОМИКИ (СЭЗ «КУЛЯБ»)

**Рахимова Х.М.**
*Университет инноваций и цифровых технологий Таджикистана*

**Аннотация.** В условиях глобальной цифровизации экономики и развития свободных экономических зон особое значение приобретает цифровизация образовательной среды как инструмент подготовки квалифицированных кадров для промышленного сектора. В СЭЗ «Куляб» этот процесс становится критически важным, поскольку от уровня компетентности специалистов напрямую зависит устойчивость и эффективность работы промышленных предприятий. В статье анализируются современные подходы к внедрению цифровых технологий в образовательный процесс, включая использование электронных платформ, онлайн-курсов, виртуальных лабораторий, симуляторов и дистанционного обучения. Особое внимание уделяется интеграции образовательных программ с потребностями промышленного сектора, развитию практико-ориентированных методов обучения, формированию цифровых компетенций студентов и подготовке их к работе с инновационными технологиями. Также рассматриваются преимущества и вызовы цифровизации образовательной среды, такие как ускорение процесса обучения, повышение качества подготовки кадров, сокращение разрыва между теорией и практикой, а также необходимость постоянного обновления учебных программ. Анализ показывает, что системная цифровизация образовательной среды способствует повышению профессиональной компетентности специалистов, формированию инновационной культуры и укреплению устойчивости промышленной экономики СЭЗ «Куляб».

**Ключевые слова***:* цифровизация, образовательная среда, устойчивое развитие, промышленная экономика, подготовка кадров, СЭЗ «Куляб», электронное обучение, инновационные технологии, практико-ориентированное обучение.

**Аннотатсия.** Дар шароити ҷаҳонишавии рақамисозии иқтисод ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ, рақамисозии муҳити таълимӣ ҳамчун воситаи муҳими тайёр намудани кадрҳои баландихтисос барои бахши саноат аҳамияти махсус пайдо мекунад. Дар минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» ин раванд аҳамияти калидӣ касб менамояд, зеро сатҳи салоҳиятнокии мутахассисон бевосита ба устуворӣ ва самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ таъсир мерасонад. Дар мақола усулҳои муосири татбиқи технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим мавриди таҳлил қарор дода мешаванд, аз ҷумла истифодаи платформаҳои

электронии таълимӣ, курсҳои онлайн, лабораторияҳои виртуалӣ, симуляторҳо ва таълими фосилавӣ. Диққати махсус ба ҳамгироии барномаҳои таълимӣ бо талаботи бахши саноат, рушди усулҳои таълими амалӣ-равишӣ, ташаккули салоҳиятҳои рақамии донишҷӯён ва омодасозии онҳо барои кор бо технологияҳои инноватсионӣ равона шудааст. Ҳамчунин, афзалиятҳо ва мушкилоти рақамисозии муҳити таълимӣ баррасӣ мешаванд, аз ҷумла суръатбахшии раванди таълим, баланд бардоштани сифати тайёр кардани кадрҳо, кам кардани фарқият байни назария ва амалия, инчунин зарурати навсозии доимии барномаҳои таълимӣ. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки рақамисозии низомноки муҳити таълимӣ ба баланд шудани салоҳиятнокии касбии мутахассисон, ташаккули фарҳанги инноватсионӣ ва таҳкими рушди устувори иқтисоди саноатии МОИ «Кӯлоб» мусоидат менамояд.

**Калидвожаҳо:** рақамисозӣ, муҳити таълимӣ, рушди устувор, иқтисоди саноатӣ, тайёр кардани кадрҳо, МОИ «Кӯлоб», таълими электронӣ, технологияҳои инноватсионӣ, таълими амалӣ-равишӣ.

**Abstract.** In the context of global digitalization of the economy and the development of free economic zones, the digitalization of the educational environment is becoming an important tool for training qualified personnel for the industrial sector. In the Kulyab Free Economic Zone (FEZ), this process is of critical importance, as the level of specialists' competence directly affects the sustainability and efficiency of industrial enterprises. The article analyzes modern approaches to the implementation of digital technologies in the educational process, including the use of electronic learning platforms, online courses, virtual laboratories, simulators, and distance learning. Particular attention is paid to the integration of educational programs with the needs of the industrial sector, the development of practice-oriented learning methods, the formation of students' digital competencies, and their preparation for working with innovative technologies. The advantages and challenges of digitalizing the educational environment are also considered, such as accelerating the learning process, improving the quality of personnel training, reducing the gap between theory and practice, and the need for continuous updating of educational programs. The analysis shows that systematic digitalization of the educational environment contributes to improving professional competencies, fostering an innovation culture, and strengthening the sustainable development of the industrial economy in the Kulyab FEZ.

**Keywords:** digitalization, educational environment, sustainable development, industrial economy, personnel training, Kulyab FEZ, e-learning, innovative technologies, practice-oriented learning.

В последние десятилетия мировая экономика претерпевает значительные изменения, связанные с глобализацией, стремительным развитием цифровых технологий и усилением конкуренции на международных рынках. В таких условиях устойчивое развитие промышленности становится одной из ключевых задач для стран, стремящихся укрепить свою экономическую позицию и улучшить качество жизни своих граждан. Одним из эффективных механизмов, способствующих ускорению экономического роста, является создание свободных экономических зон (СЭЗ). Эти особые территории, выделенные для стимулирования бизнеса и привлечения иностранных инвестиций, предоставляют предприятиям уникальные льготы и привилегии, что позволяет значительно снизить издержки и ускорить процессы индустриализации.

Свободные экономические зоны стали важным инструментом не только для привлечения капитала, но и для ускоренной модернизации промышленности. Они

обеспечивают предпринимателям и инвесторам выгодные условия для ведения деятельности, включая налоговые и таможенные льготы, снижение административных барьеров, а также более гибкие трудовые и визовые режимы[1, с.256]. В условиях глобальной конкуренции СЭЗ позволяют регионам выделяться на фоне других экономических пространств и становиться привлекательными для инноваций, технологий и современных производственных процессов. Важно отметить, что успешная работа таких зон не возможна без подготовленных кадров, способных эффективно работать с новыми технологиями, адаптироваться к изменениям и создавать инновационные производственные решения.

Одним из важнейших аспектов функционирования СЭЗ является подготовка квалифицированных специалистов, что особенно актуально для промышленных секторов, ориентированных на инновации и высокие технологии. В условиях стремительного развития цифровых технологий и внедрения автоматизации, особое значение приобретает цифровизация образовательной среды, которая становится основным инструментом подготовки кадров для устойчивого развития промышленности. В этой связи системы образования, функционирующие в СЭЗ, должны быть ориентированы на внедрение новых образовательных форматов, использование цифровых платформ и активное применение виртуальных технологий, чтобы соответствовать высоким требованиям современного производства.

Свободная экономическая зона «Куляб», расположенная в Республике Таджикистан, является ярким примером такого экономического механизма, где цифровизация образовательной среды играет ключевую роль в обеспечении устойчивого развития промышленной экономики региона. [2, с.104] В рамках СЭЗ «Куляб» особое внимание уделяется не только созданию инфраструктуры для производства, но и подготовке кадров, которые могут эффективно работать с инновационными технологиями, обеспечивать устойчивость и производительность предприятий. Важно отметить, что в этом случае цифровизация образовательной среды становится необходимым фактором, обеспечивающим высокую квалификацию специалистов, готовых к внедрению новых технологических решений и управлению современными производственными процессами.

С помощью интеграции цифровых образовательных технологий, таких как электронные образовательные платформы, дистанционные курсы, виртуальные лаборатории и симуляторы, образовательные учреждения в СЭЗ «Куляб» могут значительно улучшить качество обучения, ускорить процесс подготовки кадров и сократить разрыв между теоретическими знаниями и практическими требованиями промышленности. Цифровизация образования способствует не только улучшению качества учебного процесса, но и повышению гибкости образовательных программ, что позволяет быстрее реагировать на изменения в потребностях рынка труда и технологической ситуации[3, с.254].

Исследования показывают, что образовательные учреждения, внедрившие цифровые технологии, повышают успеваемость студентов в среднем на 15–25%, а уровень практических навыков — на 20–30% по сравнению с традиционным обучением. Например, использование виртуальных симуляторов в инженерных дисциплинах позволяет студентам моделировать производственные процессы без реального оборудования, что экономит время и снижает затраты на обучение. [4, с. 36]

Подготовка квалифицированных кадров является стратегическим фактором устойчивого развития промышленности. В СЭЗ «Куляб» внедрение цифровых технологий в

образовательный процесс обеспечивает формирование компетенций, необходимых для работы с современными производственными системами и инновационными технологиями. Цифровизация позволяет сократить разрыв между образовательной программой и реальными потребностями промышленного сектора, обеспечивая специалистов актуальными знаниями и практическими навыками. Особое внимание уделяется развитию цифровой грамотности, навыков работы с автоматизированными системами и пониманию принципов функционирования современных производственных процессов. Использование виртуальных лабораторий и симуляторов позволяет студентам моделировать производственные операции, анализировать результаты и принимать решения в условиях, максимально приближенных к реальным. [5, с.162] Так, в рамках пилотного внедрения цифровой платформы EduTech Pro на инженерных факультетах были отмечены следующие результаты:

- Ускорение освоения учебного материала на 18%,
- Рост практических навыков у студентов, измеренный по итогам лабораторных работ, — на 22%,
- Увеличение числа успешно завершивших стажировки на предприятиях СЭЗ — на 27%.

Это подтверждает, что цифровые инструменты повышают эффективность подготовки кадров и улучшают их готовность к профессиональной деятельности в промышленном секторе.

Эффективное взаимодействие образовательных учреждений и промышленных предприятий является ключевым элементом устойчивого развития экономики в рамках СЭЗ. В «Куляб» создаются программы стажировок, практических проектов и совместных исследований, которые позволяют студентам применять знания на практике и формировать профессиональные навыки, соответствующие текущим потребностям промышленного сектора. Цифровизация образовательной среды усиливает этот процесс, обеспечивая доступ к современным информационным ресурсам, инновационным методикам обучения и удалённым образовательным платформам. Студенты получают возможность участвовать в интерактивных курсах, дистанционных тренингах и проектах с промышленными предприятиями, что ускоряет подготовку квалифицированных кадров и повышает их готовность к внедрению инновационных решений[6, с.29].

Внедрение цифровых технологий в образовательный процесс способствует формированию высококвалифицированного кадрового потенциала, что напрямую влияет на устойчивое развитие промышленности. Высокий уровень подготовки специалистов обеспечивает предприятиям возможность эффективно использовать инновационные технологии, оптимизировать производственные процессы и поддерживать конкурентоспособность на рынке. Кроме того, цифровизация образовательной среды способствует формированию инновационной культуры среди студентов и молодых специалистов, развивает критическое мышление, способность к решению сложных задач и готовность к постоянному обучению. Это особенно важно для СЭЗ «Куляб», где промышленная экономика активно развивается и требует гибких кадровых решений, способных адаптироваться к изменяющимся технологическим и рыночным условиям.

Несмотря на положительные результаты, существуют и объективные сложности:

1. Недостаток технической инфраструктуры — до 2024 года около 30% образовательных учреждений региона не были оснащены качественными компьютерами или стабильным интернетом.
2. Кадровый дефицит преподавателей, владеющих ИКТ-инструментами — цифровую компетентность имеют лишь порядка 45% педагогов.
3. Отставание программ от запросов производства — только 33% учебных дисциплин включают практические элементы, используемые на современных предприятиях[7, с.47].

Для решения этих проблем в СЭЗ «Куляб» разрабатываются планы по обновлению инфраструктуры, регулярным курсам повышения квалификации педагогов и совместной работе университетов и предприятий по адаптации учебных программ.

Таким образом, цифровизация образовательной среды выступает не только как инструмент повышения качества подготовки кадров, но и как стратегический механизм, способствующий формированию устойчивой, инновационной и высокоэффективной промышленной экономики в рамках СЭЗ «Куляб».

**Литература:**

1. Гаврилова, И.В. Свободные экономические зоны: практика и теория развития. — СПб.: Питер, 2019. — 256 с.
2. Рахимова, Х. М. Эффективность цифровых решений в управлении инвестиционной деятельностью свободных экономических зон / Х. М. Рахимова // Наука и технология XXI века. – 2025. – № 1(15). – С. 103-110. – EDN MULCWN.
3. Щербакова, А.А. Инновационные образовательные технологии в условиях цифровой экономики. — Екатеринбург: УрФУ, 2020. — 254 с.
4. Иванова Н.В. Виртуальные лаборатории как средство повышения профессиональных компетенций студентов // Педагогика и информационные технологии. — 2022. — № 1. — С. 34-42.
5. Zydney J.M., Warner Z., Nicolaidou I., deGrazia J. Virtual laboratory experiences in engineering education: A meta-analysis of learning outcomes // Computers & Education. — 2021. — Vol. 162. — Article 104079.
6. Петрова, Е.Б. Цифровизация образовательной среды и успехи студентов: аналитический обзор // Инновационные технологии в образовании. — 2021. — № 8. — С. 23–36.
7. Назарова М. Цифровые технологии и подготовка кадров для промышленности // Вестник экономики и управления. — 2022. — № 4. — С. 45–53.

**Маълумот дар бораи муаллиф/Сведения об авторе/Information about the author:**

**Раҳимова Ҳусния Мирзолатифовна** – муаллимаи калони кафедраи идораи молияи Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон, Тел.: (992) 987-78-78-00, E-mail: husia.95@mail.ru.

**Рахимова Хусния Мирзолатифовна** – старший преподаватель кафедры управление финансов Университет инноваций и цифровых технологий Таджикистана, Тел.: (992) 987-78-78-00, E-mail: husia.95@mail.ru.

## ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХӢ, ИҚТИСОДӢ ВА ҲУҚУҚИИ РУШДИ ҶОМЕА
## HISTORIC, ECONOMIC AND LEGAL ASPECTS OF SOCIETY DEVELOPMENT

**Rakhimova Khusniya Mirzolatifovna** – Senior Lecturer of the Department of Financial Management, University of Innovation and Digital Technologies of Tajikistan, Tel.: (992) 987-78-78-00, E-mail: husia.95@mail.ru.

### ҲУНАРҲОИ ЗАНОНА РАВШАНГАРИ САНЪАТИ МИЛЛӢ

**Мирзоева Б. И.**
*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

**Анататсия.** Дар мақолаи мазкур заминаҳои пайдоиши касбу ҳунарҳои занонаи тоҷикӣ ва тайёрии омӯзгорони технология ва соҳибкорӣ мавриди назар омадааст. Инчунин дар замони муосир дастгирии занон оид ба ҳунарҳои мардумӣ аз тарафи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле назаррас аст. Омода намудани омӯзгорони таълими меҳнат оид ба ҳунарҳои мардумӣ як ҷузъи таркибии соҳаи педагогика ба шумор меравад. Нуқтаи дигари мазмуни мақола дар он ифода меёбад, ки саҳми оилаҳои ҳунарманд оид ба тарбияи ҳунаромӯзии фарзандонмавриди таҳлил қарор гирифт. Дар асоси заминаҳои пайдоиши касбу ҳунарҳои мардумӣ ва аз нав эҳё гардидани онҳо иттилоъ медиҳад. Инчунин, дар бораи санъати чакандӯзӣ ва нигоҳ доштани нигораҳо ва нақошиҳои ин санъати ҷаҳонӣ рӯшанӣ меандозад. Барои аҳли ҷомеа, хусусан ҷавонон оид ба ҳунарҳои дастии халқӣ ҳамчун замина хизмат хоҳад кард. Дар мақолаи мазкур оид ба тарбияи меҳнатии одамон аз асрҳои қадим то ба ҳол маводҳои зиёди илмӣ-таърихи ба таври мухтасар оварда шудааст.Инчунин, дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷорӣ кардани принсипҳои нави таълиму тарбияро асоси воқеӣ ҳисобида, тавсияҳои илмию педагогӣ додаст.

Дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ ба касбу ҳунар тарбия намудани насли наврас яке аз омилҳои тарбияи меҳнатӣ, зебопарастӣ, лоиҳакашӣ, ихтироот ба шумор меравад. Доир ба таърихи гузаштаи хеш, ки дар замони Кушониён роҳҳои тиҷорат« Роҳи абрешим» аз Осиёи Миёна мегузашт ва мамлакати Римро бо худ мепайваст маълумоти саҳеҳ медиҳад. Мақсади мақола дар он ифода меёбад, ки бояд мо омӯзгорон, аҳли ҷомеъа ҷавононро дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ, қадр кардани ёдгориҳои таърихӣ, урфу одат, қадр кардани меҳнати падару модар, дасти ёрӣ дароз кардан тарбия намоем. Осори боқимондаи Ориёиҳо, ки онҳо дар сохтани ашёҳои гуногуни рӯзгор таҷрибаи хеле зиёд доштанд ва гузашта аз ин, аз омӯзиши илм низ бархурдор буданд огаҳӣ медиҳанд.

**Аннотация.** В данной статье автор рассматривает истоки таджикских женских профессий и подготовку учителей технологий и предпринимательства. Также в современное время очень значима поддержка женщин,занимаюшихся народными промыслами со стороны Президента страны Эмомали Рахмона. Подготовка учителей народных художественных промыслов является неотъемлемой частью педагогики. Еще одним моментом статьи является то, что был проанализирован вклад ремесленных семей в обучение детей ремеслам. Приводятся сведения на основе возникновения народных промыслов и их возрождения. Также статья проливает свет на искусство вышивки и сохранение картин и рисунков этого мирового искусства. Она послужит основой для ознакомления общественности, особенно молодежи, с ремеслами. В данной статье обобщены многие научно-исторические материалы по трудовому воспитанию людей с древнейших времен до наших дней. Автор также считает реальной основой внедрение новых принципов обучения в общеобразовательных школах и дает научно-педагогические

рекомендации. Воспитание подрастающего поколения в духе трудолюбия и профессионализма является одним из факторов трудового воспитания, красоты, дизайна, изобретательства. В статье дается точное описание его прошлой истории в кушанский период, когда Шелковый путь проходил через Среднюю Азию и соединял с ней Рим. Цель статьи состоит в том, что мы, педагоги и представители общественности, должны воспитывать молодежь в духе трудолюбия, уважения к историческим памятникам, традициям, признания труда родителей, помощи. Остальные арийские артефакты показывают, что они имели большой опыт в конструировании различных предметов быта, а также занимались наукой.

**Annotation.** This article examines the origins of Tajik women's professions and the training of technology and entrepreneurship teachers. Also in modern times, the support of women in folk crafts from the President of the country Emomali Rahmon is very significant. The training of teachers of folk arts and crafts is an integral part of pedagogy. Another point of the article is that the contribution of craft families to teaching crafts to children was analyzed. Information is given on the basis of the emergence of folk crafts and their revival. It also sheds light on the art of embroidery and the preservation of paintings and drawings of this world art. It will serve as a basis for acquainting the public, especially young people, with crafts. This article summarizes many scientific and historical materials on the labor education of people from ancient times to the present day. He also considered the introduction of new teaching principles in secondary schools as a real basis and gave scientific and pedagogical recommendations. Education of the younger generation in the spirit of diligence and professionalism is one of the factors of labor education, beauty, design, invention. He gives an accurate description of its past history during the Kushan period, when the Silk Road passed through Central Asia and connected Rome with it. The purpose of the article is that we, teachers and members of the public, should educate young people in the spirit of hard work, respect for historical monuments, traditions, recognition of the work of parents, and help. The rest of the Aryan artifacts show that they had extensive experience in designing various household items, and were also engaged in science.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат,Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси олии мамлакат ишора намуда,чунин гуфтаанд: «Касе, ки илму дониш ва касбу ҳунар дорад, дар зиндагӣ ҳаргиз хору зор ва ба касе муҳтоҷ намешавад ва умри бобаракат мебинад»[4 .1 с].

Касбу ҳунаромӯзӣ омили пешрафти тарбияи меҳнатӣ ва зебоипарастии наврасону ҷавонон мегардад.

Инсон дар тули зиндагии хеш касберо аз бар кард ва имрӯз онро бо технологияи навин алоқаманд намуд.Албатта ҳар як ихтироот ва ё навгонӣ лоиҳаҳои инноватсиониро рӯи кор овард. Агар ин истеъдодҳои пурарзишро алоқаманд намоем бо зеҳни сунъӣ ба мақсад мувофиқ мегардад.Масалан касби дӯзандагӣ ва чакандӯзиро тариқи технология коркард кунем вақтро кам мегирад ва талабот нисбат ба ин зиёдтар мешавад. барои беҳтар намудани сатҳи зиндагии худ заминаи муносиб фароҳам оварад ва ба меҳнату заҳмати ҳалол умр ба сар бурда, неъматҳои зиндагиро афзун намояд ва дар рушду нумӯи ҷомеа ҳиссагузор гардад. Яке аз хусусиятҳои тайёрии касбии муаллимони ҷавон аз он иборат аст, ки амалияи эҷодӣ-инфиродии донишҷӯён дар шакли пурсиши умумӣ дар семинарҳо ва вазифаҳои мустақил гузаронида мешавад. Дар як қатор давлатҳо аз ҷумла, Туркманистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Арманистон ва Федератсияи Русия роҳҳои ҳалли ҷанбаҳои гуногуни этнопедагогика ва

амалисозии он дар раванди таълимӣ-тарбиявӣ ҷустуҷӯ карда мешавад. Бо вуҷуди ин, корҳои илмӣ таҳқиқотӣ, инноватсионӣ ва зеҳни сунъӣ дар байни донишҷӯён ва ҷавонон кам ба назар мерасанд.

Дар самтҳои асосии ташаккули маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020 ҷалби бошууронаи насли нави ҷавон ба раванди омӯзиш ва интиқоли анъанаҳои мардумӣ, иштироки онҳо дар ҳунарҳои мардумӣ ва санъати халқӣ бо мақсади нигоҳдорӣ ва таъмини мониторинги мероси фарҳангии халқи тоҷик таъкид гардидааст.

Тайёр намудани муаллимони технологияҳои махсус ва алоқамандии он ба зеҳни сунъӣ дар асоси анъанаҳои халқӣ вобаста ба талаботи таҷрибаи оммавии таҳсилоти мактабӣ мебошад. Асосан, кӯдакон табиатан ба санъати мардумӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, ки ин дар фаъолияти эҷодии онҳо ба таври равшан ва осон амалӣ мегардад. Ҳамин тариқ, барои таҳияи заминаи илмӣ ва методологии асосҳои тайёр намудани омӯзгори ояндаи технология ва алоқамандӣ бо зехни сунъӣ дар фаъолияти касбии педагогӣ зарур мебошад.

Ба таври назариявӣ ва амалӣ тасдиқ намудани воситаҳои самараноки педагогии омӯзиши касбу ҳунарҳои мардумӣ, ки ба тайёр намудани муаллимони ояндаи технология ва бо алоқамандӣ бо зеҳни сунъӣ бо дарназардошти ҷиҳатҳои таърихӣ ва педагогӣ таъсир мерасонанд.

Омодасозии муаллимони ояндаи технология бо алоқамандии зеҳни сунъӣ дар шароити муосир самараноктар ҷараён мегирад, агар:

- давомдорӣ ва муназзамии таъсироти зеҳнӣ ва ҳиссиётӣ ба таҷрибаи омодасозии омӯзгорони технологияҳои махсус ва ба воситаи технологияи муосир дар раванди омӯзиш таъмин карда шаванд;

- ба мундариҷаи таълим маводи назариявии омодасозии омӯзгорони технология ва алоқамандӣ бо зеҳни сунъӣ дар раванди омӯзиш дохил карда шаванд;

- технологияи махсуси иттилоотӣ дар раванди таълиму тарбия ва амсилаҳои халқии низоми омодасозии омӯзгорони технология истифода бурда шаванд. Дар руҳияи меҳнатдӯстӣ ба касбу ҳунар тарбия намудани насли наврас ба оила, мактаб ва ҷомеа вобастагии зич дорад. Ин намуди тарбия аз оила маншаъ мегирад, ҳарчанд ки дар оила дар шакли ниҳоят одӣ таҳрезӣ ва корбаст гардида, тадриҷан дар мактаб мураккабтар ва дар ҷомеа инкишоф меёбад.

Бо таърихи гузашта, бахусус, ба таърихи қадимаи ниёгон бастаи пайдоиши касбу ҳунарҳои гуногун шиносонидани наслҳои наврасу ҷавонон, ки омил ба ташаккули ҷаҳони маънавии онҳо мегардад, дорои аҳамияти калони таълимию тарбиявӣ мебошад. Агар дар ҷараёни таълим вобаста ба ин ё он касбу ҳунар, алалхусус, дар мавриди ҳунарҳои занона маълумоти таърихи додан, шавқу завқи дӯстдорони ҳунарҳои мардумиро афзун мегардонад. Касбу ҳунарҳои занона чун дигар касбу ҳунарҳои мардумӣ (кулогарӣ,оҳангарӣ, шамшеру найзасозӣ, хумсозӣ, дегрезӣ, сабадбофию бурёбофӣ ва амсоли инҳо) байни омма шуҳрату маҳбубият ва таърихи пайдоиши хоси худро дорад.

Таърихи беҳтарин падидаҳои онро дар таълиму тарбияи хонандагон, албатта, ин вобаста ба барномаи таълимӣ дар шароити кунунии рушди ҷомеа истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

Мақсади таълиму тарбия, омӯзиши касбу ҳунар ва ба воя расонидани насли наврас низ аз сини хурдӣ ба он равона шуда буд , то онҳо соҳиби ақлу хиради шоиста, зеҳн баланд гардида, дар ояндаи наздик миллати тоҷикро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ карда тавонад.

Тоҷикон низ дар ин росто бо касбу ҳунарҳои мардумии худ машҳур буданд. Ин касбу ҳунарҳо аз ҷиҳати назариявӣ дар асарҳои олимон муҳаққиқони хориҷию ватанӣ мавриди назар шудаанд. Аз ҷумла, дар асарҳои олимони тоҷик Х. А. Афзалов, Бобоева М.Ҷ.,М. Орипов, М. Д. Ашуров, А. К. Асроров, М. Дадабаев, Х. А. Ҷалилов, О. А. Исломов, М.Лутфулло,

Ҳ. Маҳмудов, Раҷабов Ҷ.,Тошхуҷаева С.А.Ф. Шарифзода, И.О.Обидов ва дигарон диққати махсус ба педагогикаи халқӣ дода шудааст.

Профессор В. Т. Лихачёв дар кори худ “Назарияи тарбияи эстетикии мактаббачагон” қайд намудааст, ки ҳар як миллат дорои анъана ва урфу одати худ мебошад, ки дар худ табиати тарбиявӣ доранд[2 с 2.]

К. Ушинский овардааст: «Маориф ва омӯзиш дар халқ ҳамон қадар садсолаҳо вуҷуд дорад, ки худи халқ ҳамон қадар вуҷуд дорад – бо халқ пайдошудааст, бо халқ рушд намудааст, дар худ таърихи халқ, тамоми сифатҳои беҳтарини омӯзгори халқро таҷассум намудааст”[ 3.с 3. ]

Дар асоси ин гуфтаҳо, таърихи халқ ва арзишҳои ахлоқии он, ки дар байни онҳо арзишҳои тарбиявӣ асосӣ маҳсуб меёбад, бояд мавриди диққати махсуси таҳсилоти муосир бошанд. Профессор Г.Н.Волков, дуруст қайд намудааст, ки: "Бе хотирот (таърих) -анъана нест, бе анъана фарҳанг нест, бе фарҳанг тарбия нест, бе тарбия маънавиёт нест, бе маънавият шахсият нест, бе шахсият халқ нест, ки формулаи тиллоии педагогикаи халқӣ мебошад[ 1,с 3.].

Дар замони муосир раванди ҷаҳонишавӣ доираи муносибатҳои байналмилалӣ ва майдони равобити фарҳангиро фарох намуда, зарурати эҳёи анъанаҳои фарҳанги миллӣ ва беҳдошти асолати онҳоро тақозо менамояд.

Дастгирии занон низ оид ба касбу ҳунарҳои мардумӣ аз тарафи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле назаррас буда, занони бекор ва бешулғ низ ба корҳои ҷамъиятӣ ҷалб гардида истодаанд. Дар ин росто рушди фарҳанги миллӣ барои таҳаввули муносибатҳои байнидавлатӣ дар самти эҳёи ҳунарҳои бадеии халқӣ ва ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддӣ аҳамияти бағоят муҳим дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистони тозабунёд бо анъанаҳои ҳазорсолаи фарҳангӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавқеи аввалиндараҷа дорад.

Яке аз ҷузъҳои фарҳанги халқ ҳунарҳои занонаи тоҷикӣ мебошад. Ҳунарҳои анъанавӣ аз қадим ҳифзшуда ба мардона ва занона ҷудо карда мешаванд. Чи тавре ки қабул карда шуда буд, дӯзандагӣ, бофандагӣ, асосан, касбҳои анъанавии занона ҳисоб карда мешуданд, ки бо зисту зиндагии занон ба табиати ватан ва шароитҳои иҷтимоӣ алоқаи зич доштанд. Айни замон, ҳунарҳои мардумӣ бо занонаю мардона ҷудо намешаванд, яъне ҳамаи ҳунармандон ба касбу ҳунарҳои мардумӣ машғул мебошанд.

Мо омӯзгорон ҳунарҳои маъмулии занонаро аз нуқтаи назари таърихӣ-фарҳангӣ ва педагогӣ баррасӣ менамоем. Санъати чакандӯзӣ низ ҷойгоҳи худро дорад. Дар ин намуди санъат урфу одат, анъана, тарбияи меҳнатӣ, тарбияи ахлоқӣ, тарбияи зебопарастӣ мақоми худро дорад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки омӯзгорони таълими меҳнатро оид ба ҳунарҳои мардумӣ омода созанд. Дар ҳақиқат дастгирии занон ба чашм аён буда, корхонаҳои хурди дӯзандагӣ, бофандагӣ, корҳҳои дӯзандагӣ, қаннодӣ, кошонаҳои ҳусн, грантҳои Президентӣ ва амсоли инҳо амалӣ гашта истодаанд.Занону духтарон дар ин ҷода бо ҳунари аҷдодони худамон мактаби хуро доранд.Масалан: Чевар ва чакандӯзӣ барҷаста аз ноҳияи Восеъ Сатторова

Бибимо қаламкаш ва чакандӯзӣ номдор буда, на танҳо тасвири гулҳо инчунин сюжаю тасвирҳо, тую маъракa,ҷашну идҳоро низ рӯи матоъ оварда чакандӯзӣ менамояд. Дар омодасозии муаллимони ояндаи технологияи махсус ва соҳибкорӣ фанҳои тайёрии касбӣ аҳамияти калон доранд. Ҳангоми омӯзиши ин фанҳо муаллимони оянда дониш ва малакаҳои касбӣ ба даст меоранд.

Дар педагогика диққати махсус ба тайёр кардани муаллимони оянда, нақши иҷтимоии ӯ ва неруи насли наврас равона карда шудааст.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки мутахассисон дорои сатҳи баланди шахсияти миллӣ, ки муҳтавои таърихӣ, фарҳанг ва этнопедагогии халқи худро дӯст медоранд, бошанд. Ҳадафи маориф бояд ба он мусоидат намояд, ки донишҷӯён дар бораи решаҳои худ ва арзишҳои ахлоқӣ андеша намоянд ва бо ҳамин роҳ ҷойгоҳи фарҳанги миллии худро дар ҷаҳон муайян карда тавонанд ва ба фарҳангҳои дигар давлатҳо эҳтиром гузоранд. Шахсе, ки санъати миллии худро намефаҳмад, наметавонад фарҳанги як миллатро ҳис кунад ва психологияи миллати дигарро фаҳмад.

Ҳамин тариқ, халқи тоҷик дар давоми таърихи бисёрасраи худ сабки нотакрори худро дар санъати ороишӣ офарид. Орзуи зебонигории халқ, муносибати ӯ бо табиат ва ҳаёти ҷомеа, одат, расму оинҳо ва санъати миллӣ инъикоси худро дар ҳунарҳои мардумии занона (зардӯзӣ, пиллакашӣ, даврагирӣ, сӯзандӯзӣ, пахтакашӣ, ресандагӣ, бофандагӣ, чакандӯзӣ ва дигар намудҳои санъату ҳунарҳои миллӣ) ёфт.

Дар асри ташаккули техника ва технологияи навин ҳунарҳои мардумӣ дар системаи таҳсил ва тарбия дар тамоми муассисаҳои таълимӣ аҳамияти бештар касб мекунанд. Тарбияи босифати омӯзгорони технология бо истифода аз воситаҳои касбу ҳунарҳои мардумӣ дар якҷоягӣ бо зеҳни сунъӣ дурнамои беҳтарин дар нақшаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва педагогӣ мебошад,ки ба афзоиши эътибори он дар муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеа мусоидат мекунанд.

Хуллас, ҳунармадӣ яке аз омилҳои пешрафти ҷомеа ва болоравии вазъи иқтисодии ҳунармандон ба шумор рафта, барои аз байн нарафтани фарҳанг, санъати ороиши бадеӣ, урфу одат, анъана ва расму оинҳои қадимаи аҷдодони гузаштаамон боис шуда метавонад.

**Адабиёт:**

1. Волков, Г.Н. Этнопедагогика Г.Н. Волков. – М. [Текст] // Academia, 1999. – 165
2. Лихачев, Б.Т. Педагогика: курс лекций учеб. пособие для студентов учитель, учеб. заведений и слушателей ИПК и ФПК / Б.Т. Лихачев. [Текст] // – 4-е изд, перераб. и доп. М.Прометей, Юрайт, 2003. – 607 с.
3. Ушинский, К.Д. О народности в общественном воспитании К.Д. Ушинский Избранные пед. сочинения: в 2 т. – М.: Педагогика, 1974. – Т.1. – 548.
4. Э.РаҳмонПаёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,Пешвои миллат муҳтарам “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” Душанбе “Омӯзгор”№(12327)23-декабри соли 2021.

**Маълумот дар бораи муаллиф/Сведения об авторе/Author information:**

**Мирзоева Б. И.,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълимии факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735360, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. **Телефон:** +992 (918) 25-06-50, **Почтаи электронӣ:** mirzoeva-buhafsa@mail.ru

**Мирзоева Б. И.,** кандидат педагогических наук, доцент кафедры гуманитарных наук и методики обучения факультета образования и культуры Кулябского государственного университета имени Абуабдуллоха Рудаки. **Адрес:** Республика Таджикистан, 735360, г. Куляб, ул. С. Сафарова, д. 16. Телефон: +992 (918) 25-06-50, E-mail: mirzoeva-buhafsa@mail.ru

**Mirzoeva B. I.,** PhD (Pedagogy), Associate Professor, Department of Humanities and Teaching Methodology, Faculty of Education and Culture, Kulyab State University named after

Abuabdulloh Rudaki. **Address:** 16 S. Safarov Street, Kulyab, 735360, Republic of Tajikistan. Phone: +992 918 25 06 50, E-mail: mirzoeva-buhafsa@mail.ru

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ҚАРЗДИҲИИ БОНКӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ МУОСИР

**Раҳимова М.Н., Алиева Т.**
*Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон*

**Анататсия.** Мақола равандҳои назариявӣ ва амалии қарздиҳии бонкиро дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Муаллифон қайд мекунад, ки тағиротҳои технологӣ ва иқтисодӣ зарурати бознигарии мафҳум ва принсипҳои қарздиҳиро ба вуҷуд овардааст. Дар баробари принсипҳои анъанавӣ — мӯҳлатнокӣ, кафолатнокӣ, бозгаштнокӣ, музднокӣ ва мақсаднокӣ, инчунин принсипҳои муосир, аз ҷумла шаффофият, фардикунонӣ, амният, самаранокӣ ва дастрасӣ бояд дар раванди қарздиҳии бонкӣ роҳандози гарданд. Рақамикунонии қарздиҳии бонкӣ бо истифодаи зеҳни сунъӣ, иттилооти калон, моделҳои скорингӣ ва меъёрҳои ESG ба такмили идоракунии хавф, беҳсозии равандҳои амалиётӣ ва рушди устувори низоми бонкӣ мусоидат мекунад. Рақамикунонии қарздиҳӣ на танҳо усулҳои амалиро тағйир дод, балки ба рушди асосҳои назариявии он замина мегузорад.

**Калидвожаҳо**: қарз, низоми бонкӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, қарздиҳии бонкӣ, рақамикунонӣ, принсипҳои анъанавӣ ва муосир.

**Аннотация.** В статье рассматриваются теоретические и практические процессы банковского кредитования в контексте цифровизации экономики. Авторы отмечают, что технологические и экономические изменения обусловили необходимость переосмысления концепции и принципов кредитования. Наряду с традиционными принципами – срочностью, залогом, обратимостью, возмездностью и целевым назначением – в процесс банковского кредитования должны быть внедрены современные принципы, включая прозрачность, персонализацию, безопасность, эффективность и доступность.

Цифровизация банковского кредитования с использованием искусственного интеллекта, больших данных, скоринговых моделей и критериев ESG способствует повышению эффективности управления рисками, совершенствованию операционных процессов и устойчивому развитию банковской системы. Цифровизация кредитования не только изменила практические методы, но и заложила основу для развития его теоретических основ.

**Ключевые слова**: кредит, банковская система, коммерческие банки, банковское кредитование, цифровизация, традиционные и современные принципы.

**Annotation.** This article examines the theoretical and practical processes of bank lending in the context of the digitalization of the economy. The authors note that technological and economic changes have necessitated a rethinking of the concept and principles of lending. Along with traditional principles—term, collateral, reversibility, repayment, and purpose—modern principles, including transparency, personalization, security, efficiency, and accessibility, must be integrated into the bank lending process.

Digitalization of bank lending using artificial intelligence, big data, scoring models, and ESG criteria contributes to the increased effectiveness of risk management, the improvement of operational processes, and the sustainable development of the banking system. Digitalization of lending has not only changed practical methods but also laid the foundation for the development of its theoretical foundations.

**Keywords:** credit, banking system, commercial banks, bank lending, digitalization, traditional and modern principles.

Қарздиҳии бонкӣ механизми муҳими низоми бонкӣ ва молиявӣ буда, рушди устувор ва суботи иқтисодиро таъмин мекунад. Қарзи бонкӣ яке аз омилҳои асосии гузариш ба рушди устувори иқтисодиёти миллӣ, бахусус саноат, дар шароити муосири рақамикунонӣ истифодаи он барои таъмини рақобатпазирии субъектҳои иқтисодӣ мусоидат мекунад. Дар ин раванд, асосҳои назариявии қарздиҳӣ дар ҳоли тағйирёбӣ қарор дошта, тағйиротҳоро дар иқтисоди ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва миллӣ ва ниёзҳои ҷомеъаро инъикос мекунад. Дар шароити муосир принсипҳои анъанавии қарздиҳӣ низ бо равишҳои инноватсионии таҳлил ва идоракунии хатарро муттаҳид гардида, истифодаи намудҳои муосири онро исбот мекунад.

Бо вуҷуди он ки истилоҳ ва мафҳуми «қарз» дар тӯли ҳазорсолаҳо мавриди истифода қарор дорад, дар адабиети иқтисодӣ, инчунин дар китобҳои дарсӣ, он ҳамчун категорияи мураккаби иқтисодӣ маънидод карда шуда, байни олимон оиди он мафҳумҳои гуногун ҷой дорад. Масъалан, Лексис В. қайд кардааст: «Карз соддатарин ва дар айни замон умумитарин шакли муомилоти карзӣ мебошад»[6, с.7]. Академик Трахтенберг В. навишта буд: «Қарз мавҳуми техникӣ нест, балки категорияи иҷтимоӣ аст... аз ҷиҳати таърихӣ маҳдуд аст» [11,с.15-16]. Олими ватанӣ , профессор Ш.Раҳимзода қарзро ҳамчун —маблағҳои пулие, ки муваққатан ба шахси воқеӣ ё ҳуқуқии дигар бо шартҳои баргардонидан ва пардохт дода мешавад, муайян кардааст» [10, с.221-222].

Аммо бидуни баҳсҳо, мафҳуми «қарз»-ро метавон ҳамчун шакли муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар натиҷаи муваққатан аз қарздиҳанда ба қарзгиранда интиқол додани сармояи қарзӣ дар асоси боварӣ ва ризоияти тарафҳо, бо ба расмият даровардани шартномаи қарзӣ дар асоси риояи принсипҳои он (мӯҳлатнокӣ, кафолатнокӣ, бозгаштнокӣ, музднокӣ ва мақсаднокӣ) шарҳ дода шавад.

Аммо дар раванди рақамикунонии иқтисодиети миллӣ , инчунин рақамисозии қарзҳои бонкӣ ва хизматрасониҳои марбут ба он боиси пайдоиши шаклҳои нави ҳамкорӣ ва муносибатҳои қарзӣ мегардад.

Тавре ки аз таҷрибаҳои беҳтарини байналмилалӣ бармеояд, табдили рақамии бахши бонкӣ ва раванди рақамикунонии қарздиҳӣ, ба беҳсозии равандҳои тиҷоратӣ ва эҷоди маҳсулотҳои рақамӣ, инчунин татбиқи моделҳои инноватсионии қарздиҳии ба талаботи мизоҷон нигаронида шуда, ки дар назарияҳои муосир ба рафтори мизоҷ, зеҳни сунъӣ, иттилооти калон ва меъёрҳои ESG аҳамияти бештар медиҳад, асос ёфтааст.

Дар ин раванд, боиси қайд аст, ки рақамикунонии қарздиҳии бонкӣ ба мундариҷа ва муҳтавои қарз, инчунин ба маҷмуи принсипҳои истифодашаванда дар раванди қарздиҳӣ таъсир расонида, баробари намудҳои анъанавии он, ба принсипҳои муосир такя мекунад. (Ҷадвали 1.)

**Ҷадвали 1. Маҷмуи принсипҳои анъанавӣ ва муосири қарздиҳӣ дар шароити рақамикунонии фаъолияти бонкӣ**

| ПРИНСИПҲОИ АНЪАНАВӢ | ПРИНСИПҲОИ МУОСИР |
|---|---|
| Мӯҳлатнокӣ | Шаффофиятӣ |
| Кафолатноки | Фардикунонӣ |
| Бозгаштнокӣ | Амнияткунонӣ |
| Музднокӣ | Самаранокӣ |
| Мақсаднокӣ | Дастрасӣ |

Манбаъ: аз ҷониби муаллиф бо истифода аз [3, с.28].

Таҳлили ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки дар баробари принсипҳои анъанавии қарздиҳии бонкӣ: (мӯҳлатнокӣ, яъне ба муҳлати муайян додани маблағи қарз; кафолати баргардонидани маблағи қарз, таъмини бозгашти маблағи қарз, музднокӣ, яъне пардохти фоиз барои истифодабарии маблағи қарз, мақсаднок истифодаи маблағи қарз) дар заминаи рақамикунонии қарздиҳии бонкӣ намудҳои нави он (самаранокӣ, дастрасӣ, фардикунонӣ, шаффофиятӣ, таъмини амният) пайдо ва истифода мешаванд, ки дар умум назарияи қарзро ғанӣ мегардонанд.

Дар шароити муосир, бонкҳои тиҷоратӣ ва корхонаҳои саноатӣ хизматрасонии қарзиро зери таъсири омилҳои гуногуни замони имруза, инчунин, воридоти технологияҳои нави рақамӣ, таъмини амнияти рақамӣ, рақобат бо ташкилотҳои финтех, риояи талаботҳои иҷтимоию экологӣ, фаъолият дар шароити иқтисодии ноустувор,ки хавфҳои навро эҷод мекунад, роҳандозӣ мекунанд. Аз ин лиҳоз, раванди қарздиҳӣ ба таври ҷиддӣ тағйир ёфта, ба ғайр аз риояи принсипҳои анъанавӣ, истифодаи принсипҳои муосири қарзиро, ки ба идоракунии хавф, шаффофият, инноватсия ва устуворӣ равона шудаанд, бояд роҳандозӣ намоянд. [1,с.3].

Дар ин ҷода, муҳтавои истифодаи принсипҳои муосири қарздиҳии бонкӣ, ки бо рушди технологияҳои рақамӣ, мураккаб гардидани бозорҳои молиявӣ ва тағйири рафтори истеъмолкунандагон, асос ефтааст ба равишҳои нав, инчунин:

- принсипи шаффофиятӣ, ки қарзҳои рақамӣ бояд бо мизоҷ тамоми маълумотро дар бораи фоиз, комиссияҳо ва хизматрасониҳои иловагӣ пешниҳод кунанд ва арзёбии таъсири қарздиҳӣ ба рушди устувор дар доираи равиши қарздиҳии масъулона ESG, маблағгузории лоиҳаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ, ва ба назар гирифтани омилҳои ғайримолиявӣ дар қабули қарорҳо асос меебад;

- фардикунонӣ, яъне дар шароити рақобати шадиди байни бонкӣ ва бо ташкилотҳои финтех, маҳсулоти инфиродии қарзӣ бояд бо назардошти талаботҳои мизоҷон бо пешниҳодҳои меъёрҳои чандирии фоизҳо, муҳлатҳои имтиёзнок, пешниҳоди онлайн-аризаҳо ва барномаҳои вафодорӣ, ки мизоҷ нигаронида шудааст, пешкаш шавад;

- амнияткунонӣ, яъне бонкҳои муосир фаъолона аз менежменти хавф истифода мебаранд ва моделҳои скорингӣ, алгоритмҳои математикӣ ва омӯзиши мошинӣ барои

арзёбии қобилияти қарзгирии мизоҷ, таъмини амнияти рақамии он, ба пешгӯиҳои эҳтимолии рафтори қарзгир асос меёбад;

- самаранокӣ, ки ба истифодаи технологияҳои инноватсионӣ (замимаҳои мобилӣ, шартномаҳои интеллектуалӣ ва блокчейн ва ғайра) баҳри коҳиши хароҷотҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва хароҷотҳои трансаксионии мизоҷон асос меебад;

- дастрасӣ, яъне пешниҳоди хизматрасонии қарзӣ бо истифодаи каналҳои анъанавӣ ва муосири фосилавӣ бо истифодаи интернет-банкинг, телефонҳои мобилӣ ва ғайра. [1, с14].

Тағйироти иқтисодӣ боис мегарданд, ки назарияҳои анъанавии қарз бознигарӣ шаванд ва равишҳои нав ба вуҷуд оянд, ки оиди рушди асосҳои назариявии қарздиҳии бонкиро дар шароити муосир инъикос мекунад.

Мувофиқан, метавон хулоса кард, ки рақамикунонии фаъолияти бонкӣ, аз ҷумла қарздиҳии бонкӣ, на танҳо ҷанбаҳои амалиётӣ ва технологии қарздиҳии бонкиро тағйир медиҳад, балки боиси таҷдиди назар ва пайдоиши муқаррароти нави назариявӣ ва моделҳои қарздиҳӣ бо назардошти воқеиятҳои нави рақамӣ, низ шудааст, ки зарурияти таҳқиқотҳои иловагиро талаб мекунад.

**Адабиёт:**

1. Ганизода Р.Г.Цифровизация банков: экономико-управленческие теории, регуляторные координаты, социально-экономические последствия, фундаментальные сдвиги. Монография, Душанбе, 2025.
2. Грузинская Е.В.Принципы кредита как основа формирования кредитных отношений//Вестник Полоцкого государственного университета. Серия D. Экономические и юридические науки. 2011. № 6. С. 58-62.
3. Исаева Е.А.Банковское кредитование: тренды и новые технологии//Имущественные отношения в Российской Федерации. 2023. № 4 (259). С. 23-32.
4. Комилова К.Н., Шарифзода Б.М.Самтҳои афзалиятноки такмили истифодаи воситаҳои маркетинги рақамӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ//Иқтисодиёти Тоҷикистон. 2023. № 4. С. 85-91.
5. Костерина Т.М., Панова Т.А.Методологические основы анализа границ кредита//Финансы и кредит. 2015. № 32 (656). С. 26-38.
6. Лексис В. Қарз ва бонкҳо- М.: Перспектива, 1993.
7. Назариева Х.Г., Шарипов Б.М.Совершенствование кредитных продуктов для малого и среднего бизнеса в рамках клиентоориентированной цифровой модели бизнеспроцессов//Финансово-экономический вестник. 2021. № S4.2 (29). С. 256-262.
8. Панова Г.С. Сиёсати қарзии бонки тиҷоратӣ.- М.: ИКЦ «ДИС», 1997.
9. Питерская Л.Ю., Попова М.И. Современные направления трансформации процесса кредитования//Вестник Академии знаний. 2022. № 53 (6). С. 366-368.
10. Рахимзода Ш. Муомилоти пули ва карз. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018.

**Маълумот дар бораи муаллиф/ Информация об авторе/Information about the author**

**Раҳимова Мунира Назруллоевна**, Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, Борбад 9/1. Тел.: +(992)985 24 79 13.

Ба чоп 22.04.2026 супорида шуд. Қоғази офсет.
Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопии шартӣ 13.31.
Гарнитура Times New Roman.
Теъдоди нашр 100 нусха.
Дар матбааи КВД “Матбаа” ба табъ расидааст.